ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**ВБД:** 351.811.12(575.3)
**ББК:** 39.311(2Т)
**С**-80

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**СУЛТОНЗОДА ШОҲКАРИМ СУЛТОН**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Мирзозода П.З.

**ДУШАНБЕ – 2026**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.......................3**
**МУҚАДДИМА** ……………………………………………………..............4-18
**БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМИИ МУНОСИБАТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД.........................19-83**
1.1. Мафҳум ва унсурҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард …................................................19-59
1.2. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард........................................................................................59-75
1.3. Танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ..……...............................................................................75-83
**БОБИ 2. ТАНЗИМИ ШАРТНОМАВИИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛУМУЛКӢ ДАР БАХШИ СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД...........................................................................84-124**
2.1. Нақши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард.......................................................................................84-94
2.2. Тавсифи умумии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меоянд.......................................................................................................94-124
**БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ПАЙМОНКОРӢ ДАР СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД............................125-150**
3.1. Ҷавобгарии молумулкии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард............................................................125-139
3.2. Ҷуброни зарари маънавӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард...................................................................................139-150
**ХУЛОСА** ………………………………………………………........151-157
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...........................................................................................158-159**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)...................................................160-174**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМ**……….............................................................................................175-178

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ФР** – Федератсияи Русия;

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ;

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КНА ҶТ** – Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КХРА** – Комиссариати халқии роҳҳои алоқа;

**БОР** – Бонки Осиёгии Рушд;

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

**МДНРА** – Марказҳои дастгирии нақлиёти рушди аҳолӣ;

**ОПЕК** – Ташкилоти кишварҳои содиркунандаи нафт;

**ҶШСФР** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Федеративии Русия;

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид;

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии савдо;

**СД** – Стандартҳои давлатӣ;

**СНиП** – Қоидаҳо ва меъёри сохтмон;

**ҶМШСТ** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон;

**ҲИМО** – Ҳамкории иқтисодии минтақавӣ ва омор;

**қ.** – қисм;

**КЯҒ** – косплекси ягонаи ғайриманқул;

**ғ.** – ғайраҳо.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофии Тоҷикистон, ки 93% қаламравашро кӯҳҳо фаро гирифтаанд ва танҳо 7%-ро заминҳои ҳамвор ташкил медиҳанд, эҳтиёҷ ба сохтмони роҳҳои муосири автомобилгард беш аз пеш муҳим аст. Таъмиру барқарорсозӣ ва навсозии ин роҳҳо яке аз вазифаҳои меҳварии давлат ба шумор меравад. Тавре ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидааст: «Бо мақсади раҳо намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он Ҳукумати мамлакат аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди вазъи душвори иқтисодиву молиявӣ, тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар намуд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 37,9 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.

Дарояндаи наздик роҳҳои Тоҷикистон ба сифати долони транзитӣ ва иқтисодии «Чин, Тоҷикистон, Афғонистон» ва «Чин, Тоҷикистон, Узбекистон, Туркманистон, Эрон, Туркия, Аврупо», инчунин, «Тоҷикистон , Чин , Покистон» истифода хоҳанд шуд [14].

Танҳо дар соли 2025, 23 километр роҳҳои мошингард ба маблағи 5.4 миллиард сомонӣ бо талаботи байналмилалӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуданд.

Дар се соли оянда дар шаҳри Душанбе 40 километр роҳҳои мошингард бо 7 эстакада бо арзиши умумии зиёда аз 3 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода мешаванд.

Қобили зикр аст, ки солҳои охир сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои маҳаллӣ вусъати тоза гирифта, танҳо дар соли 2026 сохтмону азнавсозии 300 километр роҳҳои автомобилгарди байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба маблағи умумии 3 миллиард сомонӣ оғоз мегардад» [14].

Барои панҷ-шаш соли минбаъда, нақшаи мушаххасе тарҳрезӣ шудааст, то роҳҳои байналмилалӣ ва дохилии кишвар ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ гарданд. Ин икдом имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ба як кишвари транзитӣ мубаддал гашта, заминаи мустаҳкам барои рушди иқтисод ва беҳбуди сатҳи зиндагии мардумро фароҳам созад. Дар баробари ин, нигоҳдории самаранок ва истифодаи дурусти роҳҳои навсохташуда яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад [15].

Раванди босамари роҳсозӣ дар пешрафти иқтисод ва фаъолияти соҳибкорӣ нақши бориз дорад. Гарчанде дар солҳои охир фаъолияти соҳибкорон, дар ин самт густариш, маблағгузорӣ афзоиш ёфта, кори ширкатҳои сохтмонӣ пурзӯр шудааст, мушкилоти зиёде ҳанӯз боқист, ки ҳалли онҳо ба ислоҳоти қонун ниёз дорад. Аз ҷумла, бояд реҷаи ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард мушаххас шавад: оё онҳо ашёи манқуланд ё ғайриманқул, ҷузъи маҷмуи ягонаи инфрасохтор ҳастанд ё объекти хаттӣ? Оё роҳҳо метавонанд ба моликияти хусусӣ гузаранд ва тартиби идоракунии онҳо чӣ гуна бояд бошад? Ин саволҳо то ҳол беҷавоб мондаанд.

Масъалаи дигар, мутобиқати роҳҳо ба талаботи иқтисоди бозор аст. Имрӯз, ширкатҳои ғайридавлатӣ дар соҳаҳое, ки қаблан танҳо дар дасти давлат буданд, нақши муҳим доранд ва дар рушди иқтисод саҳми онҳо назаррас аст. Дар бахши роҳсозӣ низ фаъолияти онҳо афзоиш ёфтааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки нигоҳдории роҳҳо аз ҷониби ташкилотҳои хусусӣ, ҳатто агар пулакӣ бошад, барои ҳар ду ҷониб судманд аст ва талабот ба чунин ширкатҳо нисбат ба муассисаҳои давлатӣ бештар мешавад.

Замин ҳамчун моликияти давлат бояд ба таври мақсаднок истифода шавад ва яке аз самтҳои муҳимми он бунёди роҳҳои автомобилгард аст, ки ба манфиати мардум хидмат мекунад.

Сиёсати давлатӣ ва адабиётҳои ҳуқуқӣ собит месозанд, ки замин дар оянда низ ҳамчун моликияти истисноии давлат, тавре ки дар Конститутсияи ҶТ омадааст, боқӣ хоҳад монд [1]. Бо вуҷуди ин, қонунгузорӣ роҳҳои мухталиферо барои кафолати истифодаи замин ба манфиати мардум

пешниҳод мекунад. Яке аз самтҳои муҳимми истифодаи замин бунёди роҳҳои автомобилгард аст, ки ҳамчун афзалият дар истифодаи захираҳои замин эътироф шудааст. Дар ин замина, омӯзиши ҳолати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард торафт аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Истифодаи оқилонаи заминҳое, ки барои сохтмони роҳҳо ҷудо шудаанд, дар рушди иқтисоди кишвар саҳми бузург дорад. Бо густариши муносибатҳои бозаргонӣ ва пайдоиши моликияти хусусӣ, аз ҷумла имкони соҳибӣ кардани роҳҳои автомобилгард аз ҷониби шахсони алоҳида, зарурати таҳлили ҳуқуқии ин масъала боз ҳам муҳимтар мегардад. Зеро ҳам нафарони алоҳида ва ҳам ширкатҳо метавонанд бо роҳҳои гуногун аз ин дороии давлатӣ истифода баранд. Аз ин рӯ, танзими ҳуқуқии ин раванд ва баррасии он аз нигоҳи илмӣ ниҳоят зарур аст.

Дар Тоҷикистон беш аз 90% мусофиркашонӣ ва 70% боркашонӣ тавассути роҳҳои автомобилгард сурат мегирад. Дар солҳои охир, беш аз 38 лоиҳаи сармоягузории хориҷӣ баҳри бунёди роҳҳо ҷалб шуда, зиёда аз 2000 километр роҳ ба истифода дода шуд. Афзоиши сармоягузорӣ ва тавсеаи муносибатҳо дар ин соҳа мушкилоти навро ба миён овардааст, зеро роҳҳои автомобилгард дигар танҳо дар ихтиёри давлат нестанд ва метавонанд аз ҷониби субъектҳои дигар низ идора ё истифода шаванд [124]. Баъзе аз монеаҳои мавҷуда инҳоянд: нокифоягии қонунгузорӣ, нарасидани таҳқиқоти ҷиддии илмӣ, рушд наёфтани шуури иқтисоди бозор, такмил наёфтани тартиби интиқоли ҳуқуқи моликият ба шахсони ғайридавлатӣ, бақайдгирӣ ва назорати чунин объектҳо.

Омӯзиши амиқи роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқӣ, унсури муносибатҳои соҳибкорӣ ва дороии қобили муомилаи маданӣ яке аз масъалаҳои асосии ин тадқиқот аст. Баррасии ин мавзуъ аз нигоҳи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи маданӣ бисёр муҳим аст.

Дар шароити муосир масъалаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгард ва ба иҷора додани онҳо дар низоми сиёсати давлатӣ ва фаъолияти иқтисодӣ аҳаммияти хосса

касб намуда, зарурати такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқиро дар ин соҳа пешакӣ муайян менамоянд.

Гарчанде Қонуни махсус «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» [5] дар ҶТ қабул шуда бошад ҳам, холигиҳои қонунгузорӣ дар ин самт ҳанӯз зиёданд, бахусус бо дарназардошти тағйироти босуръати муносибатҳои муосир. Қонунгузорӣ танҳо мафҳуми умумии роҳҳоро муайян карда, имкони соҳибӣ кардани онҳоро аз ҷониби субъектҳои хусусӣ пешбинӣ намудааст, аммо ҷузъиёти ин равандро мушаххас накардааст. Ин боиси пайдоиши ихтилофот дар қонунгузорӣ ва рушд наёфтани танзими ҳуқуқии роҳҳо шудааст. Таҳлили илмӣ ва баррасии ҷиддии ин масъала метавонад заминаро барои рушди дурусти ин муносибатҳо фароҳам созад.

Бо ба даст овардани истиқлолият ва қабули барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои гуногун ҷиҳати раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ташаккули тиҷорати дохилӣ, рушди сайёҳӣ ва пешрафти маҳалҳо, сохтмони роҳҳои автомобилгард суръати тоза гирифт. Санадҳои муҳим, аз қабили Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгард дар ҶТ» [4], Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 [15] ва Барномаи мақсадноки давлатии рушди маҷмааи нақлиёти ҶТ то соли 2025 [138], дар ин раванд қабул шудаанд.

Субъектҳои муносибатҳои соҳибкорӣ вобаста ба намуди фаъолияташон гуногунанд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои мухталиф доранд. Объектҳои ин муносибатҳо низ фарқ мекунанд: масалан, дар бахши қарздиҳӣ онҳо асъор ё коғазҳои қиматноканд, дар ҳоле ки дар соҳаи роҳсозӣ, роҳҳои автомобилгард ва маводи истифодашаванда дар сохтмон объектҳои асосӣ мебошанд.

Муносибатҳо дар ин бахш мураккаб буда, бо соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ танзим мешаванд. Танзими ҳуқуқии роҳсозӣ ҷанбаҳои гуногун дорад: танзими давлатӣ ҳанӯз ҳам бартарӣ дорад, аммо танзими хусусӣ, бахусус дар сохтмони инфрасохтори иқтисодӣ ва мудофиавӣ, рӯ ба афзоиш аст. Ин

бештар дар шартномаҳое, ки ба бунёди роҳҳои автомобилгард нигаронида шудаанд, мушоҳида мешавад.

Аз нигоҳи қонунгузорӣ ва назарияи ҳуқуқ, мафҳуми роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти мушаххаси ҳуқуқи маданӣ ҳанӯз комилан муайян нашудааст. Нокифоягии тарҳрезии Қонуни ҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» боиси тафсирҳои гуногун дар санадҳои зерқонунӣ ва амалияи ҳуқуқӣ гашта, муомилоти роҳҳоро дар доираи ҳуқуқи маданӣ душвор сохтааст.

Ба назар мерасад, ки роҳҳои автомобилгард бояд ҳамчун дороии мустақили ғайриманқул, ки аз маҷмуи моликият иборат аст, муайян шаванд.

Дар ин соҳа мушкилоти зиёд вуҷуд дорад, аз ҷумла рақобати шадид, ки барои соҳибкорони нав ворид шудан ба ин бозорро мушкил мегардонад.

Бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон барои фаъолият дар соҳаи роҳсозӣ то андозае шароит фароҳам аст. Сохтмони босуръати роҳҳо, зиёд будани лоиҳаҳои амалишаванда ва маблағгузории бесобиқа соҳибкоронро ба таъсиси ширкатҳои паймонкорӣ бахри бунёди роҳҳо ҳавасманд мекунад.

Новобаста аз он ки дар ҶТ масъалаи боркашонӣ тавассути роҳҳои наклиётӣ баррасӣ гардидааст, таҳлили заминҳои таъиноташон гуногун мавриди таҳқиқи олимон қарор гирифтааст, аммо то ҳол замине, ки дар он роҳҳои автомобилгард бунёд мегарданд, ё ин ки ҳолати ҳуқуқии худи роҳҳои автомобилгард дар сатҳи қонунгузорӣ ҷои худро наёфтааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асоси назариявии диссертатсияро корҳои илмӣ-таҳқиқотие ташкил медиҳанд, ки ба масъалаҳои умумии объекти ҳуқуқ, таърихи он, шартномаи консессионӣ ва иҷораи қитъаи замин бахшида шудаанд. Аз ҷумла, корҳои илмии олимони ватанӣ: Ш.К. Ғаюрзода [78], А.Д. Ғафуров [33], Э.С. Насриддинзода [60], Ф.М. Нодиров [84], С. Нарзулаев [119], М.А. Маҳмудзода [58], П.З. Мирзозода [117], В.А. Ойгензихт [62], М.З. Раҳимзода [65], Д.Ш. Сангинзод (Сангинов) [66], Ф.С. Сулаймонов [69], Ф.Т. Тоҳиров [43], Ш.Т. Тағойназаров [106], Р.Ш.

Шарофзода (Сотиволдиев) [68], Н.Ш. Шонасридинов [84] ва дигарон фарогири масъалаҳои зикргардида мебошанд. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз мадди назари олимони хориҷӣ низ берун намондааст. М.И. Брагинский [26], Г.М. Заяханов [114], Н.В. Курамжина [116], А.Т. Наниев [120], П.С. Озеров [72], А.П. Сергеев [35] ва чанде дигарон оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур таҳқиқот анҷом додаанд. Аммо дар ҶТ то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст. Аз ҷумла, аксарияти ҷанбаҳои роҳҳои автомобилгард, ки танзими махсусро талаб менамоянд, ҳанӯз коркард нашудаанд. Диссертатсияи мазкур баҳри бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – ДМТ) дар мавзуъҳои «Танзими шартномавӣ ва иҷрои уҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ» барои солҳои 2016-2020 ва «Таҳқиқи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» барои солҳои 2021-2025 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқаррароти ҳуқуқие мебошад, ки ҳолати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ва гардиши онҳоро дар муомилоти маданӣ ба тартиб медароранд. Ин таҳқиқот ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилот ва пешниҳоди тавсияҳо барои беҳтар кардани қонунгузорӣ нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо мақсади расидан ба ин ҳадафҳо, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ вазифаҳои зеринро пеш гузоштааст:

– шарҳи куллии хусусиятҳои муносибатҳои соҳибкорӣ дар самти бунёди роҳҳои автомобилгард;

– баррасии низоми идоракунии давлатӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ марбут ба сохтмони роҳҳои автомобилгард;

– муайян кардани пояҳои таърихии эволютсияи қонунгузорӣ дар бораи рушд ва сохтмони роҳҳои автомобилгард дар давраҳои мухталиф, ҳамроҳ бо таҳлили сарчашмаҳои танзимкунандаи ин соҳа;

– ташаккул додани тасаввуроти мушаххас ва асоснок кардани эътирофи роҳҳои автомобилгард ҳамчун унсури ҳуқуқӣ;

– таҳқиқ ва арзёбии шартномаҳои паймонкорӣ дар доираи сохтмони роҳҳои автомобилгард ва роҳҳои ҳалли монеаҳои марбут ба онҳо;

– тавзеҳи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳои шартномаи паймонкорӣ дар ин бахш, инчунин омӯзиши мақоми ҳуқуқии онҳо;

– кушодани мушкилоти марбут ба масъулияти молиявӣ ва молумулкӣ дар сурати нақзи шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар ҷараёни бунёди роҳҳои автомобилгард;

– омода кардани пешниҳодҳо ва тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва беҳсозии амалияи татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни сохтмони роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро андешаву назари олимон оид ба танзими ҳуқуқи сохтмони роҳҳои автомобилгард, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин соҳа ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти илмии мазкур доираи таърихии ба худ хос дорад, чунки аз марҳилаи тасдиқи мавзуъ, ҷамъоварии маводҳои таҳлилӣ, тасвиб, амалинамоии натиҷаҳои ҳосилшуда ва муҳокимаи он дар ҷаласаҳои кафедра мебошад. Макони таҳқиқоти мазкур кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ буда, заминаҳои инсонӣ, моддӣ-техникӣ ва зеҳнии вуҷуддошта, барои анҷоми ин таҳқиқоти муҳим мусоидат намуданд.

Давраи омода намудани таҳқиқоти мазкур фарогири солҳои 2018 – 2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла В.А. Ойгензихт, Ф.Т. Тоҳиров, Ш.Т. Тағойназаров, Ш.К. Ғаюрзода, Р.Ш. Шарофзода, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзода, М.А. Маҳмудзода, Н. Шонасридинов, А.Д. Ғафурзода, Ф.М. Нодиров, П.З. Мирзозода, Г.М. Заяханов, Н.В. Курамжина, П.С. Озеров, А.П. Сергеев ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди корбаст қарор гирифтааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи меъёрии таҳқиқоти диссертатсияро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар диссертатсия консепсия, стратегия, барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки нахустин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба проблемаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ва худи фаъолият доир ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия тамоми паҳлуҳои танзими ҳуқуқии сохтмони роҳҳои автомобилгард таҳқиқ шудаанд.

Чунончи, муаллиф маҷмуи масъалаҳои зеринро баррасї намудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонї маҳсуб меёбанд:

– ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқӣ оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дар марҳилаҳои мухталифи таърих, аз ҷумла дар замони муосир муайян карда шудааст;

– хусусиятҳои ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ таҳлил карда шудаанд;

– хусусиятҳои танзими шартномавии муносибатҳои паймонкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард муайян карда шудааст;

– тавсифи умумии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятии аз иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард бавуҷуд меомада, баррасӣ гардидааст;

– ҷавобгарии тарафҳо барои вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавӣ таҳлил гардида, ҳолатҳо ва асосҳое, ки сабаби қатъ гардидани шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард мегарданд, асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои зеррин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунанд:

1. Муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши бунёди роҳҳои автомобилгард маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиянд, ки дар натиҷаи сабти давлатӣ, идоракунӣ ва назорати фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ шакл мегиранд. Ин робитаҳо баҳри сохтмони босифати роҳҳо дар минтақаҳои дорои релефи печида, истифодаи мақсадноки қитъаҳои замин, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва ҳамчунин ҷараёни иҷрои корҳои соҳибкорӣ, аз қабили омодагии геодезӣ бо истифода аз аксбардории топографӣ, омӯзиши сохтори релеф, хок, ковокиҳои замин ва манбаъҳои об дар он минтақа нигаронида шудаанд.

Муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои дорои вижагиҳои хосанд:

а) инҳо дар ҷараёни гирифтани иҷозатномаҳо ташаккул меёбанд;

б) пойбандӣ ба шартҳои иҷозатнома заминаи асосии фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳад, аз ин рӯ, мақомоти давлатӣ пайваста ва бемайлон иҷрои онҳоро зери назар қарор медиҳанд;

в) ин муносибатҳо дар заминаи моликияти истисноии давлат ба вуҷуд меоянд;

г) масъулияти соҳибкор дар ин муносибатҳо ҳатто пас аз анҷоми кор ва қабули он аз ҷониби фармоишгар ба муддати тулонӣ боқӣ мемонад;

д) ин муносибатҳо аз лиҳози иқтисодӣ ва стратегӣ аҳаммияти бузург доранд.

2. Таърихи инкишофи қонунгузорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард аз 5 марҳила иборат аст: марҳилаи аввал аз пойдоршавии Ҳокимияти Шуравӣ то соли 1929, ки дар ин давра қонунгузории бахши роҳҳои автомобилгард аз санадҳое иборат буд, ки аслан ба идоракунии давлатии роҳҳои автомобилгард равона гардида буд; марҳилаи дувум, ки аз барномаи бузурги сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ маншаъ гирифта, солҳои бунёди аввалин роҳҳо бо сангфаршшударо дар бар мегирад ва ба таҳияи нақшаи панҷсолаи якум ва дуюм рост меояд; марҳилаи сеюм - солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дар бар мегирад, ки дар он солҳо афзалияти аввалиндараҷа ба хатти ҷабҳа дода мешуд, аз ин рӯ, бунёди роҳҳои автомобилгард дар зинаи дуюм қарор гирифт; марҳилаи чорум солҳои 1946 то 1990-ро дар бар мегирад, ки аз шаклгирии Вазорати нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон то ҷалби колхозҳову совхозҳо дар сохтмони роҳҳои автомобилгардро дар назар дорад. Дар ин давра фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба ташкили ҳамкориҳои бахши давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона равона шуда буд; марҳилаи панҷум дар даврони Истиқлоли давлатӣ, ки дар он сохтмони роҳҳои автомобилгард тобиши нав касб намуданд, чунки яке аз ҳадафҳои стратегии давлат маҳз баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

3. Танзими давлатӣ дар бахши муносибатҳои соҳибкорӣ марбут ба бунёди роҳҳои автомобилгард, як маҷмуи тадбирҳои ҳуқуқиест, ки хусусияти иҷроӣ, ҳавасмандсозӣ ва назоратиро дар бар гирифта, баҳри расидан ба ҳадафҳои дурнамои стратегӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст. Ин раванд аз тарафи ниҳодҳои масъули давлатӣ масъул нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ татбиқ мегардад.

Идоракунии давлатӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард маънои дахолати мақсадноки давлат ба муносибатҳои соҳибкориро дорад, ки ин дахолат дар чаҳорчӯби муқаррароти қонун аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор амалӣ мешавад. Мавзуи идоракунии давлатии ин соҳа муносибатҳое мебошанд, ки ба омӯзиши

қитъаҳои замин ва баланд бардоштани самаранокии роҳҳои автомобилгард рабт доранд. Ҳадафи калидии идоракунии давлатии ин соҳа ноил шудан ба дурнамои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили раҳоӣ аз анклавҳои коммуникатсионӣ, тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ ва инкишофи робитаҳои тиҷоратӣ байни минтақаҳои наздик ва дур мебошад. Бар хилофи дигар намудҳои таъсиррасонии давлатӣ, идоракунии давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин бахш нисбат ба он субъектҳое нигаронида шудааст, ки бо моликияти истисноии давлат, ба замин, сарукор доранд.

4. Ба зиммаи ташкилоти масъул барои нигоҳдории сифати дахлдори роҳҳои автомобилгард вазифаҳои иловагӣ гузоштан роиҷ аст, аз ҷумла пешниҳоди гузориши солона ба ниҳодҳои марбути давлатӣ дар бораи ҳаҷм, навъ, хароҷоти анҷомшуда, сифати роҳҳо ва дурнамои ояндаи онҳо, ки ин ба истифодаи босамар ва мақсадноки роҳҳои автомобилгард мусоидат хоҳад кард. Дар иртибот бо ҳолати кунунии роҳҳои автомобилгард дар кишвар, пешниҳод мегардад, ки масъулияти нигоҳдории ин роҳҳо то муддати муайян ва дар чаҳорчӯбаи шартномаи консессионӣ бештар бар дӯши субъектҳои ғайридавлатӣ, аз ҷумла паймонкорон, вогузор шавад. Ин равиш аз он ҷиҳат муфид аст, ки масъулияти паймонкорро ҳам дар марҳилаи сохтмон ва ҳам дар давраи нигоҳдории баъдӣ ҷиҳати таъмини сифати хуби роҳҳо боз ҳам баландтар мебардорад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, мо пешниҳодҳои амалии зеринро манзур намудем, ки ба бартарафсозии камбудиҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард нигаронида шудаанд:

– ба қисми 1 моддаи 141 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқул дар баробари роҳи оҳан, хати интиқоли барқ, хати қубур, инчунин «роҳҳои автомобилгард» ҳамроҳ карда шавад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки муносибатҳои марбут ба истифода ва идоракунии чунин инфрасохтор дар сатҳи қонунӣ ба таври возеҳ ва муассир танзим шаванд.

– ба моддаи 2-и Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми нав бо чунин мазмун ҷой дода шавад: «Объектҳои хаттӣ – иншоотҳое, аз қабили хати интиқоли барқ, хати қубур, роҳҳои автомобилгард ва дигар сохторҳои ҳамсон».

– дар қисми 13 моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», мафҳуми «роҳҳои автомобилгард» дар шакли зерин сабт карда шавад: «Роҳҳои автомобилгард – маҷмуаи томи ғайриманқул, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шуда, дарбаргирандаи қитъаҳои замини атрофаш, унсурҳои рӯбино ва зербинои он, таҷҳизоти роҳии қисмати технологии он, таҷҳизоти муҳофизатии роҳӣ, таҷҳизотҳои сунъии роҳӣ, объектҳои истеҳсолӣ ва унсурҳои дигари роҳи автомобилгард, ки ҳаракати мунтазаму бехатари автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиётро вобаста ба саръат, иқтидори сарборӣ ва андозаҳои муқарраршуда таъмин менамояд, ба ҳисоб меравад».

– ба мақсади самаранок истифода намудани роҳҳои автомобилгард пешниҳод карда мешавад, ки ба номи моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», калимаи «кафолат» ба тариқи зайл илова карда шавад: «Лоиҳакашӣ, сохтмон ва кафолати роҳҳои автомобилгард».

– ба моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» қисми 6 бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Мухлати кафолат барои роҳҳои автомобилгарди навбунёд дар ҳама ҳолатҳо набояд аз 20 (бист) сол камтар бошад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастовардаи мо аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои сохтмон ва истифодаи минбаъдаи роҳҳои автомобилгард мусоидат карда, сабаби такмили яке аз падидаҳои ҷавон ва муҳимми илми ҳуқуқ – сохтмони роҳҳои автомобилгард мегарданд.

Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои мо барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд.

Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи замин, курсҳои махсуси ҳуқуқи шартномавӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани

рисолаҳои тахассусии хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди корбаст қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, мутобиқати онҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин бо таҳлили ҳамаҷонибаи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард таъмин гардидааст.

Эътимоднокии хулосаҳо бо омӯзиш ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, аз ҷумла қонунгузории маданӣ, соҳибкорӣ, замин, шаҳрсозӣ ва роҳсозӣ, инчунин санадҳои зерқонунӣ, стандартҳои техникӣ ва меъёрҳои сохтмонӣ асоснок карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунандаи мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ, ташкилотҳои паймонкорӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит мегардад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода гардида, дар ҷаласаҳои он чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя

тавсия карда шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ироа гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– конферренсияи байналмилалии илмию амалӣ доир ба «Бехатарии иқтисодии давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» дар Донишгоҳи давлатии иқтисодии Урал, бо маъруза дар мавзуи «Нақши роҳҳои автомобилгард дар таъмини бехатарии иқтисодӣ». Екатеринбург 2023;

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Низоми ҳуқуқи ҶТ ва давлатҳои ИДМ: таҳлил падидаҳо ва дурнамои инкишоф» – бо маъруза дар мавзуи «Танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» Душанбе (24-25 октябри соли 2023)»;

– конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Низоми ҳуқуқи ҶТ ва давлатҳои ИДМ: таҳлил падидаҳо ва дурнамои инкишоф» – бо маъруза дар мавзуи «Таснифбандии роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории ҶТ» Душанбе (25 октябри соли 2024)»;

– конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Конститутсия - асоси низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ» - бо маъруза дар мавзуи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» Душанбе (4 ноябри соли 2024);

– конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули Қатъномаи маҷмааи умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ «аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори ҶТ ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иҷтисоди рақамӣ ва инноватсия» – бо маъруза дар мавзуи «Ҷавобгарии молумулкии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард» Душанбе (24 октябри соли 2025).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-2021) ва «400-солагии Миробид Сайидо Насафӣ» – бо маъруза дар мавзуи «Таърихи пайдоиши роҳҳои автомобилгард дар Тоҷикистон» (23-уми апрели соли 2019 ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «75-солагии ДМТ», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров, «Соли 2023 – соли забони русӣ» ва «соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» – бо маъруза дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ» 23.04.2023, ш.Душанбе;

– конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солагарди қабули Конститутсияи ҶТ» ва эълон гардидани Соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – бо маъруза дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ» 24.04.2024, ш.Душанбе;

– конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солагарди қабули Конститутсияи ҶТ» – бо маъруза дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории ҶТ» 2024, ш.Душанбе.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ **2** воситаи таълимӣ, **15** мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла **4** адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва муҳтавои таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМИИ МУНОСИБАТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

## 1.1. Мафҳум ва таркиби муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард

Муносибатҳои соҳибкорӣ маҷмуи робитаҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки дар ҷараёни сабти давлатӣ, санҷиш ва идоракунии давлатӣ, инчунин дар раванди татбиқи амалии фаъолияти соҳибкорӣ зуҳур мекунанд, тағйир меёбанд ва ё қатъ мегарданд.

Ҳадафи аввалиндараҷаи ин муносибатҳо, ки ҷузъи таркибии робитаҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ташкили дуруст ва муассири фаъолияти соҳибкорӣ ва дар натиҷа ба даст овардани даромад аст. Дар мавриди танзими ин муносибатҳо, дар навиштаҳои дохилӣ ва байналмилалӣ дидгоҳҳои гуногун баён шудаанд.

Ба назари Н. Шонасридинов ва Ф.М. Нодиров, муносибатҳои соҳибкорӣ ба чанд зергурӯҳ тақсим мешаванд:

– зергурӯҳи аввал муносибатҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба таъсис ва оғози фаъолияти соҳибкорӣ марбутанд. Онҳо аз ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон барои машғул шудан ба соҳибкорӣ сарчашма гирифта, дар Кодекси мадании кишвар рушд ёфтаанд. Дар он ҷо салоҳияти ҳуқуқии афрод муайян шудааст, ки тибқи он онҳо метавонанд ҳар навъ фаъолияти қонунан манъношударо анҷом диҳанд, ба танҳоӣ ё бо ҳамроҳии дигарон ширкатҳо таъсис намоянд, созишномаҳо банданд, аз сабти давлатӣ гузаранд ва иҷозатномаҳо гиранд.

– зергурӯҳи дувум ба пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудааст, ки дар натиҷаи он суд ба даст меояд. Дар ин доира метавон истеҳсоли маҳсулот, истифодаи дороиҳо, фурӯши мол, иҷрои корҳо ва пешниҳоди хидматҳоро зикр кард. Дар ин самт асосан воситаҳои ҳуқуқи хусусӣ нақши калидӣ доранд, ҳарчанд таъсири ҳуқуқи оммавӣ низ эҳсос

мешавад, аз ҷумла дар танзими давлатии нархҳо барои маҳсулот ва хидматҳои монополияҳои табиӣ.

– зергурӯҳи сеюм бо ду гурӯҳи қаблӣ пайванд аст, аммо фарқ дар он аст, ки дар ин ҷо давлат нақши фаъолро ба ухда дорад, на соҳибкорон ё субъектҳои дигар. Давлат дар ин самт қоидаҳои фаъолиятро муқаррар мекунад, оқибатҳои вайронкориҳоро муайян месозад ва манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусиро ҳифз менамояд.

– зергурӯҳи чаҳорум робитаҳои дохилихоҷагӣ ва дохиликорпоративиро дар бар мегирад. Дар ин ҷо фаъолияти созмонҳои бузург ва мураккабро бояд қайд кард, ки дар дохилашон муносибатҳои мухталиф шакл мегиранд [84, с. 33].

Рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар кишвар зарурати омӯзиши ҷанбаҳои ҳуқуқии мафҳумҳои иқтисодиро ба миён овардааст. Дар ин росто, пеш аз ҳама бояд ба истилоҳоте таваҷҷуҳ кард, ки то имрӯз бештар ҳамчун унсурҳои иқтисодӣ шинохта мешуданд, аз қабили бозор, намудҳои бозор, пешниҳод, талабот, қимат, арзиши истифода, арзиши воқеӣ, фоида, даромад, нархгузорӣ, санҷиш ва ғайра.

Муаллиф дар ин ҷо бо тақсимоти муносибатҳои соҳибкорӣ ба зергурӯҳҳои гуногун андешаҳои худро пешниҳод карда, онҳоро бар асоси меъёрҳои мухталиф ба чор бахш ҷудо намудааст. Назарҳои шабеҳро профессор Д.Ш. Сангинзода низ баён кардааст, ки муносибатҳои соҳибкориро ба се зергурӯҳ тақсим мекунад: 1) муносибатҳое, ки дар раванди оғози фаъолияти соҳибкорӣ пайдо мешаванд; 2) муносибатҳои ғайритиҷоратие, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ зич алоқаманданд; 3) муносибатҳое, ки аз танзими давлатӣ сарчашма мегиранд [66, с. 26-27].

Аммо муаллифи мазкур муносибатҳои дохилихоҷагӣ ва корпоративиро ҳамчун зергурӯҳи алоҳида эътироф накардааст. Аз як ҷиҳат, ин мавқеъ қобили пуштибонӣ аст, чунки ин намуд муносибатҳоро метавон ба муносибатҳои марбут ба амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ дохил намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳар муносибати ҳуқуқӣ аз унсурҳои муайян иборат аст, аз ҷумла субъект, объект ва мазмун. Муносибатҳои соҳибкорӣ низ аз ин таркиб холӣ нестанд. Дар ин муносибатҳо, вобаста ба навъи фаъолият, субъектҳои мухталиф бо ҳуқуқ ва ухдадориҳои мувофиқ ҳамрадиф ҳастанд. Ҳамчунин, объектҳои ин муносибатҳо низ гуногунанд. Масалан, дар бахши бонкӣ пул, ҷавоҳирот ва коғазҳои қиматнок ҳамчун объект баромад мекунанд, дар ҳоле ки дар соҳаи роҳсозӣ роҳҳои автомобилгард ва маводҳои дар ҷараёни сохтмон истифодашаванда чунин нақшро доранд.

Мазмуни ҳар гуна муносибатҳои ҳуқуқиро ҳуқуқ ва ухдадориҳои ҷонибҳои он ташкил медиҳанд. Дар навиштаҳои муосири ҳуқуқшиносӣ муносибатҳои хоҷагидорӣ дар самти бунёди роҳҳои автомобилгард аксар вақт дар пайванди мустақим бо муносибатҳои паймонкорӣ дар соҳаи сохтмон мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Бо вуҷуди ин, таҳлили сохтмони роҳҳои автомобилгард танҳо дар чаҳорчӯби муносибатҳои паймонкорӣ низ кори осон нест. Барои фаҳмидани моҳияти муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин бахш, зарур аст, ки ба донишҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дигар бахшҳои илми ҳуқуқ, ки ба омӯзиши робитаҳои сохтмонӣ нигаронида шудаанд, муроҷиат намоем.

Лаптаев В.В. таъкид намудааст, ки илми ҳуқуқи хоҷагидорӣ дар таҳияи заминаҳои назариявӣ ва идоракунии ҳуқуқии муносибатҳои хоҷагидорӣ бо пешниҳоди тавсияҳо барои такмили қонунгузории марбут ба хоҷагидорӣ нақши муҳим дорад [51, с. 6].

Дар навбати худ, В.С. Белих изҳор доштааст, ки баробар донистани мафҳуми «фаъолияти хоҷагидорӣ» бо «фаъолияти соҳибкорӣ» қобили қабул нест. Ба андешаи ӯ, фаъолияти хоҷагидорӣ, фаъолияти субъектҳоест, ки ба ташкил, тақсим ва пешниҳоди маҳсулот, кор ё хидматҳо ба истеъмолкунандагон нигаронида шуда, ҳадафи қонеъ кардани эҳтиёҷоти иқтисодии ҷомеаро дорад [88, с. 53-61].

Барои он ки фаъолият дар муомилоти хоҷагидорӣ бо мақсади ба даст даровардани фоида анҷом гирад, он бояд ба таври касбӣ ва мунтазам ба истеҳсоли мол, иҷрои кор ё пешниҳоди хидмат равона бошад. Агар шахсе ба

таври тасодуфӣ ва бе нияти судҷӯӣ фаъолият кунад – масалан, маҳсулоти зиёдатии кишоварзии худро фурӯшад, ё дар бонк пасандоз гузорад, чунин афродро соҳибкор номидан ғайриимкон аст ва онҳо набояд дар мақомоти андоз ҳамчун соҳибкор сабт шаванд. Нисбат ба ин гуна шахсон танҳо қоидаҳои ҳуқуқи маданӣ татбиқ мешаванд, на меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ.

Гарчанде дар баъзе санадҳои ҳуқуқии амалкунандаи ҶТ истилоҳи «фаъолияти хоҷагидорӣ» истифода шавад ҳам, таърифи дақиқи он пешниҳод нагардидааст. Фарқи асосӣ ва муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ аз фаъолияти хоҷагидорӣ дар он аст, ки барои анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ сабти давлатӣ ҳатмӣ нест, дар ҳоле ки фаъолияти соҳибкорӣ ин амалро тақозо мекунад.

Фаъолияти хоҷагидорӣ метавонад ҳам аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ ва ҳам аз тарафи дигар шахсони ҳуқуқӣ амалӣ гардад. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки мафҳуми «фаъолияти хоҷагидорӣ» нисбат ба «фаъолияти соҳибкорӣ» фарохтар аст.

Муносибатҳое, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқи хоҷагидорӣ танзим мешаванд ва дар ҷараёни татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ё таъсири давлат ба иштирокчиёни бозор ба вуҷуд меоянд, ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқи хоҷагидорӣ шинохта мешаванд. Ин муносибатҳо пайванди ҳуқуқии субъектҳоро ифода мекунанд, ки мазмунашон аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобила иборат аст [54, с. 53-57].

Фаъолияти соҳибкорӣ як категорияи печида аст, ки онро аз ҷанбаҳои гуногун – ташкилӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра баррасӣ кардан мумкин аст. Соҳибкорӣ, дар навбати аввал, як навъи фаъолияти инсонист. Аз ин рӯ, муайян кардани ҷойгоҳи роҳҳои автомобилгард дар сохтори иқтисодӣ ва омӯзиши сохтмони онҳо дар робита бо муносибатҳои паймонкорӣ зарур аст.

Тибқи моддаи 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», роҳи автомобилгард маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва иншооти муҳандисист, ки ҳаракати доимӣ ва бехатари

воситаҳои нақлиётро бо суръат, иқтидори сарборӣ ва андозаҳои муайяншуда таъмин мекунад [5].

Аз ин муқаррарот метавон ду хусусияти асосии роҳҳои автомобилгардро ҷудо кард:

– аввал, онҳо як объекти мураккаби инфрасохтори нақлиётӣ мебошанд;

– дувум, онҳо дорои мақсади махсуси худ ҳастанд.

Дар қонунгузории миллӣ, маҷмуи унсурҳои муҳандисӣ дар инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун маҷмуи воситаҳои истеҳсолӣ ва технологӣ фаҳмида мешавад, ки барои хидматрасонӣ ба муштариён, борфиристандагон, боргирандагон ва таъмини кори воситаҳои нақлиётӣ хизмат мекунад [16]. Аммо аз таърифи қонунӣ бармеояд, ки хусусиятҳои роҳи автомобилгард бо нишонаҳои объектҳои ҳуқуқи маданӣ мустақиман алоқаманд нестанд.

Бо гузашти Тоҷикистон ба иқтисоди бозоргонӣ ва демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, доираи истифодаи усулҳо ва принсипҳои ҳуқуқи маданӣ дар танзими муносибатҳои байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ васеъ мешавад.

Барои таъмини самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои он, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 18 майи соли 2017, №383 қабул шудааст [2]. Ин қонун заминаҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии ҳимояи рақобатро муайян карда, муносибатҳои марбут ба эҷоди шароит барои рушди рақобат, фаъолияти муассири бозорҳо, таъмини фазои ягонаи иқтисодӣ ва озодии фаъолияти иқтисодиро ба танзим медарорад.

Қонуни асосии давлат – Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи моликият ба заминро муқаррар намуда, салоҳият ва масъулияти давлатро дар доштан, истифода ва идоракунии замин мушаххас мекунад [1]. Ҳуқуқи маъмурӣ муносибатҳои байни истифодабарандагони гуногуни замин ва мақомоти давлатиро танзим менамояд. Қисме аз муносибатҳо дар бахши роҳсозӣ, хусусан бунёд ва ба истифода додани роҳҳо, тавассути меъёрҳои ҳуқуқи замин идора мешаванд.

Ҳар гуна муносибати ҷамъиятӣ аз ҷониби соҳаи муайяни ҳуқуқ танзим мешавад, аммо муносибатҳои марбут ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дорои хусусиятҳои печида буда, тавассути чандин бахши ҳуқуқӣ ба тартиб даровара мешаванд. Дар шароити муосир, бо рушди навовариҳо ва ҳамгирой, сохтор ва низоми илмҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳуқуқшиносӣ, пайваста такмил меёбанд. Ин равандҳо дар илми ҳуқуқ ба пайдоиши зербахшҳо ва соҳаҳои мураккаб аз бахшҳои анъанавӣ оварда мерасонанд, ки баъдан ба соҳаҳои мустақил табдил меёбанд.

Ҳамзамон, омезиши соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ низ мушоҳида мешавад. Масалан, нақши ҳуқуқи хусусӣ дар идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бахши сохтмони иншоотҳои дорои аҳаммияти иқтисодӣ ва мудофиавӣ афзоиш ёфта, доираи он дар бахши роҳсозӣ низ густариш меёбад. Ин бештар дар шартномаҳое, ки ба бунёди роҳҳо нигаронида шудаанд, зоҳир мегардад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар сохтмони роҳҳои автомобилгард дорои ҷанбаҳои мухталиф буда, дар асоси санадҳои зерин сурат мегирад: КМ ҶТ, Кодекси шаҳрсозӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» [5], Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» [10] ва дигар асноди ҳуқуқӣ. Дар ин соҳа омезиши танзими давлатӣ ва хусусӣ ба таври равшан эҳсос мешавад.

Ҳангоми бастани шартномаҳо, аз қабили «шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон» ё «шартномаи консессионӣ», зарур аст, ки объекти онҳо мушаххас гардад. Аммо дар қонунгузорӣ ва назарияи ҳуқуқӣ, роҳҳои автомобилгард ҳанӯз ҳамчун объекти мушаххаси ҳуқуқи маданӣ пурра тавсиф нашудааст.

Тарҳрезии нокифояи Қонуни ҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», тафсири гуногуни онро дар санадҳои зерқонунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ боис гашта, гардиши роҳи автомобилгардро дар муомилоти маданӣ мураккаб месозад. Ба назар чунин мерасад, ки роҳи автомобилгард бояд ҳамчун объекти мустақили молу мулки ғайриманқул, ки аз маҷмуи ашёҳо иборат аст, муаррифӣ гардад.

Дар асарҳои тахассусӣ низ муқаррарот оид ба роҳҳои автомобилгард шаффоф пешниҳод нагардидааст, аз ҷумла ғайриманқул будан ё набудани он. Ҳамзамон дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ масъалаи мазкур ҳалли худро наёфтааст. Дар Федератсияи Русия (минбаъд ФР) то ҳол масъалаи мансубияти роҳи автомобилгард ба объекти ғайриманқул беҷавоб мондааст [125]. Мафҳуми қонунии роҳи автомобилгард аз ҷониби А.В. Мандрюкова [97, с. 50-53] ва О.С. Карпенюк [127] низ зери интиқод қарор дода шудааст.

Қонунгузории Қазоқистон бошад, ба ғайр аз унсурҳо ва қитъаи замин, инчунин фазои ҳавоиро низ ба унсурҳои роҳҳои автомобилгард дохил намудааст [3].

Дар маъхазҳои илмӣ-ҳуқуқии ба роҳҳои автомобилгард бахшидашуда чунин мафҳуми ягонаи роҳи автомобилгард, ки моҳият ва хусусиятҳои онро ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ муайян мекарда бошад, дода нашудааст.

Инчунин, дар илми ҳуқуқшиносӣ таносуби роҳҳои автомобилгард бо объектҳои истифодаи оммавӣ низ мавҷуд нест, ҳол он ки дар феҳристи объектҳои ҳуқуқи маданӣ чунин таснифот бояд мавҷуд бошад. Бо вуҷуди ин, ташаккули қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, сохтмони босуръати роҳҳои автомобилгард бо истифодаи падидаҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ва созишномаи консессионӣ, тақозои коркарди як мавқеи мустаҳкам ва ягона оид ба ҳолатҳои дар боло овардашударо дорад.

Дар Русияи пешазинқилобӣ роҳҳои калонро ба шумули объектҳои истифодаи умум таносуб медоданд, ки дар моликияти давлатӣ қарор доштанд ва меъёрҳои ҳуқуқи хусусӣ нисбати онҳо татбиқ намегардиданд (Н.Л. Дювернуа [37, с. 11-16], Г.Ф. Шершеневич [83, с. 191-192]), ё ин ки онҳоро ҳамчун объектҳои аз муомилот бардошташуда маънидод мекарданд (В.Е. Васковский [30, с. 306-307], К.Н. Анненков [22, с. 349-350]).

Дар ин масъала мавқеи К.П. Победоностев [63, с. 98-99] ва Б.Н.Чичерин [80, с. 307-308] низ ҷолиб аст, ки «Роҳҳои калон»-ро ҳамчун объекти истифодаи умум тафсиф намуда, моликияти истисноии давлат меҳисобиданд

ва ҳамзамон дар моликияти хусусӣ қарор доштани роҳҳои оҳани истифодаи умумро имконпазир медонистанд.

Синайский В.И. «Роҳҳои калонро» моликияти давлатӣ ҳисобида, бо вуҷуди ин дар муомилот карор доштани «Роҳҳои калон»-ро имконпазир дониста, нисбат бо онҳо паҳн гардидани ҳуқуқи маҳдуди моликиятро афзалтар медонад [67, с. 138-139].

Дар замони Шуравӣ масъалаи мазкур қариб, ки аҳаммияти худро аз даст дода буд, зеро роҳҳои автомобилгард пурра дар моликияти давлатӣ қарор доштанд. Қоидаҳои ҳифзи роҳҳои автомобилгард бо Қарори Шурои Вазирони ҶШСФР аз 09 июни 1959 таҳти № 930 қабул гардида буд, ки тибқи он роҳҳои автомобилгард бо тамоми таҷҳизотҳояшон (пул, қубурҳо, воситаҳои автотранспорт ва нишонаҳои ҳаракати роҳ) моликияти сотсиалистӣ ба ҳисоб рафта, барои истифодаи умум таъин шуда буданд [20].

Олимони соҳа роҳҳои автомобилгардро ба шумули объектҳои ҳуқуқи маданӣ дохил менамоянд, аммо таҳлили амиқи ин масъала мавҷуд нест, чунки дохил намудани онҳо ба доираи объектҳои ҳуқуқи маданӣ як қатор талаботҳоро тақозо менамояд, аз ҷумла табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои роҳҳои автомобилгад, ки ба талаботи объектҳои ҳуқуқи маданӣ дар шакли ҳозираашон мувофиқ намеояд [128].

Баҳри ворид намудани роҳҳои автомобилгард ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ, аввал бояд мафҳум ва нишонаҳои объектҳои ҳуқуқи маданӣ таҳлил шаванд.

Мафҳуми «объекти ҳуқуқ» дар адабиёти ватанӣ бо ҳуқуқи римӣ алоқаманд дониста мешавад. Нахустин бор ин падида дар КМ ҶШСФР соли 1922 ёдрас шуда буд. Минбаъд падидаи мазкур солҳои тулонӣ аз назар канор монда, эҳёи нави он бо таҳияи лоиҳаи нави қонунгузории маданӣ авҷ гирифт [126].

Тибқи таърифи пешниҳодшуда дар қонунгузории маданӣ, ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ ашёҳо, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок – дороиҳои дигар, ҳуқуқҳои марбут ба ашё, натиҷаҳои кор ва хидматҳо, дастовардҳои зеҳнии бо

қонун ҳифзшаванда, воситаҳои муайянкунандаи моликияти зеҳнӣ ва арзишҳои ғайримоддӣ дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин, қонунгузор танҳо навъҳои ин объектҳоро номбар карда, мафҳуми умумии онҳоро шарҳ надодааст.

Дар назарияи ҳуқуқшиносӣ то имрӯз дар бораи объектҳои ҳуқуқи маданӣ як андешаи воҳид шакл нагирифтааст. Бархе аз муҳаққиқон ин масъаларо яке аз нуктаҳои калидии назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ меҳисобанд.

Дар давраи пеш аз инқилоб дар илми сивилистӣ ду ҷараёни асосӣ дар бораи мафҳум ва моҳияти объектҳои ҳуқуқ вуҷуд дошт: монизм ва плюрализм.

Тибқи дидгоҳи монистӣ, ки аз ҷониби олимон чун В.И. Синайский [67, с. 124], Н.М. Коркунов [48, с. 195-200] ва П.Г. Виноградов [31, с. 52-53 ] ҳимоя мешуд, объекти ҳуқуқ танҳо тавассути як унсур – яъне чиз муайян мегардад.

Баръакси ин, ҷонибдорони плюрализм, аз қабили Г.Ф. Шершеневич [83, с. 191-192], В.М. Хвостов [76, с. 123-125], Д.И. Мейер [56, с. 130-135], Д.Д. Гримм [90, с. 28-34] ва В.Е. Васиковский [30, с. 306-307], чандин категорияро ба объектҳои ҳуқуқ нисбат медоданд, аз ҷумла чизҳо, шахсияти субъектҳои ҳуқуқ, арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, инчунин амалҳои шахсони дигарро.

Дар замони Шуравӣ, плюрализмро муҳаққиқоне чун С.А. Гогунский ва М.С. Строгович [34, с. 277], И.Б. Новицкий [61, с. 43-44] ва Н.Н. Алексеев [20, с. 144] пуштибонӣ мекарданд. Онҳо ба объектҳои ҳуқуқи маданӣ амалҳо, худдорӣ аз иҷрои амалҳо ва неъматҳои моддиву ғайримоддиро дохил мекарданд, ки доираашон маҳдудият надошт. Аз олимони ватанӣ, М.З. Раҳимзода бар ин бовар аст, ки ба доираи молумулк худи муносибатҳои ҳуқуқӣ дохил мешаванд, на объектҳои онҳо [65, с. 253-254].

Дар баробари ин, намояндагони монизм, ба мисли М.М. Агарков, танҳо чизҳоро ҳамчун объекти ҳуқуқ эътироф мекарданд [19, с. 451]. Баръакс, В.К. Райхер [100, с. 138-141], О.С. Иоффе [41, с. 97] ва Я.М. Магазинер [52, с. 250-

253] фақат амали шахсро ҳамчун объекти ҳуқуқ мешинохтанд. Ю.К. Толстой [73, с. 64] муносибатҳои ҷамъиятиро ба ин доира ворид мекард, дар ҳоле ки С.Ф. Кечекян [46, с. 142] амалҳои иштирокчиёни муомилоти маданиро ҳамчун объект қабул дошт.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон, аз ҷумла Е.А. Суханов ва М.М. Валеев [112, с. 5], аз дидгоҳе ҳимоят мекунанд, ки дар адабиёт бо номи «объект-рафтор» маъруф аст ва танҳо рафтори инсонро ҳамчун объекти ҳуқуқ мешиносанд. Ҷонибдорони ҷараёни «объект-речаи ҳуқуқӣ», ба монанди В.И. Сенчишев [104, с. 140] ва И.Т. Подшипалов [99, 49-50] бошанд, низоми ҳуқуқии неъматҳои моддӣ ва ғайримоддиро ҳамчун объекти ҳуқуқ тавсиф мекунанд.

Ҳамин тавр, гуногунии андешаҳо дар бораи объектҳои ҳуқуқи маданӣ нишон медиҳад, ки ин масъала то ҳол мавриди баҳси олимон боқӣ мондааст ва омӯзишу таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо мекунад.

Тибқи қоидаҳои умумӣ, меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ пеш аз ҳама муносибатҳои молумулкиро новобаста аз моддӣ ё ғайримоддӣ будани мол танзим мекунанд, ки нисбат ба молумулки мушаххас ба вуҷуд меоянд. Дар қатори муносибатҳои молу мулкӣ, ба предмети ҳуқуқи маданӣ, инчунин муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ шомиланд.

Бинобар ин, объекти ҳуқуқи маданиро метавон воситаи қонеъ гардонидани чи талаботи молумулкӣ ва чи ғайримолумулкии субъектон пиндошт, ки ба сифаташон неъматҳои моддиву ғайримодии гуногун баромад мекунанд.

Ҳамин тавр, ба сифати объектҳои ҳуқуқи маданӣ метавон неъматҳои моддиву ғайримоддиро ҳисобид, ки оид ба онҳо муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд.

Белов В.А. [87, с. 33] ва Астахова М.А. [86, с. 3-5] эътирофи низоми ҳуқуқиро ҳамчун объекти ҳуқуқ мавриди танқид қарор додаанд. Ба андешаи онҳо, речаи ҳуқуқии арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ қудрати қонеъ кардани ниёзҳои субъектҳои ҳуқуқро надорад. Зеро он чизе, ки ҳамчун объекти ҳуқуқ шинохта мешавад, на қобилияти иҷрои амали ҳуқуқӣ, балки он унсурест, ки

фаъолияти субъект барои расидан ба манфиати шахсии худ ба он нигаронида шудааст.

Пас аз омӯзиши масъалаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, мо ба баррасии хусусиятҳои онҳо мепардозем, ки дар онҳо ҷанбаҳои асосии мафҳуми ҳуқуқӣ инъикос меёбанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ то ҳол маводи кофӣ оид ба нишонаҳои объекти ҳуқуқ бахшида нашудааст, инчунин масоили пайдоиш ва қонунӣ гардонидани объекти ҳуқуқ, низ ба таври дахлдор таҳлил нагардидааст. Ин масъала то андозае дар кори В.А.Лапач мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки он нишонаҳои зерини объектҳои ҳуқуқро пешбинӣ намудааст: дискретӣ будан, алоқаи ҳуқуқӣ ва низомнокӣ [50, с. 140].

Як қатор муаллифон нишонаҳои дигар аз қабили самаранокӣ, моддӣ, идорашаванда ва ғайраро пешбинӣ мекунанд. Ба таври мисол дар кори худ Д.В.Шорников дар қатори нишонаҳои дискретӣ, алоқаи ҳуқуқӣ ва низомнокӣ, инчунин нишонаи «самаранокӣ»-и объекти ҳуқуқро пешбинӣ намудааст, ки қобилияти қонеъ намудани манфиатҳои шахсии субъектони ҳуқуқро мефаҳмонад [108, с. 41]. В.А.Арзуманян чунин нишонаро ба монанди «эътирофи қонунии объект» ҷудо мекунад [111, с. 17].

Ба андешаи мо баррасии чунин нишонаҳо факултативӣ буда, барои эътирофи неъмат ҳамчун объект ҳатмӣ нест. Бинобар ин, таснифи объектҳои ҳуқуқи маданӣ аз рӯйи нишонаҳои ҷудокардаи В.А.Лапач мувофиқи мақсад аст.

Нишонаҳои пешбинигардидаро нисбат ба роҳҳои автомобилгард дида мебароем. Нишонаи умумӣ ва ба ҳамаи объектҳои ҳуқуқи маданӣ тааллуқдошта – ин дискретӣ (аз лот. Discretus – ҷудо, алоҳида), ки нишонаи сифатӣ буда, бо худ ҷисми физикии муайян ва алоҳида будани объектро аз дигар объектҳо дар назар дорад [50, с. 140]. Нишонаи мазкур универсалӣ буда дар объектҳои алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ таҷассум ёфта, инчунин дар сатҳи эмпирикӣ низ аз худ дарак медиҳад.

Зери мафҳуми дискретии ашё, маҳдудияти фазоии он фаҳмида мешавад [126]. Он на танҳо дар хусусияти фазоии объект фаҳмида мешавад, инчунин дар қонеъшавии талаботи иҷтимоӣ ва шахсии субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ низ таҷассум меёбад, ки объекти ҳуқуқро аз дигар намудҳои ҷисм (онҳое, ки дар оянда қобилияти фардишавии объекти ҳуқуқи маданиро дороянд) [50, с. 140] ҷудо мекунад.

Нишонаи дискретии объекти ҳуқуқи маданӣ ба мо имконият медиҳад, ба неъматҳои молумулкӣ (ғайримолумулкӣ) ҳамчун объект назар афканем, яъне мавҷудияти объективӣ ва имконияти фардикунонии онҳоро аз миёни дигар объектҳои ҳуқуқи маданӣ тафриқаандозӣ намоем.

Шорников Д.В. ба сифати алтернативаи истилоҳи «дискретӣ» истифодаи истилоҳи «обект будан»-ро пешниҳод менамояд, зеро ба фикри ӯ, истилоҳи пешниҳодшуда моҳияти мафҳуми «дискретиро» пурратар таҷассум менамояд [108, с. 41].

Дар нисбати роҳҳои автомобилгард нишонаи «дискретӣ» дар қобилияти роҳҳои автомобилгард барои фардишавӣ аз миёни дигар объектҳои ҳуқуқи маданӣ таҷассум ёфта, инчунин аз рӯйи маҳакҳои расмӣ, ки онҳо дар хусусияти фазоии роҳҳои автомобилгард, хусусияти ҳудудии он, инчунин дар қайду шарти он, ки дар номгузорӣ ва рақамҳои идентификатсияи он иброз мегардад, таҷассум меёбад.

Роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум префиксҳои худро дороянд: «М»; «Р»; «А». Инчунин, маҳакҳои сифатӣ мавҷуданд: фаъолият ва истифодаи роҳҳои автомобилгард бо манфиати истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, соҳибони роҳҳои автомобилгард, давлат ва воҳидҳои марзӣ.

Ҳамин тавр, мавҷудияти имконияти ҷудо намудани роҳҳои автомобилгард аз дигар объектҳои ҳуқуқи маданӣ, имконият медиҳад оид ба мавҷуд будани нишонаи «дискретӣ» дар роҳҳои автомобилгардро ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ бинем.

Яке аз вижагиҳои муҳимми объекти ҳуқуқи маданӣ робитаи ҳуқуқии он аст. В.А. Лапач таҳти истилоҳи «робитаи ҳуқуқӣ» кафолати муқаррароти

ҳуқуқиро дар пайваст кардани объектҳо ба субъектҳо дар назар дорад. Ин дидгоҳро А.Б. Арзуманян ва А.А. Иванов низ пуштибонӣ мекунанд. Дар ин замина, робитаи ҳуқуқӣ ҳамчун имкони пайдоиши ҳуқуқҳои субъективӣ нисбат ба чизҳо фаҳмида мешавад, ки бештар ба ҳуқуқҳои субъективии дорои хусусияти амволӣ марбутанд.

Лаптева А.М. ин хусусиятро аз нигоҳи муқаррар кардани низоми ҳуқуқии мушаххас нисбат ба ашёҳо шарҳ дода, таъкид мекунад, ки вуҷуд надоштани ин нишона ба эътироф нашудани ашё ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ оварда намерасонад. Ба андешаи ӯ, танҳо қонунгузорӣ аст, ки шароити пайвастани ин объектҳо ба субъектҳо ва низоми ҳуқуқии онҳоро муайян мекунад. Муаллиф бар ин бовар аст, ки баробар донистани робитаи ҳуқуқӣ бо низоми ҳуқуқӣ чандон саҳеҳ нест, зеро низоми ҳуқуқӣ натиҷаи омезиши тамоми хусусиятҳои объектҳои ҳуқуқӣ мебошад, на худи он робита.

Д.В. Шорников оид ба нишонаи алоқаи ҳуқуқӣ як қатор камбудиҳоро ёдрас намуд, ки дар натиҷаи мавҷуд набудани алоқаи ҳуқуқӣ бо сабаби инкишоф наёфтани ҳуқуқи объективӣ ба мавҷудияти маҳдудиятҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ё дигар асосҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ оварда мерасонад [108, с. 41].

Ба андешаи мо, мушкилии мазкур он қадар ҷиддӣ нест. Чӣ тавре ки маълум аст, доираи объектҳои ҳуқуқи маданӣ, ки дар моддаи 136 КМ ҶТ муайян шудаанд, умумӣ ва кушода буда, имконияти паҳн намудани речаи маданӣ-ҳуқуқиро нисбати дигар объектҳои бавуҷудмеомада фароҳам меорад.

Хусусияти робитаи ҳуқуқӣ дар мавриди роҳҳои автомобилгард дар он зоҳир мешавад, ки онҳо чи барои истифодаи умум ва чи ғайриумум, метавонанд дар моликияти давлат, мақомоти маҳаллӣ ё шахсони воқеиву ҳуқуқӣ бошанд, тавре ки дар моддаи 4-и Қонуни ҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» омадааст.

Нишонаи ниҳоии объектҳои ҳуқуқи маданӣ – ин низомнокӣ мебошад, ки ифодакунандаи маҷмуи нишонаҳои объект ҳангоми воридшавӣ ба низоми объектҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Нишонаи низомнокӣ ҳамчун идоракунандаи алоқаи ҳуқуқии объект баромад мекунад, ки объектҳои

лозимаро коркард ва ҷо ба ҷо гузорад. Агар алоқаи ҳуқуқӣ алоқамандии меъёрию ҳуқуқии объектро бо субъекти муносибатҳо таъмин намояд, пас низомнокӣ ин алоқамандиро расмӣ мекунонад.

Чӣ тавре ки Д.В.Шорников қайд менамояд, омӯзиши объектҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар низоми мавҷуда, ба омӯзиши худи низом баробар аст, чунки барои дарки қонуниятҳои инкишофи дохилии ҳуқуқ ва меъёрэҷодкунӣ лозим аст [108, с. 41].

Ба андешаи А.М.Лаптева, нишонаи мазкур факултативӣ ба ҳисоб меравад, чунки наметавонад асос барои эътироф накардани неъмат ҳамчун объекти ҳуқуқ бошад, бо сабаби он ки дар илми ҳуқуқ ҳолатҳое мавҷуданд, ки объект дар оғози пайдоишаш мавқеи худро дар низоми объектҳо намеёфт, сипас бо мурури замон илм онҳоро тасдиқ намуда ба низоми категорияҳои абстрактии худ ворид намуд, чунин мисол объектҳои ҳуқуқи истисноӣ буда метавонанд [95, с. 15-18]. Ҳолати мазкур ба андешаи мо баҳспазир аст.

Низоми объектҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, ки дар моддаи 136 КМ ҶТ оварда шудааст, доираи объектҳои имконпазирро дар худ ифода мекунад, ки нисбат ба онҳо муносибатҳо метавонанд ба вуҷуд оянд. Андешаи мазкурро инчунин В.А.Лапач пайгирӣ менамояд, ки низоми объектҳои маданӣ ҳуқуқӣ дар доираи ягонагии худ дар ҳолати зарурӣ ба худтабдилдиҳӣ қобилият дорад [50, с. 140].

Масъалаи мавқеи роҳҳои автомобилгард дар низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ то ҳол аз ҷониби илми ҳуқуқ муайян нашудааст. Ба андешаи баъзе аз олимон, роҳҳои автомобилгардро яқин на ба категорияи ашё ва на ба категорияи моликият дар фаҳмиши анъанавӣ шомил намудан номумкин аст. Баҳс нест, ки категорияи ашё барои илми ҳуқуқи маданӣ умумиистифодашаванда буда, ба сифати мафҳуми аслӣ дар нисбати роҳҳои автомобилгард баромад менамояд.

Бо вуҷуди ин, дар нисбати ин объектҳо истифодаи истилоҳи мазкур дар шакли анъанавӣ ассоснок мебошад, зеро таҳти категорияи ашё объектҳои

олами моддие фаҳмида мешаванд, ки дар тобеияти ҷисмонии инсон қарор доранд.

Роҳи автомобилгард падидаи мураккабтар буда, ба категорияи «моликият» ба маънои васеи он рост меояд. Фарқияти қатъӣ дар илми маданӣ ва қонунгузорӣ оид ба таносуби ашё ё ин ки моликият мавҷуд нест, монанди он ки дар КМ ҶТ ва адабиётҳои ватанӣ мафҳумҳои «ашё», «моликият», «амволи ғайриманқул» барои тафсири ҳамон як объект истифода мегарданд.

Дар асоси таҳлили гузаронида метавон хулоса кард, ки роҳи автомобилгард объекти ҳуқуқи маданӣ мебошад, чунки ба маҳакҳои «дискретӣ, алоқаи ҳуқуқӣ ва низомнокӣ» ҷавобгӯ аст. Роҳи автомобилгард инфрасохтори моддии объектҳои нақлиётӣ буда, муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад. Роҳҳои автомобилгарди хусусии истифодаи умум ва истифодаи маҳдуд, ба моликияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шомил буда, таҳти танзими меъёрҳои маданӣ-ҳуқуқӣ қарор доранд.

Арзиши объектҳо дар замони муосир аз мавқеи онҳо дар бозор вобастагӣ дорад. Аз нуқтаи назари муносибатҳои бозорӣ, хусусияти муҳимми ҳама гуна объект – ин дар муомилот, пеш аз ҳама дар амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ истифода шудан аст, яъне имконияти ба бозор дохил шудан, объекти аҳдҳои гуногун будан ба ҳисоб меравад.

Эҷоди як силсила чорабиниҳо ҷиҳати пешрафти устувори низоми нақлиёти ҶТ ба қонеъ намудани эҳтиёҷоти сокинони ҷумҳурӣ ба хидматҳои нақлиётӣ дар сатҳи лозима дар муддати наздик нигаронида шудааст. Бунёди роҳҳои автомобилгард на танҳо василаи муомилоти калони молумулкӣ барои рушди соҳибкорӣ замина мегузорад, инчунин рафти худи сохтмони роҳҳои автомобилгард дарбаргирандаи муносибатҳои мухталифи соҳибкориро ташкил медиҳанд.

Худи муносибатҳои байни фармоишгар ва паймонкор саропо дорои аҳаммияти иқтисодӣ-соҳибкорӣ мебошанд. Мақсади асосии паймонкор дар ба даст овардани фоида инъикос ёфта, ҳамчун субъекти фаъолияти

соҳибкорӣ ба қайд гирифта мешавад. Дар ин ҷо фаъолияти соҳибкорӣ дар шаклҳои гуногун таҷассум меёбад.

Яке аз вазифаҳои муҳим ин сохтмони низоми инфрасохтори нақлиёти ҶТ аст, ки барои қонеъ кардани талаботи иқтисодиву иҷтимоӣ бо риояи стандартҳои муайяншудаи амниятӣ замина фароҳам меорад. Рушди доимии бахши нақлиёти ҷумҳурӣ ба пешрафти тамоми соҳаҳои марбут ба он кумак расонида, имкони эҷоди ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҷомеаро таъмин мекунад.

Дар ин замина, таваҷҷуҳи вижа ба тавсеаи ҳамаҷонибаи бахшҳои маҷмуи нақлиёти кишвар муҳим аст, ки ин ҳадаф тавассути идоракунии давлатӣ дар ин соҳа амалӣ мегардад. Бешак, ин ҷараён бояд дар чаҳорчӯби як нақшаи муттаҳиди рушди иқтисоди кулл ва дохилибахшӣ ба роҳ монда шавад.

Сохтмони роҳҳои автомобилгард – ин фаъолиятест, ки дар лоиҳакашӣ, сохтмон ва таъмири роҳҳо ифода меёбад. Мубраммияти ин дар фаъолияти соҳибкорӣ аён аст, чунки сифат ва ҳолати истифодабарии роҳҳои автомобилгард дар аксари маҳалҳо таҷдид ва таъмири ҷиддиро талаб менамоянд.

Азбаски таъсис додани ташкилоти сохтмони роҳҳои автомобилгард аз лиҳози ҳуқуқӣ мураккаб нест, пас барои соҳибкор ташкил намудани он фаъолияти дурнамо дар ҷодаи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, метавон дар оғози фаъолият хароҷотро ба воситаи ба иҷора гирифтани таҷҳизотҳои барои сохтмони роҳҳои автомобилгард пешбинишуда, коҳиш дод.

Бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард яке аз бахшҳои мураккаб ба ҳисоб меравад. Боду ҳаво ва релефи номусоид, истифода бурдани маҳсулоти сифатан номуносиб аз ҷониби паймонкоронро, камчинии мутахассисон ва дигар монеаҳо, боиси ба таври дахлдор инкишоф наёфтани фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард мегардад [133].

Дар бахши мазкур, инчунин дигар мушкилиҳо метавонанд пеш оянд, чунки рақобати шадид аллакай вуҷуд дорад ва барои соҳибкорони нав дар сатҳи онҳо рақобат намудан мушкил аст.

Бояд дар назар дошт, ки эҷоди роҳҳои мошингузар як ҷараёни пурпечутоб аст, ки аз марҳилаҳои гуногун таркиб ёфта, ҳар кадоми онҳо истифодаи таҷҳизоти махсус ва ҷалби мутахассисони соҳавиро тақозо мекунад. Тамоми фаъолиятҳое, ки бояд амалӣ гарданд, дар як тартиби муайян сурат мегиранд:

– гузаронидани таҳқиқоти геодезӣ аз ҷониби ширкатҳои масъул бо истифода аз аксбардории топографӣ, баррасии сохтори сатҳи замин ва хок, омӯзиши холигоҳҳои зеризаминӣ, манбаъҳои об дар минтақа, инчунин хусусиятҳо ва аҳаммияти хоси қитъаи интихобшуда;

– тайёр кардани майдон ва тоза намудани макон барои оғози сохтмон;

– тарҳрезии ҳисоботи молиявӣ бо таҳияи нақшаи маблағгузорӣ;

– фароҳам овардани мавод ва масолеҳи сохтмонӣ;

– анҷоми додани корҳои марбут ба замин, аз қабили ҳамворсозӣ ва мустаҳкамкунии сатҳ;

– бунёди ҷӯйборҳо барои идораи об;

– реҷаи қабатҳои гилу сангреза ба пояи роҳ, ки онро аз таъсири омилҳои харобиовар дар оянда ҳифз мекунад;

– мумфарш кардани роҳ бо асфалт;

– насби аломатҳо ва дигар ҷузъиёти муҳим барои роҳҳои мошингузар;

– таъмини масири муваққатӣ барои ҳаракати мошинҳо, ки пас аз итмоми сохтмон бекор карда мешаванд.

Ин равандҳо бо таваҷҷуҳ ба ҷузъиёт ва дар асоси таҳлили мустақили муҳити атроф анҷом дода мешаванд, то роҳи сохташуда ҳам устувор бошад ва ҳам ба талаботи амалӣ ҷавоб гардонад.

Одатан мушкилиҳо аллакай дар рафти лоиҳакашӣ падид меоянд, зеро лоиҳаи роҳи автомобилгард тақозои онро дорад, ки технологияи муосир ва мутахассисони баландпоя дар ин ҷараён иштирок намоянд. Бинобар ин, зарур

аст, ки ташкилоти паймонкорӣ аз тамоми дастовардҳои замони муосир васеъ истифода бурда, лоиҳаро бо тамоми ҷузъиёташ коркард намояд.

Фаъолияти сохтмони роҳҳои автомобилгардро метавон тавассути ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд ва ҷамъиятҳои саҳомӣ амалӣ намуд. Ба амал баровардани чунин фаъолият тавассути соҳибкории инфиродӣ, бинобар сабаби гардиши калони молиявӣ ва тавакали хароҷоти калони молиявӣ номумкин аст.

Тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» [10], барои анҷом додани корҳои тарҳрезӣ ва пажӯҳишӣ, бунёди роҳҳои мошингузар, нигоҳдорӣ ва навсозии онҳо, гирифтани ҳуҷҷати расмии иҷозат зарур аст. Инчунин, дигар унсурҳои барои сохтмони роҳҳои автомобилгард зарурӣ низ сертификатсияро тақозо мекунанд:

– нишонаҳое, ки бо меъёрҳо пешбинӣ шудаанд;

– монеаҳои канории роҳ, ки ҳатмӣ мебошанд;

– чубҳои огоҳкунанда; рӯшноиро аккоскунанда; ноҳамвориҳои бунёдшуда;

– сангҳои паҳлуӣ; қубурҳои обпарто; плитаҳои оҳану бетонӣ; ҷӯйборҳои обгузар.

Инчунин барои маводҳое, ки дар сохтмони роҳ истифода мешаванд, эъломияҳо талаб карда мешаванд, аз ҷумла барои тамоми намудҳои қум, сангреза ва шағал, хокаи минералӣ, семент, битум, мастикаҳои битумӣ, герметикҳо, аломатгузории роҳ.

Барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар ҶТ заминаҳои зарурӣ муҳайё гардидаанд. Сохтмони босуръати роҳҳои автомобилгард, зиёд будани лоиҳаҳои иҷрошаванда, молиякунонии бесобиқа дар ин самт соҳибкоронро ангеза мебахшад, ки ташкилотҳои паймонкории худро баҳри сохтмони роҳҳои автомобилгард бунёд намоянд. Ҳоло лоиҳаҳои амалишаванда ва анҷомдодашудаеро мавриди таҳлил қарор медиҳем, ки онҳоро Вазорати нақлиёти ҶТ пешниҳод намудааст.

1. Таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Бохтар (марҳилаи 1), ки ба маблағи умумии 96,38 млн. доллари ИМА, аз ҷумла:

– аз ҳисоби қарзи Бонки Осиёгии Рушд (БОР) – 49,4 млн. дол. ИМА,

– кумаки бебозгашти Бонки Осиёгии Рушд (БОР) – 17,8 млн. дол. ИМА,

– қарзи ОПЕК – 12,0 млн. дол. ИМА,

– саҳми Ҳукумати ҶТ – 17,18 млн. дол. ИМА,

– маблағи азхудшудаи умумилоиҳавӣ: 60,728 млн.дол.ИМА (63%),

– муҳлати иҷрои корҳо: оғоз – октябри 2017, анҷом – октябри 2020,

– машваратчӣ: Ширкати «Кокс» (Олмон), паймонкор: Ширкати Синдзян Бейсин ЛТД (Хитой). Марҳилаи дуюми лоиҳаи мазкур 107, 5 млн. доллари ИМА пешбинӣ мекунад, ки ба сифати паймонкор Ширкати» Синохидро Корпорейшн ЛТД» (Хитой) баромад менамояд [132].

2. Дигар лоиҳаи ҷадиди соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард - ин таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Турсунзода – сарҳади Узбекистон мебошад:

– Қитъаи роҳ аз пайкараи А.Сино то дарвозаи ғарбии ш.Душанбе (дар чорроҳаи шаҳраки 82).

– Қитъаи роҳ аз пайкараи А.Сино то дарвозаи ғарбии ш.Душанбе бо маблағи умумии 36, 949 млн. доллари ИМА, ки дар ин лоиҳа низ паймонкор Ширкати Синдзян Бейсин ЛТД (Хитой) баромад менамояд [139].

3. Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати таъмини устуворӣ зидди хатарҳои табиӣ (Сохтмони пулҳо дар ВМКБ). маблағи умумии лоиҳа – 20,444 млн. дол. ИМА, аз ҷумла:

– гранти Бонки умумиҷаҳонӣ 8,731 млн. дол. ИМА,

– қарзи Бонки умумиҷаҳонӣ 11,713 млн.дол.ИМА,

– маблағи азхудшудаи умумилоиҳавӣ: 5,257 млн.дол.ИМА (26%), машваратчӣ: ШМ «Донсунг Инжиниринг Ко., Лтд» (Корея) ва ҶДММ «Валӣ» (Тоҷикистон), паймонкор: Барои Лоти 1 – Корпоратсияи хитоӣ оид ба сохтмони роҳҳо ва пулҳо (Чайна Роуд) (Хитой), Барои Лоти 2 – Корпоратсияи хитоӣ оид ба сохтмони роҳҳо ва пулҳо (Чайна Роуд) (Хитой),

мухлати иҷрои корҳо: Лоти 1: оғоз – декабри 2019, анҷом – июн 2021, Лоти 2: оғоз – апрел 2020, анҷом – октябри 2021 [135].

4. Сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Қалъаихумб, қитъаҳои А (Кӯлоб – Ш.Шоҳин) ва F (Шкев – Қалъаихумб). Маблағи умумии лоиҳа: 90,36 млн.дол.ИМА, паймонкорон: Чайна Стейт Констракшн Ксинҷианг Констракшн Инҷиниринг Груп (Хитой) , Корпоратсияи хитоӣ оид ба сохтмони роҳҳо ва пулҳо (Чайна Роуд) (Хитой) [135].

5. Рушди коридорҳои 3 ва 5 дар доираи ҲИМО (ЦАРЭС) (Таҷдиди роҳи Восеъ – Ховалинг, асфалтхобонии қабати дуюми болопуши роҳ дар қитъаи Сайрон – Қарамиқ ва таҷдиди роҳи автомобилгарди Кангурт – Балҷувон-Ховалинг [131]. Маблағи умумӣ: 76,9 млн.доллари ИМА, аз ҷумла;

– гранти БОР – 70 млн. доллари ИМА

– саҳми Ҳукумати ҶТ – 6,9 млн. доллари ИМА

– маблағи азхудшудаи умумилоиҳавӣ: 73,097 млн.дол.ИМА (95%)

– шарҳи лоиҳа: таҷдиди роҳи Восеъ – Ховалинг (88 км), асфалтхобонии қабати дуюм дар қитъаи Сайрон – Қарамиқ (89 км), таҷдиди роҳи автомобилгарди Кангурт – Балҷувон – Ховалинг (43 км), таъмиру барқарорсозии 12 адад пул, 4 адад пул аз ҳисоби лоиҳаи Кангурт – Балҷувон – Ховалинг, таъмири роҳҳои маҳаллӣ дар минтақаи лоиҳа (30 км), таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт (таъмини қувваи барқ ба минтақаҳои аҳолинишин ва деҳаҳои ҳамшафати роҳ, ки бо хатти интиқоли барқ таъмин нашудаанд), нигоҳдории роҳ дар асоси нишондиҳандаҳои сифат (177 км), лоиҳакашӣ, назорат ва идораи лоиҳа, аудит.

Таҷдиди роҳи Восеъ – Ховалинг (31,78 млн.дол.ИМА):

– машваратчӣ: Ширкати СМЕК (Австралия)

– паймонкор: Ширкати Синохайдро (Хитой)

Сохтмони долонҳои зиддитармавӣ дар роҳи автомобилгарди Душанбе – Чанак [128].

– маблағи умумии лоиҳа: 4,980 млн.дол.ИМА

– кӯмаки бебозгашти Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон

– маблағи азхудшудаи умумилоиҳавӣ: 2,719 млн.дол.ИМА (55%)

– муҳлати корҳои сохтмонӣ: июн 2019 – декабр 2020

– паймонкор: Корпоратсияи хитоӣ оид ба сохтмони роҳҳо ва пулҳо (Чайна Роуд).

Рушди иқтидорнокӣ ҷиҳати идоракунии пешгирии офатҳои табиӣ дар роҳҳои автомобилгард [137].

– маблағи умумии лоиҳа: 3,6 млн.дол.ИМА

– кӯмаки бебозгашти Ҳукумати Ҷопон

– маблағи азхудшудаи умумилоиҳавӣ: 3,559млн.дол.ИМА (98,8%)

– машваратчӣ: ширкати CTI (Ҷопон)

– муҳлати иҷрои корҳо: оғоз – апрел 2017, анҷом – феврал 2021

– шумораи кормандон: *20* нафар: маҳаллӣ – 7н. (35%), хориҷӣ –13н. (65%)

– шарҳи лоиҳа: харидории таҷҳизот, омӯзиш ва баланд бардоштани малакаю маҳорати мутахассисони соҳаи роҳдории кишвар барои идоракунӣ ва пешгирии офатҳои табиӣ дар роҳҳои автомобилгард.

Лоиҳаи мазкур дар асоси Созишнома оид ба ҳамкории техникӣ байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Япония, ки 15 феврали соли 2005 ба имзо расида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 15 июни соли 2005, №79 тасдиқ (ратификатсия) гардидааст, инчунин Протоколи ҷаласа аз 9 ноябри соли 2016, ки байни Вазорати нақлиёт ва Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ «JICA» ба имзо расидааст, татбиқ гардида истодааст.

Ба ҳолати кунунӣ дар доираи лоиҳа таҷҳизоти зарурӣ барои гузаронидани омӯзишҳо, аз қабили тахеометр, автонивелир, масофаченкунакҳои лазерии фосилавӣ, сангмайдакунакҳои пневматикӣ барои экскаватор, сангмайдакунакҳои пневматикии дастӣ, асбобҳои боронченкунӣ ва масолеҳ барои иҷрои корҳои пешгирии оқибатҳои офатҳои

табиӣ дар иншооти пилотӣ, аз қабили қуттиҳои габионӣ ва борхалтаҳои махсус барои бунёди садди ҳимоявӣ харидорӣ гардиданд.

Тибқи нақша бо мутахассисони 26 адад МДНРА-ҳои пилотӣ, аз ҷумла МДНРА-ҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, минтақаи Ҳисор, ноҳияҳои Нуробод, Рашт ва Тоҷикободи минтақаи Рашт интихобгардида вобаста ба масъалаҳои тақвияти иқтидорҳо оид ба пешгирӣ ва бартарафсозии оқибати офатҳои табиӣ омӯзишҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронида шуда, дар рафти гузаронидани омӯзишҳо ду иншооти ҳимоявии пилотӣ дар ноҳияҳои Айнӣ ва Варзоб бунёд гардиданд.

Дар нитиҷаи таҳлили лоиҳаҳои мазкур чунин ҳолатро метавон мушоҳида намуд, ки паймонкорони ҳамаи лоиҳаҳои дар боло номбаршуда ташкилотҳои хориҷӣ мебошанд ва маблағҳои калонро соҳиб мегарданд. Аз ин метавон хулоса бардошт, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар ин самт хуб инкишоф наёфтааст, соҳибкорони ватанӣ бошанд, ангезаи машғул шудан ба ин фаъолиятро надоранд.

Новобаста аз он ки дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ду факултет – «нақлиёт» ва «идора ва сохтмони нақлиётӣ» мавҷуд аст ва дар ин факултетҳо омодасозии мутахассисон аз рӯйи шаш ихтисос:

1) Сохтмони роҳи оҳан, роҳҳо ва хоҷагии роҳҳо;

2) Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ; 3) Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунӣ дар нақлиёти роҳи оҳан;

4) Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунӣ дар нақлиёти ҳавоӣ;

5) Сохтмони роҳҳо ва фурудгоҳҳо;

6) Кӯпрукҳо ва гузаргоҳҳои зеризаминии нақлиётӣ, аммо дар самти ташаккул додани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ такони ҷиддие эҳсос намешавад.

Барои таъмир ва азнавсозии роҳҳои автомобилгард, тибқи суханронии вазири нақлиёт 700 млн. доллари ИМА равона гардида, амалисозиашон соли 2021 оғоз шуда буд. Соли ҷорӣ барномаҳои инноватсионӣ ба маблағи 707

млн. доллари ИМА роҳандозӣ мешаванд, ки ба иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат хоҳанд расонд.

Дар муддати тулонӣ, аз соли 2020 то 2025, қобилияти молиявии Ҳукумати ҶТ барои татбиқи накшаҳои навсозӣ тадриҷан афзоиш меёбад, аммо қарзҳои боимтиёз ҳамчун сарчашмаи калидии сармоягузорӣ идома хоҳанд ёфт. Дар ин муддат, барои навсозии пулҳо маблағи умумии 5,5 миллион доллари ИМА ҷудо мегардад.

Ҳамчунин, барои нигаҳдории роҳҳо дар сатҳи мувофиқ, ҳудуди 272 миллион доллари ИМА пешбинӣ шудааст, ки аз ин миқдор тақрибан 192 миллион доллар ба роҳҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва 82,26 миллион доллар ба роҳҳои маҳаллӣ равона хоҳад шуд. Дар баробари ин, дар ин марҳила сохтмони иншооти ҳамроҳи роҳҳо, аз қабили нуқтаҳои таъминот бо сӯзишворӣ, марказҳои хизматрасонии техникӣ, дӯконҳо, майдончаҳои истироҳатӣ ва меҳмонхонаҳо дар назар аст, ки ба беҳтар шудани сифати хизматрасонии нақлиётӣ кумак мерасонанд.

Сармоягузории фаъол дар тавсеаи бахши нақлиёт яке аз омилҳои муҳим барои дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла суръат бахшидан ба рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар Тоҷикистон, ба ҳисоб меравад. Саҳми хароҷоти нақлиётӣ дар арзиши маҳсулот вобаста ба бахшҳои гуногуни иқтисод аз 5 то 35 дарсад фарқ мекунад. Парки нақлиётие, ки аз лиҳози техникӣ ва маънавӣ фарсуда шудааст, хароҷоти интиқолро дар нархи молҳо боло бурда, қобилияти рақобати хизматрасонии нақлиётии ватаниро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ коҳиш медиҳад.

Яке аз нишондиҳандаҳои калидии иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба зиёд шудани ҳаҷми мусофиркашонӣ тавассути роҳи оҳан ва ҳавопаймоҳо таъсир мерасонад, афзоиши даромади воқеии сарикасии аҳолӣ аст. Бар асоси ҳисобҳо, бо ҳар як фоизи болоравии даромади воқеии аҳолӣ, ҳаҷми интиқоли мусофирон ба ҳисоби миёна то 1,6 дарсад меафзояд.

Нақшаҳои давлатӣ дар самти рушди нақлиёт ва инфрасохтори роҳҳо тибқи таҳлилҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва андешаҳои коршиносон, ҳадафҳои зеринро пайгир аст:

– эҷоди сохтори нақлиётие, ки дар он хароҷоти умумии интиқоли бор ва мусофирон то ҳадди ақал кам карда мешавад;

– рушди муносиби бахшҳои алоҳидаи нақлиёт дар чорчӯбаи фаъолияти фоидаовар;

– тавсеаи имконоти транзитӣ ва табдил додани кишвар ба як макони ҷолиби сайёҳӣ;

– фароҳам овардани шароит барои рақобати солим дар бозори хизматрасонии нақлиётии дохилӣ ва байналмилалӣ.

Воқеан бунёд ва таъмир намудани роҳҳои автомобилгард на танҳо ҳадафи стратегии баромад аз бумбасти коммуникатсионӣ, пайвандгари минтақаҳои дуру наздик, осудаҳолӣ ва кафили рушд ва сулҳу субот мебошад, инчунин як комплекси мураккаби такондиҳандаи фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад.

Таркиби муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомбилгард аз инҳо иборат аст:

а) субъекти муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомбилгард;

б) объекти муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомбилгард;

в) мазмуни муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомбилгард (ҳуқуқ ва уҳдадорӣ).

Муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими давлатӣ ва шартномавӣ ба таври доимӣ ташаккул меёбанд, дигаргун мешаванд ва хотима меёбанд. Яке аз унсурҳои калидии ин муносибатҳо дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ, аз субъектҳое иборат аст, ки онҳоро ташкил медиҳанд. Тибқи моддаи 7 – уми Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [11], субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ чунин шахсонро дар бар мегиранд:

– афроди воқеӣ (шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд), ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд;

– шахсони ҳуқуқӣ (созмонҳои тиҷоратии резидент ва ғайрирезидент, инчунин филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ), ки дар ин самт фаъолият доранд.

Мафҳуми «субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ» дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ як истилоҳи нисбатан тоза ба шумор меравад. Ин мафҳум бори аввал дар пайи қабули Қонуни Ҷумҳурии Сотсиалистии Федеративии Русияи Шуравӣ «Дар бораи корхонаҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ» аз 25-уми декабри соли 1990, № 445-1 ба вуҷуд омадааст.

Дар муқаддимаи ин қонун зикр гардида буд, ки «муқарраароти он дар қаламрави Ҷумҳурии Сотсиалистии Федеративии Русияи Шуравӣ нисбат ба ҳамаи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва самти фаъолияташон, татбиқ мешаванд». Бо вуҷуди ин, дар худи қонун таърифи дақиқи «субъектҳои соҳибкорӣ» пешниҳод нагардида буд. Моддаи 2-юми он танҳо номгӯи ин субъектҳоро зикр карда, моддаи 3-юм бошад, ба шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шуда буд.

Коршиносони соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ таъкид мекунанд, ки фарқи байни мафҳумҳои «субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва «субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ» бояд дақиқ муайян карда шавад. Субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ шахсоне ҳастанд, ки дар доираи амалисозӣ ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ дорои ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо мебошанд.

Дар муқоиса бо ин, мафҳуми «субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ» нисбат ба «субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ» доираи васеътар дорад. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ афроди воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки мувофиқи тартиби муайяншудаи қонунгузорӣ ҳамчун соҳибкор ба қайди давлатӣ гирифта шуда, мақоми ҳуқуқии шаҳрвандии соҳибкорро касб намудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ метавон бо таърифҳои гуногуни субъектҳои хоҷагидорӣ ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дучор омад. Таҳлилҳои муфассали ин субъектҳои хоҷагидорӣ пешниҳод гардида, нишонаҳои асосии

онҳо муайян шудаанд. Ба андешаи мо, субъектҳои дорандаи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои хоҷагидорӣ шахсоне ҳастанд, ки молу мулки ҷудогона дошта, дар асоси он фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намудҳои хоҷагидориро анҷом медиҳанд.

Ин субъектҳо мувофиқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудаанд ё бо роҳи дигар расман эътироф гардидаанд, фаъолияти худро аз номи хеш пеш бурда, масъулияти молу мулкии худро бар дӯш доранд. Субъектҳои ҳуқуқи хоҷагидорӣ на танҳо ба истеҳсоли мол, иҷрои кор ё пешниҳоди хизмат машғуланд, инчунин идоракунӣ ё таъсиррасонии давлатиро дар ин соҳа амалӣ мекунанд.

Қонунгузории мадании ҶТ, ба таври умум, вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои шаҳрвандӣ, асосҳои пайдоиш ва тартиби истифодаи ҳуқуқи моликият, ҳуқуқҳои ашёӣ, ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, инчунин уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ, муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкие, ки ба онҳо алоқаманданд ва бар баробарӣ, озодии ирода ва истиқлолияти молумулкии иштирокчиён асос ёфтаанд, ба танзим медарорад.

Фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард дорои хусусиятҳои хоси худ аст:

1. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 7-уми июни соли 2023 № 1018 [10], корҳои лоиҳакашӣ, таҳқиқотӣ, сохтмон, таъмир ва барқарорсозии роҳҳои автомобилгард, роҳҳои оҳан ва иншоотҳои роҳӣ дар асоси иҷозатнома сурат мегиранд.

2. Хусусияти дигари муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин соҳа ба он вобаста аст, ки онҳо дар робита ба объектҳое пайдо мешаванд, ки дорои хусусиятҳои махсусанд. Бояд гуфт, ки қонунгузории муосир то ҳол хусусиятҳои роҳҳои автомобилгардро ҳамчун объекти ғайриманқул ба таври дақиқ муайян накардааст.

Тавре В.А. Вайпан қайд кардааст, норавшании тафсири роҳҳои автомобилгард дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ як қатор мушкилотро ба миён

меорад, аз ҷумла баҳсҳо дар мавриди вобастагии ин роҳҳо ба категорияи амволи ғайриманқул. Ин номуайянӣ таҳлили ҳуқуқии амиқ ва таҳкими қонунгузориро дар ин самт талаб мекунад [125].

Оид ба масъалаи мазкур дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ду нуқтаи назари муқобили якдигар мавҷуд аст, ки шомил будани роҳҳои автомобилгардро ба объекти ғайриманқул эътироф мекунанд. Қазияи мазкур дар назария ва амалия бо он асоснок мегардад, ки таснифи қитъаи замин ва роҳи автомобилгард ҳамчун объектҳои мустақил баҳспазир аст.

Танҳо дар як ҳолат роҳи автомобилгард ҳамчун беҳтар намудани қитъаи замин ба ҳисоб рафта, дар дигар ҳолатҳо бошанд худи роҳ ё ин ки дигар объектҳо ҳамчун маҷмуи сохтмон ва сифаташ аз қитъаи замини беҳтаркардашуда фарқ дошта, объекти мустақили муносибатҳоро ташкил медиҳад.

Ҳам дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва ҳам дар амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҳангоми ворид намудани объекти баҳснок ба молу мулки ғайриманқул, бояд аз се нишонаи асосӣ кор гирифт: қонунӣ будани соҳибии объект, ҷой надоштани қонунвайронкунӣ ҳангоми сохтани он, инчунин ғайриимкон будани кӯчонидани объекти ғайриманқул бе зарари ҷиддӣ ба таъиноташ [122, 5].

Нисбат ба маҳакҳои ироашудаи дохил намудани роҳҳои автомобилгард ба объекҳои моликияти ғайриманқул, дар адабиёти ватанӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ду нуқтаи назари муқобил ҷой доранд. Ҷонибдорони нуқтаи назари аввал бар онанд, ки на ҳама вақт роҳи автомбилгардро ба объекти ғайриманқул метавон дохил намуд. А.В.Мандрюков [97, с. 50-53] қайд менамояд, ки на ҳама роҳи автомобилгард объекти молу мулки ғайриманқул буда метавонад.

Баъзе мавридҳо ҳастанд, ки роҳи автомобилгард аз сабаби бо гил ва бетон пӯшонида шуданаш ба ҳисоби давлатӣ қабул нагардидааст, зеро он

дорои хусусияти мустақилияти фаъолиятӣ нест ва фақат вазъи қитъаи заминро такмил додааст.

Гилу плита ҳангоми кӯчонидан сифати худро гум намекунанд ва минбаъд низ истифода мешаванд, ки аз мавҷуд набудани унсурҳои як конструксияи ҳангоми кӯчонидан вайроншаванда дарак медиҳад. Ҳолатҳое ҳастанд, ки бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба майдончаи бетонкардашуда рад мешавад, чунки бетони мазкур танҳо ҳолати қитъаи заминро беҳтар мегардонад ва ягон конструксияи нави мустақилро ба вуҷуд намеорад.

Мавқеи ҳаммислро Н.Н. Алексеев ҷонибдорӣ менамояд. Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур ҳолате бармеояд, ки барои мустақил шуморидани ягон объекти бунёдшуда дар рӯйи қитъаи замин, ин объект аз доираи қитъаи замин берун баромада, аз беҳтарнамоии он фарқ кунонида шавад [20, с. 144], менависад муаалиф.

Роҳҳои автомобилгард бо рӯйпӯшкунии асфалтӣ, қисми раванди технологӣ оид ба сохтани роҳи автомобилгард ба ҳисоб рафта, объекти мустақили молумулки ғайриманқулро ташкил намедиҳад. Чунки асфалтпӯш намудан қитъаи замин онро объекти мустақил намегардонад, танҳо қитъаи замин хусусиятҳои навро касб менамояд.

Мавқеи ҳаммисл оид ба масъалаи мазкур дар таҷрибаи бақайдгирии ҳиссаи умумӣ ба роҳи автомобилгарди асфалтпӯш пайдо гардидааст. Тибқи маводҳои парванда байни яке аз даъвогарон ва корхонаи сохтмон шартнома баста шуда буд. Аз ҷониби суд муайян гардид, ки роҳи ёдрасшуда қаблан вуҷуд дошт ва дар шартнома оид ба сохтмони роҳи нав чизе гуфта нашудааст, асфалтпӯшонии роҳ аз ҳисоби даъвогарон, ҳуқуқи молумулкиро ба объекти мазкур ҳамчун моликияти ғайриманқул ба бор намеорад.

Тибқи мавқеи дувуми дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ (О.С.Карпенюк [127], И.Ю.Карлявин [115, с. 49]) роҳҳои автомобилгард объекти молумулки ғайриманқулро ташкил медиҳанд, агар нишонаҳои дар моддаи 138 КМҶТ сабтшударо доро бошанд: доштани алоқаи ногусастанӣ бо замин,

имконнопазир будани кӯчонидани объект бидуни ба он расонидани зарари ҷиддӣ.

Иқтисодиёте, ки самти иҷтимоӣ дорад, дар он бахши давлатӣ нақши калидиро иҷро мекунад.

Ҳадафи асосии дахолати давлат ба иқтисод ин фароҳам овардани шароит барои татбиқ ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ, аз қабили таъмини амнияти миллӣ ва мудофиаи кишвар, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, нигоҳдории саломатии мардум, дастгирии қишрҳои ниёзманди ҷомеа ва ҳифзи муҳити зист мебошад. Амалисозии ин вазифаҳо бидуни таъсир ба ҷараёнҳои иқтисодӣ ғайриимкон аст.

Дар робита ба сабти давлатии ҳуқуқи моликият ба роҳҳои автомобилгард, бояд вижагиҳои техникии зерини онҳоро қайд кард:

– роҳҳои автомобилгард махсус барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт тарҳрезӣ гардида, хатҳои дуқабата дошта ва аз ҷиҳати техникӣ мукаммал мебошанд;

– замине, ки барои бунёди роҳ ҷудо шудааст, ҳамроҳ бо пӯшиши он як воҳиди техникиро ташкил медиҳад ва ҳимояи онро таъмин мекунад;

– унсурҳои сохтории роҳ ва таҷҳизоти марбут ба он (замину асбобҳои роҳ) аз лиҳози сохтмон ва пайванди техникӣ бо ҳамдигар муттаҳиданд.

Барои ворид намудани роҳи автомобилгард ба объектҳои ғайриманқул дар ҳар ҳолати мушаххас аз ҷониби мақомоти ваколатдор бо дарназардошти хусусиятҳои объект қарор қабул карда мешавад. Аз назари амалия, роҳҳои автомобилгард ҳамчун молу мулки мураккаб бо таҷҳизотҳои гуногун мебошанд, ки дар миёни онҳо объектҳои ғайриманқули тиҷоратии сармоягузорӣ мавҷуданд.

Ба назари мо, ин хусусияти иловагии муҳим баҳри шомил намудани роҳи автомобилгард ба объекти ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз барои ҷойгир намудани объектҳои хизматрасонии наздироҳӣ баҳри ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард сармоягузорони хусусӣ ангеза пайдо намуда, ҷалб мешаванд.

Бояд мавқеи муаллифро ба инобат гирифт, ки роҳи автомобилгард қитъаи замини асфалтпӯшшудаaро ба хотир мерасонад ва объекти мустақилро ба ёд намеорад [90, с. 28-34].

Мушоҳидаи мухолифатҳои дар амалия ҷойдошта, тақозои онро доранд, ки дар қонунгузорӣ тарзҳои мушаххаси муайян намудани мафҳуми роҳи автомобилгард, бо дарназардошти хусусиятҳои технологӣ ва талаботҳои сохтмони объектҳои номбаршуда, бояд коркард карда шаванд.

Ба назари мо, шомил кардани роҳҳои аз гил ва бетон сохташуда, аз ҷумла роҳҳои ҷангалӣ, ба категорияи роҳҳои автомобилгард нодуруст аст, зеро ин роҳҳо барои ҳаракати нақлиёти автомобилӣ пешбинӣ нашудаанд ва ба меъёрҳои лоиҳакашӣ ва сохтмоние, ки дар аснодҳои ҳуқуқии ҶТ муқаррар гардидаанд, мувофиқат намекунанд.

Гарчанде санади меъёрии ҳуқуқии зикршуда муносибатҳои марбут ба фаъолияти роҳдориро ба таври куллӣ танзим накунад ва танҳо заминаҳои ҳуқуқии таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳоро муайян созад, истифодаи мафҳуми дар он овардашуда метавонад масъалаи мансубияти роҳҳои автомобилгард ба молу мулки ғайриманқулро ҳал намояд.

Аз ин рӯ, зарур аст роҳҳои автомобилгардро аз дигар объектҳое, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шудаанд, аммо ба ин гурӯҳ дохил намешаванд, ҷудо кард. Қитъаҳои замине, ки барои бунёди роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум пешбинӣ шуда, мувофиқи қонунгузории замини ҶТ ба Вазорати нақлиёт ё мақомоти ваколатдори он тақсим гардидаанд, ба категорияи заминҳои нақлиётӣ мансуб буда, мутобиқи таъиноти худ истифода мешаванд.

Таҷрибаи идораи шаҳри Москва нишон медиҳад, ки на ҳама роҳҳое, ки имкони ҳаракати автомобил дар онҳо вуҷуд дорад, ба роҳҳои автомобилгард мансубанд. Дар ин шаҳр низ кӯчаҳо ва роҳҳое мавҷуданд, ки ба талаботи қонунгузории марбут ба истифодаи нақлиёт дар роҳҳои автомобилгард мувофиқ нестанд. Ин далелро, инчунин мавҷуд набудани рӯйхати муайяни роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва дорои аҳаммияти маҳаллибуда

тасдиқ мекунад, ҳарчанд Қонуни ҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» ин нуктаро зикр кардааст. Ҳамзамон, истилоҳи «объектҳои хоҷагии роҳ» дар якчанд асноди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо низ ба кор бурда шудааст.

Таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мавҷуда асоси онанд, ки роҳҳои автомобилгард шомили объектҳои ғайриманқуланд, инчунин як қатор фактҳоро ба фоидаи олимоне меоранд, ки ҷонибдори ин ақидаанд.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи консессияҳо», объектҳои шартномаи консессияро амволи ғайриманқул ё манқуле ташкил медиҳанд, ки ба моликияти давлат тааллуқ доранд. Бо вуҷуди ин, мавқеи роҳҳои автомобилгард ҳамчун қисми ин шартнома то ҳол норавшан боқӣ мемонад, зеро объектҳои консессия метавонанд ҳам амволи манқул ва ҳам ғайриманқул бошанд.

Бо ин ҳол, бояд муайян кард, ки роҳи автомобилгард танҳо дар сурате ба гурӯҳи амволи ғайриманқул дохил мешавад, ки он мувофиқи қонунгузорӣ ва тартиби муқарраршуда сохта шуда, бо риояи меъёрҳои шаҳрсозӣ иҷозатномаи зарурӣро дарёфт карда бошад.

Дар муқаррароти Кодекси шаҳрсозии Федератсияи Русия роҳҳои автомобилгард ҳамчун объектҳои хаттӣ (линейнӣ) тасниф шудаанд. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии ҳуқуқ давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ бо он», ба объектҳои хаттӣ иншоотҳои мураккаб ва ҷудонашаванда дохил мешуданд [7].

Дар моддаи 141-и Кодекси мадании ҶТ низ як навъи амволи ғайриманқул бо номи объектҳои хаттӣ зикр шудааст, ки ба объектҳои «линейнӣ»-и мазкур шабоҳат дорад. Вале то имрӯз на таҳлили қонунгузорӣ ва на пажӯҳишҳои илмӣ дар ин мавзуъ ба таври кофӣ анҷом нашудаанд. Дар сурати муайян кардани ин гуна объектҳо, мушкилоти марбут ба ташхиси дақиқи вазъи ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард аз байн хоҳад рафт.

Дар ибтидои консепсияи рушди қонунгузории маданӣ нияти ҷорӣ кардани навъи нави амволи ғайриманқул ба миён омада буд, ки онро

комплекси технологии моликияти ғайриманқул номиданд. Ин комплекс дорои хусусиятҳои зерин буд:

1) маҷмуи объектҳои гуногуни манқул ва ғайриманқул бо ҳадафи ягонаи хоҷагидорӣ;

2) ҳузури қитъаи замин дар доираи ин комплекс (ҳуқуқ ба замин), ки дар он иншооти ғайриманқул воқеъ аст (банди 3.7.3, қисми 4-уми Консепсия).

Баъдан, дар лоиҳаи қонун пешниҳод шуд, ки «комплекси ягонаи молу мулк» ҳамчун як воҳиди амволи ғайриманқул эътироф гардад. Ин комплекс маҷмуи иншоот, таҷҳизот ва дигар унсурҳоеро дар бар мегирад, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва технологӣ бо ҳам пайвастанд (масалан, объектҳои хаттӣ ба монанди роҳи оҳан, хатҳои интиқоли барқ, қубурҳо ва ғайра) ё дар як қитъаи замин ҷойгиранд. Ин объектҳо дар сурати сабт дар феҳристи ягонаи давлатӣ ҳамчун амволи ғайриманқул эътироф мешаванд.

Ба андешаи Д.Д. Грим, ҷорӣ кардани истилоҳи «комплекси ягонаи ғайриманқул» мушкилоти омехтагии ин мафҳум бо истилоҳи «моликияти комплексӣ» ва навъи он – корхонаро бартараф кард. То замони қабули меъёрҳои марбут ба «комплекси ягонаи ғайриманқул», баҳсҳо оид ба таснифи ин объектҳо танҳо дар доираи «объектҳои хуттӣ» маҳдуд намешуданд, зеро онҳо дар қонунгузорӣ ба таври возеҳ зикр гардида буданд [90, с. 36].

Мақомоти салоҳиятдор, аз ҷумла судҳо, таснифи дигари ин объектҳоро аз рӯйи манқул ё ғайриманқул будани онҳо бо такя ба хусусиятҳои техникӣ ва дигар нишонаҳо муайян мекарданд.

Зикри объектҳои хаттӣ дар доираи мафҳуми «комплекси ягонаи молу мулк» аз он шаҳодат медиҳад, ки қонунгузор норавшании вазъи ин объектҳо, аз ҷумла роҳҳои автомобилгардро дарк кардааст.

Ҳоло дар адабиёти илмӣ мунозираҳо пиромуни моҳияти ҳуқуқии комплекси ягонаи молу мулк ва ҷойгоҳи он дар низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ идома доранд. Бархе муҳаққиқон ин комплексро ба табдилёбии

моликияти комплексӣ рабт медиҳанд, дар ҳоле ки дигарон онро ба гурӯҳи ашёҳои мураккаб дохил мекунанд.

Ба андешаи мо бошад, «комплекси ягонаи ғайриманқул (КЯҒ)»-ро аз рӯйи нишонаҳояш на ба таркиби комплекси молумулкӣ ва на ба ашёҳои мураккаб шомил намудан мумкин нест. Сарфи назар аз як қатор нишонаҳои ба комплекси ягонаи ғайриманқул ва комплекси моликият (дар таркиби онҳо ҳам молу мулки манқул ва ҳам ғайриманқул шомил аст) нигоҳ накарда, онҳо гуногунанд

Объектҳои номбаршуда як қатор фарқиятҳои назаррасро дороянд. Аввалан, нисбат ба «комплекси ягонаи молу мулк» қоидаи тақсимнашаванда будани ашё паҳн мегардад, комплекси моликият бошад таҳти таъсири ин қоида қарор надорад. Дувум бошад, ба таркиби КЯҒ дар таносуб бо комплекси моликият, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва уҳдадориҳо шомил нестанд. Ниҳоят таносуби сеюм дар он зоҳир мегардад, ки комплекси молумулк – корхона барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст, нисбат ба комплекси ягонаи молу мулк бошад, чунин муқаррарот аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст.

Фарқияти асосии ашёи мураккаб аз «комплекси ягонаи молу мулк» дар он аст, ки ашёи мураккаб дарбаргирандаи якчанд ашё мебошад, дар ҳоле ки нисбат ба «комплекси ягонаи молу мулк» реҷаи ҳуқуқии ашёи тақсимнашаванда паҳн мегардад. Инчунин, ашёи мураккаб манқул мебошад ва бо замин алоқаи ҷудоношаванда надорад.

Чӣ тавре ки М.А.Дмитриев [113, с. 38-40] қайд мекунад, бинобар сабаби як қатор нишонаҳои конструктивӣ сохтори объекти комплексӣ аз сохтори комплекси моликияти ғайриманқул фарқ мекунад, чунки аз як тараф муттаҳидкунандаи конструксияи мураккаб ҳам ашёи ғайриманқул ва ашёи манқул мебошад, бинобар сабаби номушаххас буданаш на ҳама вақт ба талаботи муқаррарнамудаи муомилоти мадании муосир ҷавобгӯ аст.

Инчунин, метавон қайд намуд, ки «комплекси ягонаи молу мулк» аз ашёҳои мураккаб бо элементҳои бо якдигар алоқаманди мақсади ягона дошта фарқ кунонида мешаванд.

Дар ҷараёни омӯзиши хусусиятҳои «комплекси ягонаи молу мулк», чунин вижагиҳоро метавон таъкид кард:

1) ҳузури як гурӯҳи объектҳои бо ҳам пайваст, ки ҳадди ақал аз ду унсур иборат аст ва яке аз онҳо сохтмон ё асбоби техникӣ мебошад;

2) ин объектҳо дорои мақсади ягонаи истифода мебошанд;

3) байни объектҳо робитаи ҷисмонӣ ё технологӣ вуҷуд дорад, ё онҳо дар як минтақаи замин ҷойгир шудаанд;

4) миёни ин объектҳо пайванди ҳуқуқии муҳим эътироф шудааст, ки ҳуқуқи воҳидии онҳо дар феҳристи ягонаи давлатӣ сабт гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки элементи асосии «комплекси ягонаи молу мулк» тибқи муқаррароти ҳуқуқии пешбининамудаи қонунгузорӣ на қитъаи замини пешбининамудаи олимони сивилист, балки бинову таҷҳизот ба ҳисоб меравад. Унсурҳои иловагӣ бошанд, ҳам ашёи манқул ва ҳам ғайриманқул буда метавонанд.

Д.Е.Потяркин [130] қайд менамояд, ки роҳи автомобилгард ба сифати объекти мустақил вуҷуд дошта наметавонад. Арзиш ва аҳаммияти роҳи автотомобилгард маҳз аз қитъаи замин бармеояд. Роҳи автомобилгард аз қитъаи замин ҷудо истифода бурда намешавад, чунки дар баробари қитъаи замин – объекти асосӣ, роҳи автомобилгард – объекти мансуб мебошад.

М.Н. Малеина [96, с. 12-14] баръакс, бар он ақида ҳаст, ки арзиши асосии роҳи автомобилгард дар хусусиятҳои самараовари он мебошад, аз ҷумла роҳи автомобилгард барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт сохта шудааст, дар таносуб аз қитъаи замин. Нишонаҳои зерин ба монанди мавқеи ҷойгиршавии роҳи автомобилгард, хусусиятҳои техникии он – нишонаҳои мақаррароти набуда, танҳо як роҳи автомобилгардро аз дигараш фарқ мекунонанд.

Бояд хотиррасон шуд, ки роҳҳои автомобилгард ҳамчун маҷмуи таҷҳизот, ки бо қитъаи замин алоқаи ногусастанӣ доранд ва дар натиҷа он қитъаи заминро ҳамчун объекти ягона бояд донист, низ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Муттаҳид намудани маҷмуи молу мулки манқул ва ғайриманқул ба комплекси ягонаи ғайриманқул ба воситаи муттаҳидсозии ҷисмонӣ ва технологӣ бо роҳи истифодаи ин молумулк баҳри мақсади ягона ва таъиноташон амалӣ карда мешавад. Аммо барои эътирофи комплекси ягонаи ғайриманқул танҳо муттаҳидшавии ҷисмонӣ (технологӣ) кифоя нест, инчунин асоси ҳуқуқӣ лозим аст, ки дар бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба комплекси ягонаи ғайриманқул ифода меёбад.

Дар осори ҳуқуқии муосир эътирофи роҳи автомобилгард ҳамчун як воҳиди мустақили ғайриманқул ба таври васеъ қабул нашудааст, ба ҷуз андешаи В.А. Вайпан, ки нахустин бор роҳро ҳамчун маҷмуи аз моликияти гуногун таркибёфта муаррифӣ карда, равиши ҳамгироёнаро барои арзёбии он ҳамчун мавзуи ҳуқуқ пешниҳод намудааст [125].

Вале дар доираи пажӯҳишҳои ҳуқуқӣ, мавқеъҳои дигар низ дар ин маврид ба назар мерасанд. Масалан, И.Ю. Карлявин бар ин бовар аст, ки асбобу иншоотҳо ба объекти асосӣ вобастаанд ва роҳи автомобилгард дар ин замина ҳамчун як навъи таҷҳизот номгузорӣ мешавад [115, с. 45].

Муқаррарот оид ба роҳи автомобилгард ҳамчун объекти асосӣ, ки аз таҷҳизотҳои ҷиҳозонидашуда иборат аст, бо ақидаи роҳ – ҳамчун комплекси технологӣ, мухолифат мекунад. И.Ю. Карлявин бар он ақида аст, ки роҳи автомобилгард ҳамчун комплекси технологӣ ба воқеият ва талаботи шаклгирифтаи замони муосир, ки ба расонидани хизматҳои роҳӣ равона гардидаанд, мувофиқ аст [115, с. 49].

Ба андешаи мо, татбиқи сохтори ҳуқуқии ашёи асосӣ ва мансуб нисбат ба роҳҳои автомобилгард, нодуруст аст, бинобар сабаби номувофиқ будани хусусиятҳои алоқаи байни унсурҳои роҳҳои автомобилгард, ки дар алоҳидагӣ

мустақилияти техникии худро дороянд ва объектҳои гуногун – бо мақсади ягонаи функсионалӣ муттаҳиданд.

Зиёда аз ин, маҷмуи ашёи асосӣ ва мансуб аз пайдо гардидани хусусияти нав гувоҳӣ намедиҳад ва ивазнамоии таъиноти функсионалии ҳар як ашёро дар алоҳидагӣ дар назар надорад, бинобар ин мақсади объекти комплексӣ пиндоштани он намегардад.

Роҳи автомобилгард ҳамчун объекти ягонаи ғайриманқул аз маҷмуи объектҳои бо ҳам алоқаманд иборат аст, ки ба таркиби он ба ғайр аз меҳвараш – роҳи автомобилгард, инчунин дигар объектҳои инфрасохтори роҳ шомиланд: пулҳо, нақбҳо, таваққуфгоҳҳои воситаҳои нақлиёт, нуқтаҳои иҷозатдиҳии воситаҳои автомобилӣ, нуқтаҳои ситонидани маблағ аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, чароғакҳо, нуқтаҳои баҳисобгирии суръати автомобилҳо, лавҳадеворҳои иттилоотӣ ва ғайра.

Минтақа ё порчаи замине, ки роҳи автомобилгард дар он ҷойгир аст, ба таркиби худи ин роҳ дохил намешавад. Мувофиқи таҷрибаи роиҷ, дар ҳуҷҷатҳои сабти давлатӣ ҳуқуқи моликият ба қитъаи замин ва худи роҳ бо дигар иншооти ғайриманқул, ба мисли сохтмонҳои бисёрошёна бошад, ба таври ҷудогона ба қайд гирифта мешавад.

Мухолифати мазкур назаррас аст, чун тибқи муқаррароти қонун роҳи автомобилгард, ба таркиби он қитъаи замини дар ҳудуди он қарордошта шомил аст. Қитъаҳои замини ёдрасшуда аз нигоҳи ташаккули соҳибкорӣ ва хизматрасонии роҳ аҳаммият доранд, дар баъзе ҳолатҳо сохтмони роҳи автомобилгард дар қитъаҳои замини иҷорагирифта низ имконпазир аст. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба меъёри мушаххаси қонунгузорӣ мухолиф аст.

Роҳи автомобилгард ва қитъаи замин, ки дар он чунин роҳ қарор дорад, объекти мустақили молумулки ғайриманқул мебошанд, инчунин онҳо дар муомилоти маданӣ ҳангоми истифодаи роҳи автомобилгард ҳамчун комплекси ягонаи ғайриманқул якҷояанд, чунки қитъаи замин унсури ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

Лозим ба қайд аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ бояд ин масъала ҳалли худро ёбад. Мафҳуми роҳи автомобилгард дар тафовут аз комплекси ягонаи ғайриманқул қитъаи заминро ҳамчун унсури таркибии худ дар бар мегирад.

Аз таҳлили моддаи 133.1 КГ ФР метавон хулоса баровард, ки қонунгузор ду ҳолати муттаҳид намудани ашёро ба комплекси ягонаи ғайриманқул муқаррар намудааст: ҷисмонӣ ва технологӣ. Роҳи автомобилгард ба комплекси ягонаи ғайриманқул чун алоқаи технологидошта шомил аст. Зери алоқаи технологӣ муттаҳидшавии ашёҳои манқул ва ғайриманқул бо мақсади ягонаи истифодаи технологӣ фаҳмида мешавад.

Бо вуҷуди ин, ба таркиби комплекси ягонаи ғайриманқул танҳо он унсурҳое шомиланд, ки мақсади ягонаи функсионалиро дороянд.

Хусусияти фарқкунандаи чунин комплекси ягонаи ғайриманқул дар иҷро намудани функсияи мушаххаси технологии ҳар як ашёи алоҳида аст, ки чунин муттаҳидшавиро боис мегардад.

Татбиқи қоидаи ҷудонопазирии ашё бо комплекси ягонаи ғайриманқул маънои онро дорад, ки объектҳои ба таркиби комплекси ягонаи ғайриманқул шомилбуда дар муомилот ҳамчун объекти ягона баромад мекунанд. Ҳамин тариқ зимни муттаҳид намудани якчанд объект ҳамчун комплекси ягонаи ғайриманқул, соҳибмулк бояд дар назар дошта бошад, ки комплекси ягонаи ғайриманқул минбаъд тақсим (бо дигар роҳҳои тағйир), инчунин ба объектҳои мустақили ғайриманқул ҷудо шуда наметавонад.

Татбиқи қоидаи тақсимнопазирии ашёҳо бо комплекси ягонаи ғайриманқул аз ҷониби як қатор муаллифон зери интиқод қарор дода шудааст. Онҳо бар он ақидаанд, ки на танҳо салоҳияти муттаҳидсозӣ, инчунин салоҳияти тағйир додани объектҳои комплекси ягонаи ғайриманқул бояд ба соҳибмулк вогузор шавад.

Шартномаҳои давлатӣ оид ба азнавсозии роҳҳои автомобилгард ҳамеша сохтмони объектҳои нави инфрасохтор, қитъаҳои истироҳат ва ғайраҳоро пешбинӣ менамоянд. Бинобар ин, ворид намудани унсурҳои нав ба роҳҳои

автомобилгард ба аҳаммияти функсионалии онҳо ҳамчун объекти ба талаботи технологӣ ҷавобгӯй, табиати ҳуқуқии комплекси ягонаи ғайриманқул муайянкунанда таъсир намерасонад. Аз ин лиҳоз, вобаста ба вогузор намудани салоҳияти ҳамроҳ, ҷудо ва тақсим намудани объектҳои ба комплекси ягонаи ғайриманқул ба соҳибмулк, зарурати тағйир додани режими объектҳои комплекси ягонаи ғайриманқулро пеш меорад.

Ҳолати кунунии роҳҳои автомобилгарди ҳудуди ҶТ дар вазъи қаноатбахш қарор надоранд ва сабаби ин бошад, мошинҳои гаронвазн ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, механизми ситонидани маблағи истифода аз роҳҳои автомобилгард аз воситаҳои нақлиёти зиёда аз 12 – тонна барои истифодаи роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти ҷумҳуриявидошта ба роҳ монда шуд. Масъалаи мазкур мушаххастар дар боби дуюм мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Аммо ҳоло метавон гипотезаро пешниҳод намуд, ки мустаҳкам гардидани асосҳои императивии танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур аз хусусияти оммавӣ доштани роҳи автомобилгард ҳамчун инфрасохтор дарак медиҳад.

Роҳи автомобилгард – ашёи мушаххасшуда ба ҳисоб меравад. Муқаррароти қонунгузории ҶТ оид ба роҳҳои автомобилгард, ҳолати муқаррар намудани навъ ва рақамҳои мушаххаскунандаро пешбинӣ намудааст.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки роҳҳои автомобилгарди истифодаи ҷумҳуриявӣ, бояд номи худро дошта бошанд, дар ҳоле ки нисбат ба роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти маҳаллӣ ва роҳҳои автомобилгарди хусусӣ чунин талабот пешбинӣ нашудааст. Инчунин, тибқи қонунгузории муосир, роҳи автомобилгард бояд шаҳодатнома дошта бошад.

Ба ақидаи мо, талаботи мушаххасгардонии фардӣ ва мавҷудияти шиноснома ба ҳама намуди роҳҳои автомобилгард новобаста аз таъиноташон, бояд татбиқ гардад.

Ҳамин тариқ, роҳи автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ, комплекси ягонаи ғайриманқули дорои хусусиятҳои зеринбударо мемонад:

тақсимнашаванда, ғайриманқул, истеъмолнашаванда, ашёи мушаххаси фардӣ.

Таҳлили хусуссияти роҳи автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ, номукамалии мафҳуми қонунии роҳи автомобилгардро, ки аз ҷониби намояндагони адабиёти илмӣ қайд шудааст, зарурати муайян намудани мафҳуми роҳи автомобилгардро ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ, пеш меорад.

В.А. Вайпан таърифи зерини роҳи автомобилгардро пешкаш кардааст: «Ин як маҷмуи моликияти ҳамгиро (объекти хаттии ғайриманқул) аст, ки барои ҳаракати доимӣ ва амни воситаҳои нақлиёт тарҳрезӣ шуда, ба меъёрҳои муайянкардаи аснодҳои ҳуқуқӣ оид ба суръат, вазн ва андоза мувофиқат мекунад [125]. Ин маҷмӯъ минтақаи замин, унсурҳои сохторӣ ва муҳандисӣ, инчунин биноҳо, иншоот ва асбобҳои роҳро дар бар гирифта, бо ҳадафи махсуси хидматрасонӣ ба роҳ ва ҳамчун қисми ягонаи ҷудонопазир амал мекунад».

М.Н.Малеина роҳи автомобилгардро дар якҷоягӣ бо қитъаҳои замини ҳамрадифаш ва сохтмону таҷҳизотҳои дар он бунёдёфта мефаҳмид, ки ҷузъи техникии он ба ҳисоб рафта, барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва роҳгузарон пешбинӣ шудаанд [96, с. 12-14].

Мафҳуми пешбинишудаи В.А.Вайпан то андозае дурусттар буда, роҳи автомобилгардро ҳамчун объекти комплексӣ арзёбӣ мекунад, аммо аз унсурҳои гуногуни хусусияти факултативидошта иборат аст [125]. Мафҳуми роҳи автомобилгарди пешниҳоднамудаи В.И.Малеина, ба ақидаи мо, аз хусусиятҳои факултативӣ иборат аст [96, с. 12-14].

Муайян намудани роҳи автомобилгард ба сифати объекти моликияти ғайриманқул, бо сабаби хусусияти комплексӣ доштани он то андозае куҳна шудааст.

Ҳам дар мафҳуми пешниҳоднамудаи В.А. Вайпан ва ҳам В.И. Малеина, қитъаи замин қисми таркибии роҳи автомобилгард ҳисобида шудааст, ки ба консепсияи роҳи автомобилгард ҳамчун объекти КЯҒ мухолифат намуда, аммо бо таъиноти объекти мазкур ва ҷалб намудани сармоя мувофиқ аст.

Бо дарназардошти ворид намудани тағйиротҳои куллӣ, бартараф намудани хусусиятҳои факултативии роҳи автомобилгард, тақозои онро дорад, ки дар қонунгузорӣ роҳи автомобилгардро ҳамчун комплекси ягонаи ғайриманқул маънидод намуда, онро ҳамчун объекти мустақили ғайриманқул маънидод намоянд.

Дар моддаи 1 ҚҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» мафҳуми роҳҳои автомобилгард дар шакли зерин пешниҳод мегардад: «Роҳи автомобилгард – объекти инфрасохтори нақлиётӣ, комплекси ягонаи ғайриманқул, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шуда, дарбаргирандаи қитъаҳои замини атрофаш унсурҳои рӯбино ва зербинои он, таҷҳизоти роҳии қисмати технологии он, таҷҳизоти муҳофизатии роҳӣ, таҷҳизотҳои сунъии роҳӣ, объектҳои истеҳсолӣ ва унсурҳои дигари роҳи автомобилгард.

Бо назардошти таҳлили илмӣ ва амалии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ, метавон мафҳуми муносибатҳои соҳибкориро дар ин бахш чунин тафсир намуд. «Муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар натиҷаи бақайдгирии давлатӣ, назорат ва танзими давлатии фаъолияти субъектони соҳибкорӣ вобаста ба сифатнок сохтани роҳҳои автомобилгард дар шароити релефи мураккаб, истифодабарии мақсадноки қитъаи замин ва ҳифзи саломатии аҳолӣ, инчунин дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар раванди сохтмони роҳҳои автомобилгард анҷом додани корҳои геодезӣ аз ҷониби паймонкор бо истифода аз банаворгириии топографӣ, омӯзиши релеф ва хоки замин, омӯхтани ковокии замин ва оби дар ин минтақа мавҷудбуда ба вуҷуд меоянд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд».

Муносибатҳои тиҷоратӣ дар соҳаи бунёди роҳҳои автомобилгард дорои вижагиҳои зерин мебошанд:

а) ин робитаҳо дар ҷараёни дарёфти иҷозатномаҳо шакл мегиранд;

б) пойбандӣ ба шартҳои иҷозатнома заминаи асосии чунин фаъолиятро таъмин мекунад. Дар натиҷа, мақомоти салоҳиятдори давлатӣ пайваста ва бидуни танаффус иҷрои ин шартҳоро санҷида, назорат мебаранд;

в) пайдоиши ин муносибатҳо ба моликияти истисноии давлатӣ будани замин вобаста аст;

г) дар доираи ин робитаҳо, масъулияти соҳибкор ҳатто пас аз итмоми кор ва тасдиқи он аз ҷониби муштарӣ барои муддати дароз боқӣ мемонад;

д) ин муносибатҳо аз лиҳози иқтисодӣ ва стратегӣ аҳаммияти бузург доранд.

## 1.2. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард

Бояд зикр кард, ки фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ба таври комил худмуайянкунанда нестанд ва танзими ҳуқуқии онҳо бояд аз ҷониби давлат ташкил карда шавад. Зеро яке аз вазифаҳои муҳимми давлат вазифаи иқтисодии он ба ҳисоб меравад.

Тибқи моддаи 2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи соли 2017, «қонунгузорӣ» ба маънои маҷмуи санадҳои меъёрие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро ба таври умумӣ ё дар як бахши муайян ба танзим медарорад. Дар пажӯҳишҳои ҳуқуқӣ, мафҳуми қонунгузорӣ дар ду шакл – васеъ ва маҳдуд пешниҳод мегардад. Дар маънои маҳдуд, он танҳо маҷмуи қонунҳоро дар бар мегирад, дар ҳоле ки дар маънои васеъ, он ҳам қонунҳо ва ҳам дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла созишномаҳои байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшударо фаро мегирад.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода, қонунҳои феълии Тоҷикистон ба фаҳмиши васеи мафҳуми «қонунгузорӣ» майл доранд, ки он аз Конститутсия, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байналмилалии эътирофшуда иборат буда, ин нукта дар онҳо ба таври ҷудогона ифода ёфтааст [102, с. 20].

Таҳқиқи адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои тиҷоратӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамчун як шакли фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар танҳо тавассути қонунгузорӣ амалӣ мегардад. Р.Ш. Сотиволдиев бар ин аст, ки қонунгузорӣ мафҳуми бисёрҷанба аст ва он метавонад ҳамчун маҷмуи қонунҳо, маҷмуи санадҳои меъёрии мақомоти олии намояндагӣ ва иҷроия, инчунин низоми умумии санадҳои меъёрӣ бо сохтори амудӣ ва уфуқӣ таъриф шавад [103, с. 53].

Ҷорӣ кардани ислоҳоти иқтисодӣ, пешбурди равандҳои зиддиинҳисорӣ ва хусусигардонӣ дар ҶТ на танҳо ба такмили қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат кард, балки дар доираи илм мафҳумҳои нав ба мисли соҳибкор, муносибатҳои тиҷоратӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва бозорро ба миён овард.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар низоми танзими давлатии иқтисод нақши қонунҳоро дар танзими ҳуқуқӣ боло бурда, таҳкими заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои тиҷоратиро тақозо намуд. Барои дақиқан муайян намудани манбаъҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои тиҷоратӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард, зарурати тақсимбандии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба давраҳо эҳсос мешавад.

Ҳамаи объектҳое, ки аҳаммияти муҳим доранд, дар қонунгузорӣ танзими худро ёфтаанд ва роҳҳои автомобилгард низ аз ин раванд берун намондаанд. Дар адабиёти муосир, роҳҳои автомобилгард чунин шарҳ дода мешаванд: «инҳо маҷмуи мураккаби воситаҳои нақлиётӣ буда, бехатарӣ ва шароити муносибро барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт фароҳам меоранд».

Дар қонунгузорӣ бошад, роҳи автомобилгард ҳамчун маҷмуи унсурҳои ба ҳам пайваст ва сохтмонҳои муҳандисӣ муайян шудааст, ки ҳаракати доимӣ ва бехатари автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиётро бо назардошти суръат, иқтидори борбардорӣ ва андозаҳои муқарраршуда таъмин мекунад.

Ҷомеаи имрӯзаро бе роҳҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Роҳҳои автомобилгард унсури калидии низоми нақлиёт буда, бе онҳо рушди хоҷагии халқ ва фаъолияти он номумкин аст. Аҳаммияти роҳҳо на танҳо дар замони

муосир беназир аст, балки таърих низ собит месозад, ки бе роҳҳо давлат қодир ба пешрафт нест.

Масалан, Роҳи Бузурги Абрешим (аз асри II пеш аз милод то замони мо) ба рушди тиҷорати корвонӣ мусоидат карда, фаъолияти савдоро дар кишварҳои Осиё ва Аврупо густариш дод. Ин роҳ аз шаҳри Сиани Чин оғоз шуда, тавассути Осиёи Марказӣ то Афғонистон, Эрон, Ироқ, Сурия, Туркия, Юнон, Рим ва Африқои Шимолӣ бо муваффақият хизмат мекард [65, с. 7].

1100 сол муқаддам давлати Сомониён инкишоф ва равнақи давлати худро бе Роҳи бузурги абрешим тасаввур карда наметавонист.

То оғози асри XX роҳҳо ба панҷ синф тасниф мешуданд: роҳҳои алоқаи асосӣ ё давлатӣ, роҳҳои алоқаи калон, роҳҳои алоқаи муқаррарӣ, роҳҳои содакардашудаи алоқа ва алоқаи тиҷоратӣ, роҳҳои деҳот ва майдонӣ.

Тоҷикистон давлати кӯҳии осиёӣ буда, 93 дарсади ҳудуди он дар маҳалли кӯҳӣ, аз ҷумла, нисфи ҳудуд дар баландии зиёда аз 3000 метр қарор дорад. Хусусиятҳои хосси релеф боиси кам инкишоф ёфтани роҳи оҳан ва роҳи ҳавоӣ гардида, вуҷуд надоштани роҳи обӣ боиси мавқеи роҳбарикунандаро ишғол намудани роҳҳои автомобилгард гаштааст. Гуфтан лозим аст, ки 90% боркашонӣ тавассути роҳҳои автомобилгард сурат мегирад [45, с. 120].

Сохтмони роҳ соҳаи муҳимми хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад ва ягон гӯшаи оламро бе мавҷуд будани роҳ тасаввур кардан имконнопазир аст.

Пас аз забти Осиёи Миёна аз ҷониби Русия, мавқеи роҳҳои автомобилӣ якранг набуд. Дар қисмати шимолии Тоҷикистон, ки ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон шомил буд, то андозае дигаргуниҳо дида мешуданд. Дар қисмати ҷанубу марказ низ сохтмони роҳҳо аз қисмати ҷанубӣ хубтар буд. Бадахшон бошад, тамоман роҳи нақлиётгузар надошт.

То ғалабаи Инқилоби Октябр дар Тоҷикистон роҳҳои автомобилгард аслан мавҷуд набуданд. Он роҳҳои муқаррарие, ки вуҷуд доштанд, солҳои тулонӣ таҷдид намешуданд. Дар ҳоле ки дар маркази Русия ва давлатҳои дигар кайҳо роҳҳои оҳан, роҳҳои автомобилгард, инчунин нақлиёти ҳавоӣ

низ аз худ дарак медод, аҳолии қисмати шарқии Бухоро нақлиёти механикиро тасаввур карда наметавонист [28, с. 10].

Таърихи қонунгузории Тоҷикистон оид ба роҳҳои автомобилгард аз якчанд марҳила иборат аст. Якум пойдоршавии Ҳокимияти Шуравӣ то соли 1929, марҳилаи дуюм, аз барномаи бузурги сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ маншаъ гирифта, ба солҳои бунёди аввалин роҳҳо бо болопӯши сангин омада, дарбаргирандаи нақшаи панҷсолаи якум ва дуюм мебошад.

Марҳилаи сеюм солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дар бар мегирад, ки дар он солҳо аҳаммияти асосӣ ба фронт дода мешуд ва бинобар ин сохтмони роҳҳои автомобилгард аҳаммияти дувуминдараҷаро касб намуданд. Марҳилаи чорум солҳои 1946 то солҳои 1970-ро дар бар мегирад, ки дар он солҳо шаклгирии Вазорати нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон ва ҷалби колхозҳову совхозҳо дар сохтмони роҳҳои автомобилгардро ба вуқуъ пайваст. Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, ки оғози марҳилаи панҷум мебошад, сохтмони роҳҳои автомобилгард тобиши нав касб намуданд, чунки яке аз ҳадафҳои стратегии давлати соҳибистиқлоли мо маҳз баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ маҳсуб меёбад [28, с. 12].

Марҳилаҳои номбаршуда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тарҳрезӣ гардида, инчунин аҳаммияти чунин санадҳо дар ташаккули роҳҳои автомобилгард мавриди таҳлил қарор дода мешаванд.

Моҳи октябри соли 1924 пас аз қабули қарори КМИ Шурои СССР оид ба тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, Ҷумҳурии мухтори шуравии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Узбекистон таъсис дода шуд. ҶМШСТ аз се вилояти гуногунранг иборат буд: Тоҷикистони шимолӣ, ҷанубӣ ва шарқӣ, ки тавассути қаторкӯҳҳои мушкилгузар пайваст буданд. Алоқа тавассути корвон ба роҳ монда мешуд. Шимоли Тоҷикистон бошад дар ҳудуди худ минтақаи роҳи оҳан (Нов – Конибодом) дошт, ки онро бо тамоми Иттиҳоди Шуравӣ пайваст мекард. Қисматҳои дигари Тоҷикистон минтақаи тамоман бероҳро мемонданд.

Дар соли 1925 дар шаҳри Душанбе нахустин Пленуми оргбюрои Ҳизби коммунисти Узбекистон дар ҶМШСТ доир гардид, ки дар он пешниҳоди тезондани раванди бунёди роҳҳо ба миён гузошта шуд. Барои ширкат дар ин корҳо созмонҳои тиҷоратӣ ва савдо, воҳидҳои артиши сурх, коргарон ва шахсони алоҳида ҷалб карда шуданд.

Дар давраи солҳои 1925-1927 роҳи Душанбе – Тирмиз – Саройкамар – Кӯлоб сохта шуд, ки ин яке аз лаҳзаҳои муҳимми таърихӣ ба шумор меравад. Дар соли 1926 бо мақсади пешбурди ҳамаҷонибаи сохтмони роҳҳо, нақшаи панҷсола барои солҳои 1926-1931 бо арзиши 380,311 рубл тарҳрезӣ гардид. Дар ин раванд, ба бунёди роҳҳои автомобилгарди дорои аҳаммияти маҳаллӣ мавқеи дуюмдараҷа дода шуда буд. Аммо ин нақша пурра амалӣ нагардид, зеро мушкилоти марбут ба ҷамъоварии маблағ ва номуайянии муҳлатҳо монеа эҷод карданд.

Бо афзоиши шумораи роҳҳои автомобилгард, ҳаҷми нақлиёт низ боло рафт. Дар Тоҷикистон, ки 93%-и қаламравашро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, роҳҳои автомобилгард нақши ҳалкунанда доштанд. Дар соли 1926 дар ҶМШСТ 138 км роҳи автомобилгард, 201 км роҳ барои нақлиёти чархдор ва 1,354 км роҳи боркашонӣ мавҷуд буд. Дар охири ҳамон сол, дарозии роҳҳои боркашонии ҷумҳуриявӣ ба 1,337 км ва роҳҳои маҳаллӣ ба 648 км расид.

Аз сабаби камбуди иттилоот дар бораи роҳҳо, Ревкоми ҶМШСТ рӯзи 13-уми сентябри соли 1926 қароре қабул кард, ки омӯзиш ва таблиғи минтақаҳои марбут ба хатсайри почтаи Душанбе – Қурғонтеппа – Ҷиликӯл – Сарой – Кӯлобро дар бар мегирифт. Дар асоси ин таҳқиқот, нақшаи дақиқтари сохтмони роҳҳо бо ҳаҷми маблағгузории 1,023,273 рубл таҳия шуд, ки аз ин миқдор 353,273 рубл аз буҷети Комиссариати халқии роҳҳои алоқа (минбаъд КХРА) ва 670,000 рубл аз буҷети ҶМШСТ ҷудо гардид.

Ин қарор оид ба таблиғот замина фароҳам овард, ки омӯзиши роҳҳо оғоз шуда, нақшаи муфассал тартиб дода шавад ва маблағгузорӣ роҳандозӣ гардад. Аз ин ҷо бармеояд, ки қабули қарорҳои мушаххас дар самтҳои

муайян ба ҷудо кардани захираҳои молиявӣ барои бунёди роҳҳо мусоидат мекунад.

Тибқи қарори Шурои Комиссарони Халқии ҶМШСТ, муайян гардид, ки раванди сохтмони роҳҳо аз соли 1927 оғоз ёфтааст. Дар ин марҳила, масъалаҳои марбут ба роҳ ва нақлиёт мавқеи пешбарро касб карданд. Дар натиҷа, 1-уми феврали соли 1927 дар ҶМШСТ шуъбаи идоракунии сохтмони роҳҳо таъсис дода шуд. Дар тӯли нуҳ моҳи соли 1927, ҳукумат барои сохтмони роҳҳо 422,000 рубл ва КХРА 346,851 рубл маблағ ҷудо намуданд.

Таъсиси ин ниҳоди роҳбарикунанда имкон дод, ки маблағҳо мустақиман ба сохтмони роҳҳо равона шаванд. Ҳамчунин, як ниҳоди мутамарказ барои назорат ва пешбурди самараноки бунёди роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд омад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар муддати кӯтоҳ, яъне дар нуҳ моҳ, маблағҳои назаррас ҷудо гардиданд, ки ин дар таърихи қаблии сохтмони роҳҳо назир надошт.

Бо дарназардошти аҳаммияти бузурги сохтмони роҳҳо барои пешрафти иқтисоди Тоҷикистон, 6-уми январи соли 1927 дар ҷаласаи Президиуми Шурои Иқтисодии Осиёи Миёна масъалаи «Таъсиси шуъбаи Муассисаи идоракунии нақлиёти маҳаллии Осиёи Миёна (САЗОМЕС) дар ҶМШСТ » баррасӣ шуд ва чунин тасмим гирифта шуд, ки САЗОМЕС то 1-уми феврал чунин ниҳоди сохтмони роҳҳоро таъсис диҳад, ки ҳамаи минтақаҳои дар қаламрави ҶМШС Тоҷикистон мавҷудбударо муттаҳид ва идора намуда, ҳамзамон тобеи САЗОМЕС бошад ва ба ҳукумати Тоҷикистон ҳисобот диҳад [82, с. 20].

Сохтори ваколатдор дар самти сохтмони роҳҳои автомобилгард на танҳо аз як идора, балки аз ниҳоди мутамарказ ва ҳисоботдиҳанда иборат буд. Созмон додани сохтори зинагӣ маънои ба роҳ мондани, назорат ва натиҷагирии ҷиддӣ аз болои сохтмони роҳҳои автомобилгард ва истифодаи самараноки маблағҳои барои сохтмони роҳҳо ҷудо мешударо дошт.

Сохтмони аввалин роҳҳои автомобилӣ соли 1926 оғоз гардид. Худи ҳамон сол аз Тирмиз ба Сталинобод якумин автомобилҳо расиданд.

Дар шароити кӯҳии Тоҷикистон ҳар як киллометри роҳ аҳаммияти беназир дошт. Ҳамин тариқ дар солҳои 1927-1928 дар ҳудуди ҶМШСТ масоили сохтмони роҳ аҳаммияти аввалиндараҷа касб намуд. Бинобар ин қисмати маблағҳои давлат барои сохтмони шоҳроҳҳо равона гардиданд. Новобаста аз ин, суръати сохтмони роҳҳо қонеъкунанда набуд ва ҳолати мазкур бо омилҳои зерин алоқаманд буд:

- доштани амалиётҳои ҳарбӣ;
- мубориза бо босмачиҳо;
- норасоии техникӣ.

Якумин автомобил дар шимоли Тоҷикистон аз ҷониби сокини ин минтақа соли 1914 оварда шуд [17]. Ба минтақаи Кӯлоб аввалин мошин соли 1928 омад [28, с. 12].

Дар Тоҷикистон аввалин нақшаи панҷсола солҳои 1928-1932-ро дар бар мегирифт, ки дар он сохтмони роҳҳо ҳамчун кафили тараққиёти дигар соҳаҳо ба ҳисоб мерафт. Роҳҳои афзалиятдошта барои сохтмон роҳҳои Тирмиз – Қабодиён – Ҷиликул – Кӯлоб (240 км) ва Кӯлоб – Балҷувон – Янгибозор (120км) ба ҳисоб мерафтанд [82, с. 18]. Вазифаи асосии нақшаи панҷсола, ин табдил додани Тоҷикистон аз давлати аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ буд.

Соли 1929 бо қарори анҷумани III Шурои ҶШС Узбекистон, округи Хуҷанд ба Тоҷикистон ҳамроҳ ва моҳи октябри соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд. Ин ҳодисаи бузурги таърихӣ ба ҳисоб рафта, 6-15 июни соли 1930 аввалин анҷумани Ҳизби коммунистии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар қатори масоили муҳим, сохтмони роҳҳо нақши асосӣ доштанд, аз ҷумла сохтмони роҳи Сталинобод – Кӯлоб [44, с. 482].

Дар равиши табадули ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон, нақши сохтмони роҳҳо беандоза буд, чунки азнавсозии хоҷагии халқ ва саноатикунонӣ бе мавҷудияти роҳ фикри хомро мемонд. Бинобар сабаби мавҷуд набудани роҳ, марказ ва ноҳияҳои ҷанубӣ аз дигар минтақаҳои тезинкишофёбандаи ҷумҳуриҳои сотсиалистӣ қафо монда буданд.

Ҳамин тариқ дар аввали солҳои 30-юм маҷмуи умумии маблағгузорӣ ба сохтмони роҳ 131 млн рубл буд, ки 13,6 % аз маҷмуи маблағгузории хоҷагии ҷумҳурӣ ташкил медод. Дар маҷмуъ ҳаҷми умумии маблағгузорӣ 981,10 млн-ро ташкил медод.

Соли 1930 сохтмони роҳи Душанбе – Қурғонтеппа оғоз гардид. Он аввалин роҳи ҷумҳурӣ по рӯйпӯши сангӣ ба ҳисоб мерафт. Сохтмон бо 54 бригадаи коргарон ҳар рӯз зиёда аз 150% нақшаи пешбинишударо ба анҷом мерасониданд, аз ҷониби ИҶШС бошад, 400 ҳаз. рубл ҷудо гардида буд. Новобаста аз мушкилиҳои мавҷудбуда 16 декабри соли 1932 сохтмони роҳи Душанбе – Қурғонтеппа ба анҷом расид [59, с. 69]. Акнун барои боркашонӣ аз Душанбе ҷониби Қурғонтеппа на 3-4 рӯз балки якчанд соат лозим буду халос. Танҳо дар соли 1933 ба воситаи ин роҳ зиёда аз 10 тонна бор, аслан пахта, нон ва маҳсулоти сохтмон интиқол шуда буд.

Барномаи бузурги сохтмон дар ҷумҳурӣ ба соли 1931 рост омад, ки барояш аз буҷети умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ 12 млн 400 ҳаз. рубл ҷудо гардида буд. То охири сол нақшаи анҷом додани сохтмони роҳҳои «Янгибозор – Кӯлоб – Файзобод – Кала – Ҷиликул» ва «Кӯлоб – Қурғонтеппа» роҳандозӣ гардид.

То соли 1933 дар ҷумҳурӣ нақшаи сохтмони 5334 км роҳ амалӣ гардид, ки аз он 2855 км хокӣ, 1966 км шоҳроҳ ва 127 км роҳи сангпӯш кардашударо ташкил медод. Ҳамин тариқ нақшаи панҷсолаи якум то 1 январи соли 1933, 124% иҷро гардид. Дар се соли панҷсолаи дуюм (1934-1937) аз буҷет 112 млн рубл, аз ҷумла 68 млн аз буҷети Шуравӣ ва 44 млн аз буҷети ыумҳуриявӣ ҷудо гардида буд [119, с. 19-24].

Тибқи нақшаи панҷсолаи сеюм (1938-1941) дар назди Тоҷикистон вазифаҳои зерин гузошта шуда буданд: дар муҳлати к=тоҳтарин азнавсозӣ намудани тамоми роҳҳо, роҳандозӣ гардад, сохтмони даҳҳо пулҳои калону хурд, инчунин дар қатори сохтмони шоҳроҳҳо, сохтмони роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти маҳаллидошта мубрамияти беназирро касб намуда буданд.

Барои хуб ба роҳ мондани фаъолияти нақлиёти автомобилӣ мақомоти мутаммарказ лозим буд. Бинобар ин, 25 июли соли 1939 дар заминаи «Тоҷиктранс» Комиссариати халқии нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки тамоми масоили идоракунӣ ва сохтмонро бар дӯш дошт [81, с. 22].

Барои анҷом додани барномаи сохтмони роҳ дар партави нақшаи панҷсолаи сеюм (1938-1941) Қарори Шурои Комиссарони Халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ аз 26 феврали соли 1940 аҳаммияти калон дошт. 28 феврали ҳамон сол бошад қарори Қарори Шурои Комиссарони Халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ «Оид ба сохтмони роҳ дар ҶШС Тоҷикистон» қабул гардид. Соли 1941 бошад сохтмони роҳи Орҷинкизебод – Кӯлоб – Ҷиликӯл оғоз гардид [81, с. 71].

Дар солҳои ҶБВ суръати сохтмони роҳҳо коҳиш ёфт. Дар солҳои аввали ҷанг мутахассисони соҳа муҳандисони техникӣ, механизаторҳо ва роҳсозон ба ҷанг бурда шуданду ҷойи онҳоро ҷавонони бетаҷриба ва занони хонашин ишғол карданд. Дар ин давра барои инкишофи нақлиёти ҷумҳурӣ 4,83 млн рубл сафарбар гардид, ки 7.7% фоизи умумии маблағгузориии хоҷагии халқро ташкил медод. Дар солҳои аввали пас аз ҶБВ сохтмон ва таъмири роҳҳо низ ба роҳ монда шуданд.

Нақшаи навбатии панҷсола (1946-1950) барои фаъолияти роҳдори 51 млн рублро пешбинӣ намуда буд. Акнун на танҳо сохтмони роҳ, балки сохтмони роҳ бо рӯбинои сахт мубраммият касб намуд. Чун инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ тақозои замонавӣ касб менамуданд.

Моҳи марти соли 1946 бошад «Наркомат автотранспорт» ба «Вазорати нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон» табдил ёфт. Азнавсозии роҳҳои автомобилӣ тобиши нав гирифт. Роҳҳо бо сангреза ва омехтагии нафт пӯшонида шуданд.

Дар солҳои 1950-1960 сохтмони роҳҳои автомобилгард тобиши нав касб намуд. Дар давоми панҷсолаи панҷум сохтмони роҳҳои автомобилгарди бо рӯйпӯши мустаҳками нафтӣ то 50% зиёдтар гардид. Соли 1953 идора

намудани сохтмони роҳҳои автомобилгард ва истифодаи он ба Вазорати нақлиёти автомобилӣ ва шоҳроҳҳо вогузошта шуд.

Яке аз шартҳои рақобати сотсиалистӣ дар ин марҳила бо шиори «роҳҳои хуб ва роҳҳои боваринок ба роҳ монда мешуд» [81, с. 51-52]. Ҳадаф ва вазифаҳои он давра дар назди хоҷагии роҳсозӣ гузошташуда гуногун буданд. Аз ҷумла, ба тартиб овардани нақшагузорӣ, мустаҳкамнамоии хоҷагии ҳисоббаробаркунӣ, тартиби молиякунонӣ, такмили истеҳсоли маҳсулоти сохтмон, истифодаи мошинҳои сохтмонӣ ва тайёр намудани кадрҳо дар ин соҳа.

26 ноябри соли 1958 Қарори Шурои Вазирони ИҶШС таҳти №1281 «Оид ба чорабиниҳои беҳтар намудани сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилии маҳаллӣ» қабул гардид [82]. Дар марҳилаи мазкур истифода аз техника ва иштироки кадрҳои соҳа зиёд гардиданд. Дар ҷумҳурӣ минтақаҳое, ки то он замон аз алоқаи роҳҳои автомобилӣ канор бошанд, қариб ки боқӣ намонда буданд.

Бо Қарори Комитети марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 1961 таҳти № 341, тресті «Тоҷикторстройс» таъсис дода шуд, ки барои такомули механизмкунонии сохтмони роҳҳои автомобилгард, инкишофи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳо мусоидат мекард [110, с. 37].

Бахри равнақ додани сохтмони роҳҳои автомобилгард, такоммул додани роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта тибқи Фармони Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 1 июни соли 1959 «Дар бораи иштироки колхозҳо, совхозҳо, корхонаҳои саноатӣ, нақлиётӣ, сохтмонӣ ва ташкилотҳои хоҷагӣ дар сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ» [82, с. 24] қабул гардид. Таъмир ва сохтмони роҳҳои дохилии колхозҳо тибқи Фармони Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 1 июли соли 1957 ба зиммаи колхозҳо аз ҳисоби худи онҳо вогузошта шуд.

Моҳи июни соли 1963 бошад, тибқи Фармони Президиуми Шурои Олии ҶШС унвонҳои фахрӣ барои кормандони соҳа аз қабили «Ронандаи шоистаи

автотранспорти ҶШС Тоҷикистон» ва «Роҳсози шоистаи ҶШС Тоҷикистон» [39, с. 5] муқаррар шуданд.

Азбаски молиякунонии роҳҳо дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда намешуд, ба ғайр аз маблағгузории давлатӣ соли 1963 тибқи Фармони навбатии Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон сарчашмаҳои иловагии молиякунонӣ пешбинӣ гардиданд [18].

Дар назди роҳсозони Тоҷикистон ҳадафи равнақ додани роҳҳои автомобилгард бо рӯйпӯши сахт ҳарсола ба андозаи 20% меистод, инчунин беҳтар намудани сифат ва кам кардани хароҷот низ ҳадафҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафтанд. Нуқтаи муҳимми панҷсолаи ҳаштум васеъ намудани роҳҳои маҳаллӣ ба ҳисоб мерафт, ки ба истеҳсоли хоҷагии деҳот ва талаботи мардуми маҳал аҳаммияти беназир дошт. Дар ин марҳила аслан роҳҳое сохта мешуданд, ки аҳаммияти маҳаллӣ доштанд, инчунин беҳтар намудани сифати сохтмон ва фарҳанги хизматрасонӣ низ мадди назар буд.

Соли 1958 роҳи Қурғонтеппа – Кӯлоб бо дарозии 150 км сохта шуд, ки яке аз дастовардҳои бузургтарини ин марҳила ба ҳисоб мерафт.

Дар солҳои минбаъдаи Ҳокимияти Шуравӣ роҳҳои нав ва мукаммал ба истифода дода мешуданд, вазъи техникии роҳҳо беҳтар мегашт, чун роҳҳои автомобилгард дар минтақаи Тоҷикистон аз дигар роҳҳои алоқа афзалиятноктар буданд.

Дар Барномаи Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ муқаррар шуда буд: «Ташаккули хоҷагии халқ тақозои инкишофи тамоми намуди нақлиёт мебошад. Вазифаи аввалиндараҷаи соҳаи нақлиёт аз вусъат додани сохтмони роҳ, қонеъ намудани талаботи мардум дар ҳама намуди ҳамлу нақл, такомули минбаъдаи роҳи оҳан ва дигар намудҳои нақлиёт ва такомули ҳамаи намуди нақлиёт ҳамчун ҷузиётҳои як қисми мукаммали соҳаи нақлиёт мебошад» [18, с. 24].

Дар панҷсолаи даҳум барои ташаккули минбаъдаи хоҷагии роҳ ва нақлиёти ҷумҳурӣ 122 млн рубл маблағгузорӣ шуда буд. Маблағи мазкур

баҳри сохтмони роҳҳои нав ва тамдиди роҳҳои мавҷуда, инчунин беҳтар намудани ҳолати техникии роҳҳо равона шуда буд.

Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда, тарбияи мутахассисони варзидаи соҳа зарур буд. Аз ин рӯ, тибқи қарори Ҳукумати ҶТ дар соли 1972, факултаи роҳсозии автомобилии Донишкадаи политехникии Тоҷикистон таъсис ёфт. Дар соли 1977, 23 хатмкунандаи ин факулта соҳиби тахассуси «муҳандис-сохтмончии роҳҳои автомобилгард ва пулҳо дар шароити кӯҳӣ» гардиданд.

Дар солҳои 70-уми асри гузашта, Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон фармон «Дар бораи ҷалби корхонаҳои давлатӣ, кооперативҳо ва созмонҳои хоҷагидор ба сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-ро ба тасвиб расонд. Дар гузориши комиссияи доимии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон оид ба нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо (1977) қайд шуда буд, ки колхозҳо ва совхозҳо ба нигоҳубини роҳҳои дохилии худ аҳамият намедиҳанд, ки ин боиси зуд-зуд вайрон шудани онҳо мегардад. Ҳамчунин, яке аз ҳадафҳои муҳим дар он буд, ки роҳҳои маҳаллӣ бо шоҳроҳҳо пайваст шаванд ва вазъи ин роҳҳои васлкунанда дар сатҳи муносиб нигоҳ дошта шавад.

Бо мақсади рушди нақлиёти автомобилӣ ва иҷрои саривақтии нақшаҳои сохтмони роҳҳо, дар моҳи декабри соли 1979 тибқи қарори Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон, Вазорати сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ таъсис дода шуд. Ин вазорат масъули тарҳрезӣ ва идораи роҳҳои умумии ҷумҳурӣ буд.

Дар муддати кӯтоҳ, коргоҳҳои истеҳсоли қир ва маводи сохтмони пулҳо бунёд ёфтанд. Аммо ба далели ҷойгиркунии нодурусти мутахассисони ҷавон ва таъмини нокифояи роҳсозон, дар панҷсолаи даҳум тресті «Тоҷикдорстрой» натавонист нақшаи пешбинишударо пурра амалӣ созад. Бо вуҷуди ин, то соли 1980 дарозии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум дар ҶШС Тоҷикистон ба 13,216 километр расонида шуд.

Дар давраи Шуравӣ, сохтмони роҳҳои автомобилгард ба таври назаррас пеш рафт, аммо пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, масъулияти ин корҳо комилан бар дӯши давлати ҷавони Тоҷикистон афтод.

Пас аз касби истиқлолият, яке аз ҳадафҳои калидии стратегии Ҳукумати Тоҷикистон беҳбуди зиндагии мардум, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ буд. Азбаски бештари қаламрави Тоҷикистонро кӯҳҳо фаро гирифтаанд ва бунёди нақлиёти ҳавоӣ ё роҳи оҳан хатарнок аст, рушди зерсохтори роҳҳои автомобилгард аҳаммияти хос пайдо кард.

Таҳия ва татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ дар ин самт арзиши беназир доштанд ва доранд. Қарорҳои Ҳукумати ҶТ дар ин раванд нақши муҳим бозиданд ва саҳми онҳо дар бунёди роҳҳо низ мушоҳида мешавад. Масалан, тибқи «Қарори Ҳукумати ҶТ оид ба таъсиси муассисаи давлатии нигоҳдории роҳи автомобилгарди Яхчипури ноҳияи Шамсиддини Шоҳин» ба Вазорати нақлиёт супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллӣ ва дар мувофиқа бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амвол, ҷойгиршавии муассиса муайян гардад ва бо ҳамоҳангсозии Вазорати молия маблағгузории он аз буҷети давлатӣ барои соли 2017 таъмин гардад.

Қарори дигари Ҳукумат дар даврони истиқлолият, ба таъсиси Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Чанак» марбут аст, ки татбиқи лоиҳаи навсозии роҳи Душанбе – Кулма (қитъаи Қалъаихумб – Хоруғ – Кулма) низ ба он вогузор шуд. Маблағгузории ин лоиҳа ва нигоҳдории муассиса ба дӯши Вазорати молия ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо гузошта шуд, то саҳми давлат дар ин тарҳ ва идораи он таъмин гардад (6-уми июни 2015).

Соли 2015 қарори дигари Ҳукумат дар бораи гирифтан ва ба Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ҳисор додани қитъаи замин қабул карда шуд. Дар асоси ин қарор заминҳои корам ба Муассисаи мазкур дода шуданд ва ба ивазаш ба шаҳрвандон қитъаҳои заминҳои баробарарзиш дода шуд. Дар ин асно таассуроти мутақобилаи ҳуқуқи замин

ва сохтмони роҳҳои автомобилгард дида мешавад, ки афзалият ба сохтмони роҳҳои автомобилгард дода шудааст.

Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ҳисор аз пардохти ҷуброни зарари талафи истеҳсолоти кишоварзӣ ба маблағи 773414 (ҳафтсаду ҳафтоду се ҳазору чорсаду чордаҳ) сомонӣ озод карда шуд ва ин маблағ ҳамчун ҳиссаи Ҳукумати ҶТ дар амалисозии лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Турсунзода ба ҳисоб рафт.

Санадҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ низ дар бунёди роҳҳои автомобилгард накши беназир доранд, аз ҷумла Созишномаи қарзӣ байни ҶТ ва фонди ОПЕК оид ба рушди байналмиллалӣ вобаста ба лоиҳаи беҳтар намудани роҳи автомобилгарди Айнӣ сарҳади Узбекистон аз 30 октябри соли 2012. Дар ин созишнома чунин ҳолатҳо муайян шуда буданд; номи тарафҳо, маблағи қарз, муҳлати қарз ва ғайра.

Ҳамчунин як қатор шартҳои дигар муайян карда шуданд, аз ҷумла фоизи қарз, ки ба 1,5% дар сол баробар буд. Ҳадафи аслии ин гуна лоиҳаҳо баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ, коҳиш додани хароҷоти нақлиётӣ, барқарорсозӣ ва навсозии роҳҳои байниноҳиявӣ буд. Инчунин, лоиҳаҳо ба беҳтар кардани дастрасии аҳолӣ нигаронида шуда, имкониятҳои шуғлро фароҳам оварда, сатҳи зиндагии мардуми минтақаҳои ҳадафро боло мебаранд.

Ин зерсохторҳо барои пешрафти маҳалҳо, эҳёи инфрасохторҳои мухталиф, фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон, бунёди таваққуфгоҳҳо барои мошинҳо ва автобусҳо, инчунин минтақаҳои истироҳатии наздироҳӣ равона гардидаанд.

Дар амалия ҳолатҳое низ дида мешаванд, ки асбобҳо ва таҷҳизоти барои сохтмони роҳҳои автомобилгард воридшаванда ба ҶТ, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод карда мешаванд. Масалан, мувофиқи «Қарори Ҳукумати ҶТ аз 14-уми ноябри соли 2012, № 653», рӯйхат ва ҳаҷми таҷҳизоте, ки аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии «Троллейбус»-и шаҳри Душанбе бо истифода аз маблағҳои

қарзӣ барои навсозии роҳи Душанбе – Кулма (қитъаи Душанбе – Данғара) ворид шудааст, аз ин пардохтҳо озод гардида шуданд.

Тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 28-уми июли соли 2009, татбиқи лоиҳаи навсозии роҳи Душанбе – Кулма (қитъаи Душанбе – Данғара) ба Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе – Чанак (сарҳади Ҷумҳурии Узбекистон)» супурда шуд. Вазорати молия ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ барои амалисозии лоиҳа ва таъмини молиявии гурӯҳи мутахассисон масъул дониста шуданд.

2-юми июли соли 2008, Ҳукумати ҶТ қароре қабул кард, ки дар асоси он муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Ҳоити ноҳияи Рашт таъсис дода шуд. Ин муассиса ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар асоси моддаи 52-и Кодекси мадании ҶТ ва бо назардошти моддаи 18-и Қонуни ҶТ «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» бунёд ёфт.

Ҳадафи аслии бунёди чунин ниҳод нигоҳдории роҳҳои Нимич – Сайрон ва кони ангишти «Назарайлоқ» дар вазъи хуби техникӣ буд. Пас аз таъсис, ду масъалаи калидӣ – маблағгузорӣ ва ҷойгиршавӣ, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Маблағгузорӣ бо пешниҳоди Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия аз буҷети соли 2008 таъмин гардид, масъалаи ҷойгиршавӣ бошад бо ҳамоҳангии Вазорати нақлиёт ва Кумитаи сармоягузорӣ ҳал шуд.

30-юми июли соли 2004, Қарор оид ба «Тартиби лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгарди дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ» қабул шуд. Ин санад раванди тарҳрезӣ ва бунёди роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, пулҳо, нақбҳо, гузаргоҳҳо, гузаргоҳҳои мураккаб (галереяҳо), кӯчаҳо, убури роҳи оҳан, инчунин ободонии иншоотҳои тиҷоратӣ, саноатӣ, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва дигар иншооти хизматрасониро дар бар мегирад.

Сохтмони ин роҳҳо бар асоси принсипҳои зерин сурат мегирад:

– интихоби паймонкор барои лоиҳакашӣ, таҷдид, барқарорсозӣ ва сохтмон тавассути озмун;

– ҷалби тарафи сеюм – машваратчии мустақил, ки сифати корҳоро якҷо бо фармоишгар назорат мекунад.

Дар фаъолияти роҳсозӣ истилоҳоте чун «тендер» (интихоби иҷрокунанда тавассути озмун), «роҳбари лоиҳа» (намояндаи созмони лоиҳакаш, ки идораи умумии лоиҳаро бар уҳда дорад) ва «ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-сметавӣ» (санади танзимкунандаи тартиб, ҳаҷм ва арзиши корҳо) истифода мешаванд.

Соли 2021 Қонуни нав «Дар бораи роҳҳои автомобилгард» қабул гардид, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи роҳдорӣ ба танзим медарорад [5]. Ин қонун заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти роҳдориро муайян карда, ба густариши шабакаи роҳҳо ва беҳтарсозии истифодаи онҳо ҷиҳати интиқоли мусофирон ва борҳо нигаронида шудааст. Ҳадаф аз қабули ин Қонун танзими муносибатҳои мураккабшавандаи марбут ба истифодаи роҳҳо, таъмир, навсозӣ, вазъи ҳуқуқии муассисаҳои нигоҳдорӣ ва робитаҳои молиявӣ, аз қабили қарзгирӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва роҳандозии роҳҳои пулакӣ буд.

Аҳаммияти иқтисодии роҳҳои автомобилгард дар таърихи Тоҷикистон нақши беназир гузоштааст. Ҳар як марҳилаи мавҷудбуда дар инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлатамон нақши худро гузоштааст. Дар сатҳи қонунгузорӣ танзим намудани сохтмони роҳҳои автомобилгард низ аз аҳаммияти аввалиндараҷаи онҳо бармеояд.

Аз таҳлили анҷомдодаи мазкур метавон инкишофи сохтмони роҳҳои автомобилгардро ба 5 давра тақсим намуд:

1) марҳилаи пойдоршавии Ҳокимияти Шуравӣ то соли 1929;

2) марҳилаи дувум, ки аз барномаи бузурги сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ маншаъ гирифта, бунёди аввалин роҳҳои сангфаршшударо дар бар мегирад, ки дарбаргирандаи нақшаи панҷсолаи якум ва дуюм ба ҳисоб меравад;

3)Марҳилаи дигар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он аҳаммияти асосӣ ба фронт дода мешуд, бинобар ин сохтмони роҳҳои автомобилгард арзиши дувуминдараҷа касб намуданд;

4) марҳилаи чорум солҳои 1946 то 1990-ро дар бар мегирад, ки шаклгирии Вазорати нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон, то ҷалби колхозҳову совхозҳо дар сохтмони роҳҳои автомобилгардро дар назар дорад.

Солҳои 70-уми асри XX то пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, таъсиси факултети роҳи автомобилӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгард дар минтақаҳои мушкилгузар ба ҳисоб меравад;

5) дар даврони Истиқлолияти давлатӣ сохтмони роҳҳои автомобилгард тобиши нав касб намуданд, чунки яке аз ҳадафҳои стратегӣ – маҳз баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ба ҳисоб мерафт.

### 1.3. Танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард

Зарурати танзими давлатии муносибатҳои соҳибкориро омилҳое чун ҷаҳонишавӣ, озодии вуруди субъектҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба робитаҳои иқтисодӣ, ҷалби сармоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон тақозо мекунанд. Илова бар ин, бояд ба омилҳои муҳимме, ки дахолати давлатро дар рушди иқтисод ва соҳибкорӣ ҳатмӣ мегардонанд, таваҷҷуҳ кард: қоидаҳои бозор, рақобат ва паёмадҳои он, таъсироти манфии беруна, эҳтиёҷоти ҷомеа ба мол, хизмат ва кор.

Раҳимзода М.З. таъкид мекунад, ки иқтисоди бозорӣ на танҳо як низоми худтанзимшаванда аст, балки танзими он бояд аз ҷониби давлат низ сурат гирад. Зеро яке аз вазифаҳои калидии давлат вазифаи иқтисодии он аст, ки дар эҷоди шароити мусоид барои пешрафти иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла таҳияи қоидаҳои умумӣ барои иштирокчиёни бозор, зоҳир мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки бидуни дахолати давлат ва танзими давлатӣ, рушди муътадили муносибатҳои бозорӣ ғайриимкон аст. Давлат метавонад бо роҳандозии асосҳои худидоракунӣ нақши худро дар идораи иқтисод камтар кунад, аммо набояд комилан аз он канорагирӣ кунанд [101, с. 109].

Давлат ба иқтисод тавассути фишангҳои молиявӣ, ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва иттилоотӣ таъсир мерасонад. Дар назарияи ҳуқуқ гуфта мешавад, ки вазифаи иқтисодӣ яке аз вазифаҳои асосии ҳар давлат буда, баҳри таъмини фаъолияти устувор ва рушди иқтисод нигаронида шудааст. Дар Тоҷикистон, ин вазифа

аҳаммияти махсус дорад, хусусан дар марҳилаи гузариш аз иқтисоди дастурӣ ба иқтисоди бозорӣ.

Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозор, танзими давлатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаҳои мушаххас зарур аст. Бо дарки аҳаммияти муносибатҳои иқтисодӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард барои иқтисоди миллӣ, бояд ба муҳимияти танзими муваффақонии муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин соҳа ишора кард.

Коршиносон-ҳуқуқшиносҳо андешаҳои худро дар бораи танзими давлатӣ баён кардаанд. В.С. Мартемьянов менависад, ки танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ «маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ-ҳуқуқист, ки барои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар самтҳои барои ҷомеа муҳим, ё маҳдуд кардан, тағйир додан ва қатъ кардани он ба хотири ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, бехатарии иқтисодӣ, экологӣ ва санитарӣ-эпидемиологии ҷомеа равона шудааст» [54, с. 190].

Анохина В.С. илова мекунад, ки ин мафҳум «таъсири давлат ба субъектҳои мушаххаси соҳибкорӣ бо ҳадафи роҳандозӣ, тағйир ё қатъи фаъолият, ё баръакс, мусоидат ба он дар ҳолатҳои муносибро» дар бар мегирад [23, с. 192]. В.С. Белых ва С.И. Виниченко таъкид мекунанд, ки ҳадафи асосии танзими давлатӣ дар иқтисод, риояи манфиатҳои умумии ҷомеа, ҳифзи қишрҳои осебпазир, наслҳои оянда ва муҳити зист аст [25, с. 169].

Шаклҳои ташкилии танзими давлатӣ, аз қайди давлатии субъектҳо, иҷозатномадиҳӣ, назорати андоз, танзими техникӣ, санҷишҳои давлатӣ, дастгирии давлатӣ, дастурҳои ҳатмӣ, муқаррар кардани меъёрҳо, лимитҳо ва квотаҳо иборатанд.

Санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ бояд тартиби танзими давлатиро муайян созанд ва вазифаҳо, воситаҳо ва ҳадафҳои онро дар бар гиранд.

Иқтисоддонҳо мегӯянд, ки танзими давлатӣ, ин таъсири давлат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва умуман иқтисод аст, ки тавассути тағйири қонунгузорӣ, низоми андоз, боҷҳои гумрукӣ, қурби асъор ва

истифодаи абзорҳои маҳдудкунанда ё фароҳамкунандаи имкониятҳо барои рушди устувори соҳаҳо амалӣ мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин соҳаҳои танзим, ба монанди бонкдорӣ, биржа, сармоягузорӣ, суғурта, ҳисобдорӣ, молияи соҳибкорӣ, аудит, стандартизатсия, сертификатсия, нархгузорӣ ва ғайра ҷудо карда мешаванд.

Ҳадафи танзими давлатӣ, ин таъмини манфиатҳои умумӣ, аз қабили амнияти давлат, мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, саломатии аҳолӣ, дастгирии қишрҳои камбизоат ва ҳифзи муҳити зист аст, ки бе дахолати давлат ғайриимкон аст. Инчунин, таъмини кафолатҳои ҳуқуқӣ ва озодиҳои шаҳрвандон, ки дар санадҳои ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, бидуни таъсири давлат ба иқтисод имконнопазир аст.

Ҳам ҳуқуқшиносон ва ҳам иқтисоддонҳо моҳияти танзими давлатиро кушода, онро бисёрҷанба ва ба соҳибкорӣ нигаронидашуда медонанд. Онҳо мувофиқанд, ки таъсирот ба субъектҳо шакли ҳуқуқӣ дорад, аз қабили иҷозатномаҳо, барномаҳои мақсаднок ва меъёрҳои махсус.

Танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ тавассути тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, ки дар санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ мустаҳкам шудаанд, дар доираи қонунгузорӣ амалӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои қонунигардонии фаъолият ва назорати самаранок, низоми иҷозатномадиҳӣ аст. Иҷозатнома иҷозати махсусест, ки мақомоти салоҳиятдор ба шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ барои фаъолияти мушаххас бо риояи шартҳои муайян медиҳанд. Ба ибораи дигар, он ҳуқуқи амалисозии фаъолияти муайянро таъмин мекунад.

Иҷозатномадиҳӣ фаъолияти мақомоти дахлдорро ҷиҳати додани иҷозатнома, барасмиятдарорӣ, тамдиди муҳлат, назорати риояи шартҳо, боз доштан, барқарорсозӣ, қатъ ва бекор кардани иҷозатнома, идораи феҳрист ва пешниҳоди иттилоот мебошад.

Тибқи моддаи 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» [10], ин низом раванди баррасӣ, тасдиқ, додани иҷозатнома, азнавсозӣ, боздоштан,

барқарор ва бекор кардани онҳо, инчунин қабули огоҳиномаҳо аз субъектҳои хоҷагидориро дар бар мегирад.

Е.И. Спектор менависад, ки «иҷозатномадиҳӣ як речаи махсуси маъмурӣ-ҳуқуқӣ буда, ҳамчун абзори қонунии универсалӣ ва муассири танзими иқтисод хизмат мекунад» [105, с. 23-33]. Ин таъсири мустақими маъмурӣ ба фаъолияти иқтисодӣ бо истифодаи меъёрҳои ҳатмист.

Асосҳои ҳуқуқии иҷозатномадиҳӣ аз Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ва қонунгузории дохилӣ сарчашма мегиранд. Созишномаи генералии СУС оид ба хизматрасонӣ (15.04.1994) шароити мусоидро барои пешниҳоди хизматҳо муқаррар кардааст. Танзими миллии иҷозатномадиҳӣ бошад, аз Кодекси мадании ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» маншаъ мегирад.

Мувофиқи моддаи 4-и ин Қонун, фаъолиятҳое, ки метавонанд ба ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, амният, мудофиа, саломатӣ ва мероси фарҳангии Тоҷикистон зарар расонанд ва танзими онҳо бидуни иҷозатномадиҳӣ ғайриимкон аст, ба ин низом дохил мешаванд.

Танзими давлатӣ дар иқтисод тавассути тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ, ки дар аснод меъёрию ҳуқуқӣ мустаҳкам шудаанд ва дар чаҳорчӯби қонунгузорӣ татбиқ мегарданд, амалӣ мешавад. Азбаски шаклҳои танзими давлатӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ ба таври меъёрӣ муайян ва таъмин гардидаанд, ҳамаи онҳо, хоҳ ҳуқуқӣ бошанд, хоҳ иқтисодӣ ё ташкилӣ, дар ниҳоят ҳамчун чораҳои ҳуқуқӣ зоҳир мешаванд. Танзими ҳуқуқии иқтисод на танҳо танзими техникӣ, шартномавӣ ва масъулияти моликиятро дар бар мегирад, балки дигар ҷанбаҳоро низ фаро мегирад.

Ҳуқуқ аз як тараф обзори мустақили иҷрои вазифаи иқтисодии давлат аст ва аз тарафи дигар бошад, дар канори дигар воситаҳои дорои хусусияти иқтисодӣ ва маъмурӣ, ҳамчун воситаи мустақили танзими иқтисод хизмат мекунад.

Барномаҳои давлатӣ шакли калидии ҳуқуқии танзими давлатии иқтисод ба шумор мераванд. В. Анохин қайд мекунад, ки таҷрибаи кишварҳои

пешрафтаи дорои иқтисоди бозории устувор, ба мисли Англия, Франсия ва Олмон, нишон медиҳад, ки онҳо тарҳрезии нақшаҳои дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодиро қатъ накардаанд [23, с. 193].

Тавре пештар зикр шуд, таъсири давлат ҳамчунин тавассути низоми меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ таъмин мегардад. Бо такя ба ин андешаҳо, муайян кардани самтҳои асосии танзими давлатии соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард зарур аст. Аз тавсифи муносибатҳои иқтисодӣ бармеояд, ки дар ин бахш самтҳои зерин аҳаммият доранд:

– танзими робитаҳои моликиятӣ ҳамчун замина барои фаъолияти соҳибкорӣ;

– низоми муқарраршудаи иҷозатномадиҳӣ ҳамчун шакли муҳимми танзими давлатӣ дар ин соҳа;

– муайян кардани боҷҳои давлатӣ, тартиби андозбандӣ ва пардохтҳои дигар;

– идораи истифодаи оқилонаи қитъаҳои замин, ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ;

– танзими инҳисорҳои табиӣ.

Ба андешаи мо, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони зимни истифодаи роҳҳои автомобилгард, яке аз вазифаҳои муҳимтарини танзими давлат дар бозори сохтмон аст. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, сухан аз истеъмолкунандагоне меравад, ки таҷрибаи кофӣ надоранд, яъне шаҳрвандон.

Дар муқобили монополия ва тиҷорати бевиҷдонона, ин истеъмолкунандагон аз ҷиҳати иқтисодӣ осебпазир ва ба осонӣ зери фишор қарор мегиранд. Чунин истеъмолкунандагон ҳамеша дар муқобили инҳисор ва фаъолияти бевиҷдононаи соҳибкорӣ заифанд. Нобаробарии иқтисодӣ тавозуни манфиатҳоро вайрон карда, бо принсипҳои иқтисоди бозорӣ мухолифат мекунад. Танҳо давлат метавонад бо танзими худ тавозуни манфиатҳоро таъмин намуда, мавқеи тарафҳои нобаробарро ҳамвор созад.

Яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷа дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ҳамчун

истифодабарандагони ин роҳҳост. Ин дар тамоюлҳои зерини қонунгузории соҳа зоҳир мешавад:

– коҳиши масъулияти субъектҳои сохтмон дар назди истеъмолкунандагон;

– гузоштани хатарҳо бар дӯши истеъмолкунанда;

– набудани мутобиқат байни ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон.

Дар шароити бозори озод, ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон на бо нархҳои давлатӣ кафолатдодашуда, балки тавассути беҳтар кардани сифати муҳити институтсионалии бозор, аз қабили рақобати солим, шаффофияти иттилоот ва ғайра, бояд ҳифз гарданд.

Дар ин раванд, ба фишангҳои ҳуқуқие, ки қудрати гуфтушуниди истеъмолкунандагонро тақвият медиҳанд, таваҷҷуҳ бояд кард:

– мавҷудияти шартномаҳои намунавӣ, ки шартҳои табъизро истисно мекунанд;

– танзими ҳуқуқии раванди бастани шартномаҳо;

– пешниҳоди иттилооти пурра ва дақиқ ба истеъмолкунандагон;

– ҷалби таъминкунандагон ба раванди танзим.

Дар таҳияи модели нави танзим дар инфрасохтори иқтисодии Тоҷикистон, бояд таҷрибаи хориҷӣ дар бунёд ва масъалаи сифати роҳҳои автомобилгард ба назар гирифта шавад.

Сиёсати танзим дар кишварҳои Аврупо бар ин асос аст, ки давлат на танҳо ба фишангҳои бозор такя мекунад, балки худ низ дар идораи ин муносибатҳо нақши фаъол дорад. Дар тиҷорати ҷаҳонӣ андешаи нодурусте паҳн шудааст, ки Тоҷикистон пас аз гузариш ба иқтисоди бозорӣ, бояд аз танзим даст кашад, аммо таҷрибаи байналмилалӣ баръакси инро нишон медиҳад.

Дар раванди ташаккули бозор, низоми гардиши молҳо мураккаб мешавад. Технологияҳои нав, объектҳои тозаи савдо (масалан, иқтидор дар бозори неруи барқ), хизматҳои нав ва бозорҳои тоза пайдо мешаванд.

Ҳамкории субъектҳои бозор мураккаб гардида, таркиби онҳо тағйир меёбад. Аз ин рӯ, нақши танзими ҳуқуқӣ дар гузариш ба шароити бозорӣ афзоиш меёбад ва давлат бояд онро ҳангоми қабули қарорҳо ба инобат гирад.

Ҳоло мушкилоти зиёде вуҷуд дорад, ки ба рушди соҳибкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард таъсири манфӣ мерасонанд:

– камбудиҳо дар қонунгузории соҳибкорӣ: санадҳои вазорату идораҳо баъзан меъёрҳои асосиро тағйир медиҳанд ва боиси афзоиши назорати аз ҳад зиёд мешаванд;

– мушкилот дар дастгирии молиявию қарзӣ: соҳибкорон дар гирифтани қарз аз бонкҳо ва истифода аз хизматҳои лизинг ё суғурта, ки арзиши баланд доранд, дучори монеа мешаванд.

Барои беҳтар кардани назорати давлатӣ дар ин соҳа, чораҳои зеринро метавон пешниҳод кард:

1. такмили низоми идоракунӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард;

2. таҳияи барномаи таъминоти ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ.

Ин барнома бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

1) ҳадафҳо, вазифаҳо ва консепсияи танзими давлатӣ дар сохтмони роҳҳо;

2) роҳҳои дастгирии давлатӣ, аз ҷумла таҳияи санадҳои махсуси ҳуқуқӣ;

3) тартиби назорати субъектҳои соҳибкорӣ дар ин бахш;

4) тадбирҳо барои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ тавассути ҳамоҳангсозии қонунҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ;

5) таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ.

Татбиқи ин тавсияҳо на танҳо ба рушди соҳаи сохтмони роҳҳо мусоидат мекунад, балки қадами устуворе ба сӯи расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат хоҳад буд.

Бояд қайд кард, ки танзими давлатии иқтисод ва идораи давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳарчанд бо ҳам пайванди қавӣ дошта бошанд ҳам, аз якдигар ҷудо мебошанд. Зеро фаъолияти соҳибкорӣ яке аз зербахшҳои фаъолияти иқтисодист. Танзими давлат бояд дар ҳамаи соҳаҳои иқтисод, аз

ҷумла дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард, дар доираи барномаҳо, накшаҳо ва санадҳои ҳуқуқии комил, ки ба хусусиятҳои ин соҳа мутобиқанд, амалӣ гардад.

Ҳар гуна норавшанӣ ва парокандагӣ дар низоми танзими иқтисод ба таври ногузир ба дахолати мансабдорон ва паҳншавии фасод дар фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад. Яке аз сабабҳои ин ҳолат дар он аст, ки дар шароити кунунӣ танзими давлатии иқтисод на бар асоси принсипҳои хоҷагию ҳуқуқӣ, балки бештар бо усулҳои ҳуқуқи маъмурӣ сурат мегирад. Гарчанде ин усулҳо барои муқобилият бо қонуншиканиҳои маъмурӣ муҳим бошанд ҳам, онҳо наметавонанд хусусияти танзими давлатии фаъолияти хоҷагидориро пурра инъикос кунанд.

Баррасии мавзуи таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар танзими муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард ва умуман дар иқтисод, накши давлат бисёр муҳим мебошад. Маълум аст, ки ин танзим тавассути қонунгузорӣ амалӣ мешавад. Ҷиҳати идораи дуруст, ҳамаҷониба ва самараноки муносибатҳои соҳибкорӣ ва иқтисодӣ, бояд ҳамоҳангии байни танзими ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ таъмин гардад.

Маҳз мувозинати ин ду намуди танзим имкон медиҳад, ки аз як тараф аз дахолати аз ҳад зиёди давлат ба иқтисод ва аз тарафи дигар аз харҷоти беназорати худтанзими бозорӣ ҷилавгирӣ шавад. Дар ин ҷо сухан на аз ҷорӣ кардани усулҳои ҳуқуқи хусусӣ нисбат ба муносибатҳои оммавӣ ё баръакс, балки аз якҷоя кардани онҳо дар як низоми мукаммал ва санади ягонаи меъёрӣ барои танзими босамари муносибатҳои соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) меравад.

Таҳлили илмӣ ва амалии танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар ҶТ, ба мо имкон медиҳад, ки мафҳуми танзими давлатиро дар ин соҳа бо хусусиятҳои хоси он пешниҳод кунем.

Танзими давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард як низоми тадбирҳои қонунгузорист, ки дорои хусусиятҳои

иҷроӣ, ҳавасмандкунанда ва назоратӣ буда, баҳри расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудааст ва аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ татбиқ мегардад. Ин танзим дорои вижагиҳои зерин аст:

а) он таъсири давлатро ба муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин бахш дар назар дорад, ки мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор амалӣ мешавад;

б) объекти он муносибатҳоеанд, ки бо омӯзиши қитъаҳои замин ва самаранокии роҳҳои автомобилгард алоқаманданд;

в) ҳадафи асосии он ноил шудан ба мақсадҳои стратегии Тоҷикистон, аз қабили раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, рушди соҳибкорӣ ва таҳкими робитаҳои байниминтақавӣ аст;

г) дар тафовут аз дигар намудҳои таъсири давлатӣ, танзими давлатӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ, ки бо моликияти истисноии давлат – қитъаҳои замин сарукор доранд, нигаронида шудааст.

# БОБИ 2. ТАНЗИМИ ШАРТНОМАВИИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛУМУЛКӢ ДАР БАХШИ СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

## 2.1. Нақши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард

Раванди иқтисоди бозорӣ, ки ба тақвияти иҷтимоии давлат нигаронида шудааст, талаб мекунад, ки механизми идоракунӣ бо муваффақият ва пайваста фаъол бошад, то истеҳсолотро бо эҳтиёҷоти рӯзафзуни инсон ҳамоҳанг созад. Ин равандро иҷрои мутобиқи ухдадориҳои шартномавӣ таъмин мекунад. Дар шароити нави хоҷагидорӣ, шартнома яке аз абзорҳои муҳимми ҳуқуқии танзими робитаҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

К. Маркс аҳаммияти шартномаҳоро дар идораи муомилоти молӣ муайян карда, дар замони худ чунин изҳор дошта буд: «Ин як робитаи ҳуқуқист, ки дар шакли шартнома зоҳир мешавад ва сарфи назар аз он ки дар қонун сабт шудааст ё не, робитаи мустаҳкамест, ки муносибатҳои иқтисодиро бозтоб медиҳад» [53, с. 94].

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ бо усули шартномавӣ яке аз хусусиятҳои барҷастаи идораи муносибатҳои бозорист. Бо пешрафти иқтисоди бозорӣ, нақши шартнома ҳамчун воситаи танзими фаъолияти хоҷагидорӣ афзоиш меёбад. Дар раванди идораи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, натиҷаҳои ибтидоӣ, миёна ва ниҳоӣ ба даст меоянд.

Дар замони муосир, бо мурури рушди бахши сохтмон, шартномаи паймонкорӣ дар ин бахш ба яке аз намудҳои маъмули шартномаҳо табдил ёфтааст. Ин шартнома муносибатҳои ҳадди ақал ду тарафро ба танзим медарорад, иҷрои амалҳои мушаххасро тақозо мекунад ва боиси пайдоиши як силсила паёмадҳои ҳуқуқӣ мегардад. Натиҷаи ин амалҳо як объекти ғайриманқул аст, ки сохтмонаш ба итмом расида ва барои истифода омода шудааст.

Танзими шартномавӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ озодии интихоби

фаъолият, ташаббускорӣ ва муносибати эҷодкоронаро ҳангоми қабули қарорҳо фароҳам меорад. Қарорҳои мувофиқашудаи онҳо дар бораи ҳамкорӣ дар шакли ҳуқуқу уҳдадориҳо дар шартнома инъикос меёбанд.

Дар натиҷа, иштирокчиёни муносибатҳои соҳибкорӣ мувваззаф мешаванд, ки қарорҳои якдигарро риоя кунанд. Иродаи дар шартнома зоҳиршуда, мисли муқаррароти қонун, бо маҷбурияти давлатӣ таъмин мегардад. Аз ин рӯ, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд шартномаро ҳамчун воситае барои ташкили фаъолияти худ, ки барои расидан ба натиҷаи ниҳоӣ нигаронида шудааст, истифода баранд.

Дар шартнома ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, ҳамкориҳои онҳо ва амалҳояшон, сарфи назар аз сабт шудан ё нашудан дар қонун, бозтоб меёбанд. Танзими шартномавии фаъолияти соҳибкорӣ имкониятҳои иштирокчиёнро дар муайян кардани ҳамкориҳои тиҷоратӣ ифода мекунад. Ҳамзамон, санадҳои қонунгузорӣ, бояд шароити мусоидро баҳри иҷрои шартномаҳо эҷод кунанд.

Умуман, шартномае, ки тибқи он як тараф супориши иҷрои корҳои сохтмониро дода, масъулияти пардохтро бар уҳда мегирад ва тарафи дигар, ки дорои малакаи махсуси сохтмонӣ буда, розӣ ба анҷом додани он мешавад, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон номида мешавад.

Кодекси мадании ҶТ ин шартномаро ҳамчун як навъи шартномаи паймонкорӣ мешуморад. Мувофиқи он, як тараф (паймонкор) уҳдадор аст, ки дар муҳлати муқарраршуда тибқи супориши фармоишгар объекти мушаххасро бунёд кунад ё корҳои дигари сохтмониро анҷом диҳад ва фармоишгар мувваззаф аст, ки шароити муносибро фароҳам оварда, натиҷаро қабул кунад ва арзиши онро пардозад (моддаи 777 КМ ҶТ) [13].

С.Н. Макаров бошад, чунин меангорад, ки «шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон созишномаест, ки тибқи он паймонкор дар муҳлати муайян тибқи дастури фармоишгар объекти ғайриманқулро месозад ё навсозӣ мекунад ва фармоишгар шароити корро таъмин намуда, дар сурати мувофиқ будани кор натиҷаро қабул ва арзиши мувофиқашударо пардохт мекунад» [118, с. 6].

Ин таърифҳо хусусиятҳои умумиро, аз қабили иҷрои корҳо мувофиқи супориш ва дар муҳлати муайян, таъмини шароит, қабули натиҷа ва пардохти он, боздтоб медиҳанд. Норавшанӣ асосан дар мавзуи шартнома аст, яъне кадом намудҳои корҳо ба он дохиланд ва мавзуи шартномаро чӣ ташкил медиҳад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ барои шарҳи комили шартнома мафҳумҳое чун унсур ва нишона истифода мешаванд, ки дар бораашон фаҳмиши ягона вуҷуд надорад. Одатан, ба унсурҳои шартнома субъект, объект ва мазмуни онро дохил мекунанд ва шартнома ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ тавсиф мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки нишонаҳои шартнома хусусияти унсурҳои онанд, яъне хусусиятҳои субъект, объект ва мазмунро дар бар мегиранд.

Аввалан, бояд аз нишонаҳои умумии шартнома ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ сухан гуфт. Шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ созиши ду ё бештар шахс аст, ки ба пайдоиш, тағйир ё қатъи ҳуқуқу уҳдадориҳо оварда мерасонад. Дуюм, шартнома ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии нисбӣ (уҳдадоркунанда) арзёбӣ мешавад. Ниҳоят, шартнома ҳуҷҷатест, ки дар он воқеаи ҳуқуқӣ сабт мегардад.

Вобаста ба мавқеи фармоишгар, шартномаҳои иҷрои корҳои сохтмониро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: паймонкории давлатӣ, паймонкории маишӣ ва паймонкории комил дар сохтмон.

Ҳар яке аз ин шартномаҳо танзими хоси ҳуқуқии худро талаб мекунад. Бо дарназардошти реҷаҳои мухталифи ҳуқуқӣ, таҳлили шартномаи комилан паймонкорӣ дар сохтмонро кофӣ медонем.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон аз он сабаб, ки яке аз тарафҳояш соҳибкор аст ё нишонаҳои муносибатҳои соҳибкориро дорад, хусусиятҳои шартномаи тиҷоратиро мегирад.

Агар нишонаҳои умумӣ ба ҳамаи шартномаҳои соҳибкорӣ дахл дошта бошанд, нишонаҳои махсусро, ки танҳо ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон марбутанд, бояд ҷудо кард.

Ин шартнома асосан дорои нишонаҳое аст, ки дар Кодекси мадании ҶТ

зикр шудаанд ва реҷаи хоси худро дорад. Азбаски таваҷҷуҳ ба нишонаҳои шартнома равона аст, қабул кардани натиҷаи кор ҳамчун нишонаи он дуруст нест. Аз ин рӯ, қонун илова бар ин муайян мекунад, ки корҳои иҷрошаванда бояд бо бунёд ё навсозии объект алоқаманд бошанд.

Алоқаи ҷудоинопазири кор бо объект низ мавриди баҳс аст. Дар ин замина, зери алоқаи ҷудоинопазир пеш аз ҳама ҷои иҷрои корҳо фаҳмида мешавад. Аммо на ҳамаи корҳое, ки дар объект анҷом дода мешаванд, ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон робита доранд.

Моддаи 817-и КМ ҶТ муқаррар кардааст, ки шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба бунёд ё навсозии объекти сохташаванда вобаста аст. Ҳадафи асосии кор бунёд, навсозии комил ё қисмати объект аст. Ин ҳолат дигар меъёрҳо, аз қабили алоқаи кор бо объектро рад мекунад. Ҳамчунин, бояд зикр кард, ки кори иҷрошаванда метавонад ба тамоми объект марбут набошад.

Чунин ба назар мерасад, ки истифодаи ду меъёр (иҷрои пурра ё қисман) ва ҳадафи шартнома онро ҳамчун шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон муайян мекунад.

Аҳаммияти бузург дар иҷрои ин шартнома мутобиқати кор бо супориш дорад. Дар тафовут аз дигар шартномаҳои паймонкорӣ, дар сохтмон супориш дар шакли ҳуҷҷатҳои техникӣ бо ҳамоҳангӣ бо мақомоти давлатӣ пешбинӣ мешавад.

Мавзуи шартнома аз шартҳои мувофиқашуда дар бораи корҳои анҷомшаванда ва хусусиятҳое иборат аст, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои тарҳрезӣ муайян шудаанд. Дар ин ҳолат, паймонкор ё бо шартҳои иҷрои кор розӣ мешавад, ё онро рад мекунад.

Ҳамаи шартномаҳои паймонкорӣ на танҳо ба фаъолияти паймонкор, балки ба амалҳои фармоишгар низ ба таври қавӣ вобастаанд. Дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, нақши фармоишгар аҳаммияти бузург дорад.

Ҳузури фармоишгар дар ин шартнома ба якчанд уҳдадориҳои ӯ, аз қабили таъмини шароити муносиб барои кор ва назорати ҷараёни иҷрои он,

алоқаманд аст.

Бастани шартнома ва иҷрои он бидуни иштироки доимии фармоишгар ғайриимкон аст.

Паймонкор бошад, дорои салоҳияти махсуси субъектӣ аст. Маҳз ҳамин салоҳияти махсус нишондиҳандаи хусусияти тиҷоратии шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон аст. Аз ин рӯ, паймонкор шахсест, ки дорои иҷозатномаи зарурӣ барои анҷоми корҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ мебошад.

Салоҳияти махсуси субъектӣ дар ҳама мавридҳо талаботи ҳатмӣ нест, зеро ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки барои иҷрои корҳо иҷозатнома ё талаботи махсус лозим намеояд. Бинобар ин, дохил кардани ин нишона ба гурӯҳи нишонаҳои ихтиёрӣ мувофиқи мақсад аст. Ба нишонаҳои шартнома, инчунин интихоби мустақили усул, воситаҳо ва маводҳо аз ҷониби паймонкор барои расидан ба натиҷа, мустақилияти ӯ ва ҷалби паймонкорҳои иловагӣ дохил мешаванд.

Ин нишона метавонад ихтиёрӣ бошад, чунки мувофиқи қонун ва дастурҳои фармоишгар, мустақилияти паймонкор дар иҷро ва ҷалби дигарон маҳдуд буда метавонад.

Баъзе муҳаққиқон бар онанд, ки ҳадафи шартномаи паймонкорӣ расидан ба натиҷаи моддист ё худи кор ва раванди он. Масалан, В.Р. Файзулин пешниҳод мекунад, ки мақсади шартнома «натиҷаи дар ҳуҷҷатҳои техникӣ пинҳоншудаи кор» аст [122, с. 20]. Бо ин андеша метавон мувофиқ буд, зеро ҳадафи шартнома ба даст овардани натиҷа аст ва амалҳои тарафҳо ба ҳамин нигаронида шудаанд. Маҳз расидан ба ин ҳадаф, аз иҷрошаванда будани шартнома шаҳодат медиҳад.

Ҳангоми муайян кардани мақсади ҳуқуқии шартнома, бояд дар ёд дошт, ки дар натиҷа объект эҷод мешавад. Дар шартномаи хариду фурӯш, фурӯшанда ҳуқуқи ин объектро ба харидор интиқол медиҳад, аммо паймонкор чунин ҳуқуқро нисбат ба объект надорад. Пас аз итмоми сохтмони объект, фармоишгар ҳуқуқи онро ба даст меорад, аммо ин ҳуқуқ на аз тариқи интиқоли объект, балки дар натиҷаи раванди шартнома пайдо

мешавад. Ин пайдоиши ҳуқуқи фармоишгар мақсади шартнома ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро метавон чунин тавсиф кард: он ба уҳдадориҳо оид ба иҷрои кор вобаста аст, хусусияти моликиятӣ дорад, музднок, озод, дутарафа, мутақобил, консенсуалӣ, муҳлатнок ва сабабнок мебошад.

Як қатор олимон ин шартномаро гуногун шарҳ медиҳанд. О.В. Макаров менависад, ки барои муайян кардани намуди шартнома, бояд ба нишонаҳое, ки унсурҳои онро дар бар мегиранд, таваҷҷуҳ намуд [71, с. 178].

О.А. Красавчиков бошад, таснифро вобаста ба паёмадҳои маданӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод мекунад [94, с. 125].

Бо такя ба нишонаҳои зикршуда, мафҳуми зерини шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро метавон пешкаш кард: «Ин шартномаест, ки тибқи он паймонкор бо ҳамкории фармоишгар корҳои дорои хусусияти махсусро мувофиқи ҳуҷҷатҳои техникӣ анҷом медиҳад».

Барои муайян кардани моҳияти ин шартнома, шартномаҳои ба он наздикро низ баррасӣ мекунем. Барои фарқ гузоштан байни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ва шартномаҳои монанд, нишонаҳои дар боло зикршударо таҳлил менамоем.

Вобаста ба фарқияти шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ва шартномаи хариду фурӯш О.Н. Садиков ва В.Б. Ляндрес бар он ақидаанд [47, с. 272], ки ин тафовут дар ду чиз намоён мегарданд:

1) предмети шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, ин тайёр намудани объекти мушаххас мебошад, дар ҳоле ки предмети шартномаи хариду фуруш бо хусусияти навъи муайншаванда тафовут дорад;

2) шартҳои шартномаи паймонкорӣ ба муносибати дуҷонибаи тарафҳо, ки дар рафти иҷрои кор ба вуҷуд меоянд, ҳангоми хариду фурӯш бошад, мазмуни шартномаро таҳвили объект ба харидор ташкил медиҳад [123, с. 56].

Дар назария ва амалияи ҳуқуқ бобати тафовути кор аз хизматрасонӣ фаҳмиши ягона вуҷуд надорад, аз ҷумла Ю.К.Толстой бар он ақида ҳаст, ки

уҳдадориҳое, ки ба бунёд намудан, тағйир додан ва ё беҳтар намудани хусусиятҳои истеъмолии ашёи мавҷудбуда равона шудаанд, ба шартномаи иҷрои корҳо шомиланд [35, с. 361].

Ба андешаи С.Э. Жилинский, кор ин равиши фаъолияти меҳнатиест, ки дар натиҷаи он неъмати моддӣ ба вуҷуд меояд: сохтмони хона, духти либос ва ғайра. Амалҳои меҳнатӣ оид ба расонидани хизмат, ба ягон предмети моддӣ табдил намеёбанд [38, с. 154-155], [92, с. 141], [109, с. 204-208]. Онҳо танҳо арзиши предметҳои мавҷударо зиёд намуда, сифатҳои гумкардаашонро бармегардонанд ва талаботҳои моддиву маънавии онҳоро конеъ месозанд.

Ба андешаи мо, шартномаи хизматрасонии пулакӣ натиҷаи мушаххаси моддӣ надорад. Сохтани ашё, ё ин ки тағйир додани он, мақсади ин шартнома ба ҳисоб намеравад. Мақсади шартномаи паймонкорӣ бошад, сохтани ашёи нав ё ин ки тағйир додани ашёи мавҷудбуда ба маҳсуб меёбад. Тамоми амали тарафҳо барои ноил шудан ба ҳамин мақсад равона шудаанд.

Аз нуқтаи назари таснифбандии шартномаҳо, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ҳамчун шартномаи консенсуалӣ, дутарафа ва музднок маънидод мегардад.

Дутарафа будани шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дар он таҷассум меёбад, ки ҳар ду тарафи он дорои ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадорӣ мебошанд, яъне як тараф паймонкор уҳдадорӣ оид ба сохтмони иншооти муайян ё иҷрои дигар корҳои сохтмониро иҷро мекунад ва ҳуқуқи гирифтани маблағи қайду шартшударо пайдо мекунад, тарафи дигар – фармоишгар бошад ҳуқуқ дорад супориш диҳад ва уҳдадор аст шароит муҳайё созад ва ҳаққи корро пардохт намояд.

Аломати музднокӣ дар он ифода меёбад, ки паймонкор ба ивази сохтани объекти муайян ё иҷрои кори муайян, ҳуқуқи талаб кардани пардохти шартшударо пайдо мекунад, паймонкор бошад, бояд онро пардохт намояд. Аммо суол сари музднок будани шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон он гоҳ пайдо мегардад, ки пардохт дар шартнома пешбинӣ шудааст ё не. Агар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон байни хешу ақрабо ва ё ин ки дӯстон

бемузд баста шавад, чунин шартномаҳоро беэътибор донистан низ нашояд, чунки хилофи қонун низ нестанд.

Тибқи муқаррароти моддаи 483 КМ ҶТ тарафҳо метавонанд тибқи тартиби пешбининамудаи қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ, шартнома банданд. Ба ҳар ҳол мавҷуд набудани нишонаи музднокӣ мансубияти ин шартномаро ба шартномаи пaймонкорӣ дар сохтмон зери савол қарор медиҳад.

Ғайр аз ин, шартномаи паймонкорӣ дар бунёди роҳҳои автомобилгард бо назардошти хусусияти иншоотҳои дар ҳоли сохтмон қарордошта, ҳеҷ гоҳ бидуни музд буда наметавонад.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард, ҳамчун як шакли муайяни шартномаи паймонкорӣ, тамоми вижагиҳои хоси ин намуди шартномаро дар бар мегирад. Якум, мақсади ин шартнома иҷрои фаъолиятҳо мувофиқи дастурҳои фармоишгар аст. Дуюм, он ба анҷоми коре нигаронида шудааст, ки ҳадафҳояш аз худи раванд ҷудост. Ва ниҳоят, натиҷаи ин кор дорои хусусияти ягона ва муайян мебошад.

Ба ғайр аз нишонаҳои номбаршуда, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дорои якчанд нишонаҳои шаклӣ низ мебошад, аз ҷумла:

- иҷрои корҳо дар объектҳое, ки бо замин алоқаманданд;
- ичрои корҳо ҷиҳати мустаҳкам ва таъмири объектҳои ба замин алоқамандбуда.

Нишонаҳои хоси шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро ҳангоми фарқият гузоштани он аз дигар шартномаҳо, ки мақсади ҳаммислро дороянд, аммо тартиби дигари ноилшавӣ ба ин мақсадро касб мекунанд, бояд ба инобат гирифт. Манзур он аст, ки масъалаи, ки ҳанӯз ҳалаш аз ҳуқуқи хусусии римӣ маншаъ гирифтаро, бояд дида бароем, яъне тафовути байни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ва хариду фурӯш, мубодила ва дигар шартномаҳои музднок, ки ҷиҳати таҳвили ашёи ғайриманқул равона гардидаанд.

Барои фармоишгар таҳвили амволи ғайриманқул ба монанди шартномаи хариду фурӯш ба моликият кифоя нест. Ҳуқуқи фармоишгар ба раванди сохтмон, иҷрои кор ҳангоми таъмири капиталӣ, аз ҳуқуқи фармоишгар барои анҷом додани назорати рафти кор хабар медиҳад. Бинобар ин, ба ақидаи М.И.Брагинский бояд розӣ шуд, ки агар шартномаи рафти корро ҷиҳати бунёди натиҷа танзим накунад, пас ин шартнома – шартнома хариду фурӯш аст. Баръакси он, агар шартнома ба ғайр аз таҳвили амвол ба моликият, инчунин сохтмони ашёро фаро гирад, ин шартнома – шартномаи паймонкорӣ ба ҳисоб меравад [27, с. 31].

Дар шартномаи паймонкорӣ, сохтмон ва иҷрои кор мақсади асосӣ ба ҳисоб намеравад, чунки фармоишгар на танҳо иҷрои корро аз ҷониби паймонкор интизор аст, балки барояш ноил шудан ба ҳадафи пешбинигардида афзалтар аст.

Маҳз барои ин, қисми 1 моддаи 831 КМ ҶТ бобати «супоридан ва қабули кор» равона гардидааст, яъне набудани натиҷа боиси пардохт накардани ҳаққи кор мегардад. Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ҳамон вақт иҷрошуда ба ҳисоб намеравад, агар кор иҷро гардад, аммо натиҷа ба даст наояд. Чунки ҳангоми бастани шартномаи паймонкорӣ фармоишгар маҳз барои натиҷа маблағ месупорад, на барои кор.

Мувофиқи маҳаки номбаршуда шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро аз дигар шартномаҳои ҳаммисл метавон ҷудо намуд, аз ҷумла аз шартномаи хизматрасонии музднок.

Аслан шартномаи таъмири капиталӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ҳамчун қисми таркибии шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон шинохта намешавад. Аз ҷумла, М.И.Брагинский қайд менамояд, ки таъмири капиталии биною комплекс ба мафҳуми додашудаи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон мувофиқ нестанд. Дар натиҷа объекти мустақил ба фармоишгар дода намешавад, яъне худи ҳамон объекти фармоишгар ба ӯ баргардонида мешавад [26, с. 22].

Қонунгузорӣ алоқаи зичи ин муносибатҳоро ба инобат гирифта, оид ба

талаботҳои дигари маишии шаҳрванд, шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон нисбат ба шартномаи паймонкории маиширо истифода мебарад.

Тарафҳо, инчунин метавонанд ҳангоми бастани шартнома бобати сохтмони капиталӣ, аз унсурҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ истифода баранд.

Чун дар боло ёдрас шудем, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон нишонаи шаклиро дорост. Нишонаҳои ин шартнома дорои якчанд функсия мебошанд, аз як тараф функсияи тафовутгузорӣ байни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ва дигар шартномаҳои паймонкорӣ, аз тарафи дигар тафовут байни шартномаи паймонкорӣ ва дигар шартномаҳои ҳаммисл. Ҳангоми таҳлили муносибатҳо ҷиҳати таъмири капиталии биною иншоот, чунин нишонаҳо ба монанди иҷрои кор дар объекти ба замин алоқамандбуда, иҷрои корҳо вобаста ба мустаҳкамнамоӣ ва бехатарӣ ба хулосае меоранд, ки муносибатҳои номбаршуда таҳти танзимнамоии ҳуқуқии шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон қарор мегиранд.

Аз тарафи дигар, таъмири ҷории биною иншоот ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон таалluқ надорад, новобаста аз он ки онҳо ба объекти ғайриманқули ба замин алоқаманди канданашаванда равона шудаанд. Дар онҳо нишонаҳои дигар, ба монанди мустаҳкамнамоӣ, бехатарӣ ва пойдорӣ дида намешавад.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, инчунин дар таҷриба вобаста ба нишонаҳояш (аз ҷумла музднокӣ) шакли шартномаро муқаррар месозад. Аслан дар адабиёти соҳавӣ бинобар сабаби мураккаб будани муносибатҳои тибқи шартномаи паймонкорӣ батанзимдароранда элементҳои дигари шартномаҳо низ вомехӯранд, ба монанди маҳсулотсупорӣ, иҷораи молумулкӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва ғайра.

Дар натиҷаи таҳлили шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, ба хусусиятҳои умумӣ ва махсуси он метавон ишора намуд ва хусусиятҳои онро метавон тасниф намуд. Хусусиятҳои умумии шартномаи паймонкорӣ дар

сохтмон ба он ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ мутаалиқанд. Ба хусусиятхои махсус аз ҷумла инҳоро метавон дохил намуд:

1) хусусияти махсуси корҳо, ки ба ду маҳак асос меёбанд шакли кор – сохтмонӣ – васлнамоӣ ва мақсади кор барои ноил шудан ба натиҷа – барои сохтмони объекти нав ё ки азнавсозии он;

2) предмети шартнома тибқи ҳуҷҷатҳои техникӣ, ки барои бастан ва иҷрои шартнома равона гардидааст;

3) нақши калон доштани фармоишгар дар иҷрои шартнома.

Тамоми хусусиятҳои зикршуда ба шартномаи паймонкорӣ дар бунёди роҳҳои автомобилгард низ марбутанд.

Дар ниҳояти кор, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгардро метавон чунин тавсиф кард: «Ин шартномаест, ки дар асоси фаъолиятҳои фармоишгар таҳия шуда, мувофиқи он иҷрокунанда муваззаф аст корҳои сохтмонӣ ва васлкуниро, ки бо санадҳои техникӣ муайян гардида ва ба эҷоди комил ё навсозии иншоот нигаронида шудааст, анҷом диҳад; фармоишгар бошад, уҳдадор аст дар раванди иҷрои ин корҳо фаъолона ширкат варзида, арзиши онҳоро пардохт намояд».

## 2.2. Тавсифи умумии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меояд

Асли ҳамаи муносибатҳо аз иштирокчиёни он сарчашма мегирад. Дар робитаҳои паймонкорӣ дар соҳаи сохтмон, доираи ширкаткунандагон бениҳоят фарох аст. Дар ин маврид, мо мавқеъ ва вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар бунёди роҳҳои автомобилгардро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Фармоишгар яке аз ҷонибҳои асосии ин шартнома ба ҳисоб меравад. Нақши фармоишгар аз ҷониби муҳаққиқони мухталиф ба тарзҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Масалан, О.Н. Садиков чунин меангорад, ки фармоишгар метавонад ҳамчун яке аз тарафҳои шартнома, сармоягузор ё

ҳарду дар як вақт баромад кунад [47].

Ба назари В.Э. Черняк, фармоишгар метавонад сармоягузор ё дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошад. Дар иқтисоди бозорӣ, фармоишгар нақши марказиро иҷро мекунад: ӯ оғозкунандаи лоиҳаи сохтмон, муайянкунандаи шароити кори иҷрокунанда ва танзимгари мувофиқати маҳсулоти сохтмонӣ бо талаботи истеъмолист [47].

Ҳадафи фармоишгар бунёди роҳи автомобилгард ва истифодаи ояндаи он аст, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо ӯ метавонад дар пайи дарёфти фоида низ бошад.

Тавре қаблан зикр шуд, фармоишгар пешбарандаи сохтмон буда, ҳадафаш эҷоди иншооти босифат бо хароҷоти ҳадди ақал аст. Ӯ дорои як силсила уҳдадориҳост, аз ҷумла пешниҳоди қитъаи замин, ки бояд бо шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамоҳанг бошад. Дар акси ҳол, таъмини шароити иҷрои кор бояд дар сатҳи муносиб роҳандозӣ гардад. Таъмини саривақтии қитъаи замин аҳаммияти бузург дорад, зеро он барои шуруи корҳои сохтмонӣ муҳим аст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки иҷрои кор аз ду вазифаи ба ҳам пайваста иборат аст: аввал, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор барои қитъаи замин ва дуюм, озод кардани он аз иншоотҳои мавҷуд, агар чунинҳо бошанд. Мувофиқи моддаи 817-и Кодекси мадании ҶТ, фармоишгар муваззаф аст шароити мувофиқро барои иҷрои кор аз ҷониби паймонкор фароҳам созад.

Пешниҳоди санадҳое, ки аз нигоҳи қонун ба талабот ҷавобгӯ бошанд, аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, зеро камбудиҳо дар ин самт метавонанд баҳсҳои ҷиддиро ба миён оранд ва хароҷоти фармоишгарро афзоиш диҳанд. Дар чунин ҳолатҳо, созмони паймонкорӣ дар сурати пайдо шудани шубҳа оид ба ҳуҷҷатҳои марбут ба объекти сохтмон, бояд масъаларо комилан ҳал карда, нуқсонҳоро ислоҳ намояд ва сохтмонро аз нав оғоз кунад.

Бояд гуфт, ки андоза ва вазъи қитъаи замин бояд бо шартҳои шартнома мутобиқ бошад, вагарна оғоз, пешбурд ва анҷоми саривақтии корҳо бояд ба таври муносиб таъмин гардад.

Масъалаи дигар ин озод намудани замин аз сохтмону иншоот ба ҳисоб меравад, ки дар мувофиқа байни фармоишгару иҷрокунанда ба роҳ монда мешавад. Одатан роҳҳои автомобилгард дар ҷойҳое бунёд мегарданд, ки дар онҳо воситаҳои коммуникатсия мавҷуд набуда, ҷиҳозонидани онҳо ҳамчун шарти шартномаи паймонкорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҳолати мавҷуд будани иншоот, бартараф намудани он уҳдадории иҷрокунанда мебошад. Аслан дар амалия ташкилотҳои паймонкорӣ баҳри рақобатпазир буданашон ҳамаи ин ҳолатҳоро ба қисми таркибии шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дохил мекунанд.

Ба андешаи мо, номгузорӣ намудани моддаи 826 КМ ҶТ ҳамчун уҳдадориҳои иловагии фармоишгар низ қобили қабул нест, чунки шароит фароҳам овардан баҳри фаъолияти паймонкор, маҳз уҳдадории асосии фармоишгар ба ҳисоб меравад. Баъд аз он ки қитъаи замин барои бунёди объект пешниҳод мегардад, фармоишгар инчунин уҳдадор мешавад, ҳуҷҷатҳои техникиро низ пешкаш намояд. Қобили зикр аст, ки уҳдадории номбаршудаи фармоишгар бояд дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳи автомобилгард пешбинӣ шаванд [13].

Пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои техникӣ боиси сари вақт оғоз намудани кор ва аз муҳлати пешбинишуда ақиб намондани паймонкор мегардад. Ворид намудани тағйиру иловаҳо инчунин метавонад манфиати паймонкорро чиро поймол намояд, аз ҷумла ба тағйир додани муҳлат, арзиши кор, ҷалбнамоии кормандони нав оварда расонад.

Фармоишгар ҳуқуқ дорад тағйиру иловаҳоеро ба ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ ворид намояд, ки ба хароҷоти иловагӣ аз ҷониби паймонкор оварда намерасонанд. Агар ин тағйиротҳо ба хароҷоти иловагӣ оварда расонанд, сметаи иловагии аз ҷониби тарафҳо мувофиқакардашуда тартиб дода мешавад. Дар ҳолати тағйир додани арзиши корҳо бо сабабҳои аз паймонкор вобастанабуда ба андозаи то 10 фоиз (қисми 3 моддаи 822 КМҶТ) аз сметаи муқарраршуда, паймонкор ҳуқуқ дорад аз нав дида баромадани сметаро талаб намояд, яъне маҳдудиятҳо ҷиҳати тағйир додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию

сметавӣ нисбат ба ҳар ду тараф паҳн мегардад.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон шартномаи дутарафа ба ҳисоб меравад, чунки супориши як тараф, яъне фармоишгар аз як ҷониб ва пешниҳод намудани супориш дар шакли моддӣ аз ҷониби тарафи дигар, яъне паймонкор моҳияти шартномаи дутарафаро ифода мекунанд.

Ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ қисми таркибии шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ба ҳисоб мераванд, чунки ҳуҷҷатҳои мазкур дарбаргирандаи унсурҳои асосии созиш мебошанд, инчунин мавқеи мақомотҳои ваколатдор ва қонунӣ будани сохтмони роҳҳои автомобилгард маҳз тавассути ҳамин ҳуҷҷатҳо таъмин мегардад.

Аҳаммияти ҳуҷҷатҳои техникӣ аз он иборат аст, ки:

– дар онҳо ҳаҷм ва таркиби корҳои аз ҷониби паймонкор баиҷрорасонидашуда муайян мешаванд;

– таъйин кардани талабот ба сохтор, сифат, хусусиятҳои фаннӣ ва маводро дар бар мегирад. Дар Кодекси мадании ҶТ (моддаи 790 КМ ҶТ) истилоҳи «ҳуҷҷатҳои техникӣ» зикр гардидааст [13]. Аммо аз ҷиҳати моҳият, мафҳумҳои наздик ба он дар Кодекси шаҳрсозӣ омадаанд, аз қабили «тарҳи сохтмони бино ва асноди лоиҳавӣ барои бунёди иншоот», ки «бунёди роҳҳои автомобилгард, навсозӣ, таъмири ҷиддии иншоот ва ҳамчунин ҳолати минтақаи заминро низ фаро мегиранд».

Смета бошад ин баҳодиҳии пули корҳое мебошад, ки паймонкор бояд онҳоро анҷом диҳад, баҳри ноил шудан ба натиҷаи қайду шартшуда. Смета барои объекти мушаххас тартиб дода шуда, дарбаргирандаи тамоми корҳои анҷомдодашаванда ба ҳисоб меравад.

Принсипи озодии шартнома маънои онро дорад, ки тарафҳо метавонанд тавассути тартиб додани сметаи нав ва ҳуҷҷатҳои техникӣ мустақилона ҳаҷми коррро зиёд намоянд ё ин ки коҳиш диҳанд. Ҳуҷҷатҳои ёдрасшуда ифодакунандаи доираи минималӣ ва максималии талаботи тарафайн ба ҳисоб мераванд. Бо ин сабаб, таҳияи ин гуна санадҳо хусусияти ҳатмӣ дорад.

Дар раванди оғози бунёди роҳҳои автомобилгард, ин қоидаҳо аҳаммияти

беназир пайдо мекунанд; бидуни омода кардани смета ва асноди фаннӣ, сохтани иншоотҳои пурҳазинаи ин намуд тақрибан ғайриимкон аст, ҳамчунин сифат ва андозаи корҳои анҷомшуда низ норавшан боқӣ мемонад.

Мақсади асосии ҳуҷҷатнигории техникӣ дар он зоҳир меёбад, ки ин муайянкунандаи ҳаҷм ва арзиши маҳсулоти истифодашаванда барои сохтмон ба ҳисоб мераванд.

Дигар уҳдадории фармоишгар муҳайё намудани шароити маишӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳудуди ҶТ дар марҳилаи муайяни таърихӣ, роҳҳои автомобилгард аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Ҷумҳурии мардумии Чин бунёд мегардиданд, бинобар ин таъмин намудани кормандон бо мақоми будубош ё аз ҷониби фармоишгар ё ин ки аз ҷониби паймонкор дар асоси шартнома ба роҳ монда мешуд ва фармоишгар уҳдадор мешавад хароҷоти иловагиро бар дӯш гирад.

Дар қонунгузорӣ дар соҳаи сохтмон санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ оид ба хизматрасонӣ кифоя нестанд. Мақсади такомули қонунгузорӣ, ин фароҳам овардани шароити арзанда барои фаъолияти пурсамар ва қонунии субъектон дар мувофиқа бо талаботҳои бозори муосир ба ҳисоб меравад. Ба андешаи мо, ин ҳолат боиси самаранок истифода бурдани меъёрҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Айни ҳол бошад аз ҷониби фармоишгар хизматрасонии истеҳсолӣ низ дар шартнома бояд қайд гардад, яъне агар ҳангоми сохтмони роҳи автомобилгард, фармоишгар ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ машғул бошад, ҳолати мазкурро бояд дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон нишон диҳад.

Дар баъзе мавридҳо, фармоишгар масъул аст, ки худ таҷҳизот ва маводро таъмин кунад. Агар маълум шавад, ки истифодаи мавод (қисмҳо ва сохторҳо) ё таҷҳизоти аз ҷониби фармоишгар пешниҳодшуда ғайриимкон аст ва ин ба сифати корҳо таъсири манфӣ расонад, паймонкор мувазааф аст дар муҳлатҳои муносиб аз фармоишгарислоҳи ин мушкилотро талаб намояд.

Дар сурати иҷро нашудани ин талаб, паймонкор метавонад аз шартнома даст кашад ва аз фармоишгар хоҳиш кунад, ки арзиши корҳои анҷомшударо

мутаносибан ҳисоб карда, ҳамчунин зарари боқимондаро, ки бо ин маблағ ҷуброн нашудааст, пардозад (қисми 3-и моддаи 823-и КМҶТ) [13].

Фармоишгари шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ҳақ дорад раванди кор, сифати он, риояи ҷадвали муҳлатҳо, сифати маводи аз ҷониби паймонкор истифодашаванда ва дуруст истифода бурдани маводи таъминкардаи худро назорат ва санҷиш кунад, аммо бе мудохила ба фаъолияти амалиётӣ ва хоҷагидории паймонкор.

Агар ҳангоми ин назорат фармоишгар нақзи шартҳои шартномаро, ки метавонад ба коҳиши сифати кор ё пайдоиши дигар нуқсонҳо оварда расонад, мушоҳида кунад, ӯ бояд фавран паймонкорро огоҳ созад. Фармоишгаре, ки ин огоҳӣ пешниҳод накардааст, дар оянда аз ҳуқуқи худ барои ишора ба нуқсонҳои ошкоршударо аз даст медиҳад.

Аммо агар паймонкор қоидаҳои умумиэътирофшударо вайрон намояд, ё ин ки аз таҷҳизот ва дигар воситаҳои хилофи стандартҳо истифода барад, пас фармоишгар ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки камбудиҳоро бартараф намояд, аммо бе асоси кофӣ ба корҳои ташкилотчигӣ дахолат карданро ҳуқуқ надорад. Ғайр аз ин, дар сурате ки фармоишгар ҳангоми баррасии раванди иҷрои корҳо ва арзёбии он мушоҳида кунад, ки шартҳои созишнома риоя нашудаанд ва ин метавонад ба коҳиши сифати кор ё пайдоиши нуқсонҳои дигар оварда расонад, ӯ муваззаф аст бидуни таъхир паймонкорро дар ин бобат хабардор намояд. Инчунин, бояд дафтари махсус тартиб дода шавад ва фармоишгар дар он камбудиву норасоиҳои ошкоршударо қайд намояд, ки ин эҳтимолияти минбаъд ба вуҷуд омадани нофаҳмиҳоро аз байн мебарорад.

Дар ин дафтар инчунин, муҳлати бартараф намудани ин камбудиҳо низ бояд ёдрас гарданд. Агар дар шартнома чунин муҳлат муқаррар нагардида бошад, пас паймонкор ин камбудиҳоро дар муҳлати оқил бояд бартараф намояд. Инчунин, муҳлати барои бартараф намудани ин камбудиҳо, ба муҳлати умумии шартномаи паймонкорӣ бояд тағйироти ҷиддӣ ворид накунад ё ин ки тамоман тағйирот ворид накунад.

Тибқи қисми 2-и моддаи 827-и Кодекси мадании ҶТ (КМ ҶТ), агар

фармоишгар ҳангоми назорат ва арзёбии раванди корҳо мушоҳида кунад, ки шартҳои шартнома риоя нашудаанд ва ин метавонад ба коҳиши сифати кор ё пайдоиши нуқсонҳои дигар оварда расонад, ӯ муваззаф аст фавран паймонкорро хабардор намояд. Фармоишгаре, ки аз ин огоҳӣ худдорӣ кардааст, дар оянда ҳаққи худро барои ишора ба камбудиҳои ошкоршуда аз даст медиҳад.

Ба ибораи дигар, фармоишгар на танҳо вазифадор аст нуқсонҳоро қайд кунад, балки бояд паймонкорро ба ислоҳи онҳо муваззаф созад ва набояд интизор шавад, ки сохтмони роҳи автомобилгард ба анҷом расад [13].

Табдили ҳуқуқи фармоишгар ба уҳдадории ӯ мавзуи баҳс аст. С.В. Мелник чунин андеша дорад, ки дар сурати паст будани сифати кор, паймонкор ҳақ надорад даъво кунад, ки сабаби ин камбудиҳо набудани назорати фармоишгар аст [98, с. 151]. Дар асл, барои бунёди босифати иншооте чун роҳи автомобилгард, фармоишгар бояд пайваста аз сифат ва коршоямии он огоҳ бошад, зеро маблағҳои зиёд сарф мешаванд ва идомаи корҳо пас аз итмоми сохтмон қариб ғайриимкон аст.

Пардохти маблағ дар доираи шартнома низ ба тарзҳои мухталиф сурат мегирад. Он метавонад тамоми хароҷотҳо, аз ҷумла харҷҳои пешбинишуда ва ғайричашмдоштро дар чаҳорчӯби маблағи муайян дар бар гирад, ё хароҷоти ғайричашмдошти алоҳида пардохт шаванд. Шартнома метавонад барои анҷоми пеш аз муҳлат ё босифати корҳо мукофотпулӣ, пешпардохт ё пардохти бунакро пешбинӣ кунад.

Дар муносибатҳои паймонкорӣ дар сохтмон, субъекти дигар – сармоягузор низ нақши муҳим дорад. Мувофиқи моддаи 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ», сармоягузор шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, инчунин созмоне бе таъсиси шахсияти ҳуқуқӣ аст, ки дар қаламрави Тоҷикистон фаъолияти сармоягузорӣ анҷом медиҳад. Сармоягузор метавонад лоиҳаро пурра ё қисман маблағгузорӣ кунад [9].

Тибқи қисми 2-и моддаи 817-и КМ ҶТ, шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон барои бунёд ё навсозии корхонаҳо, биноҳо (аз ҷумла манзил),

иншоот ё дигар объектҳо, ҳамчунин барои корҳои васл, танзим ва ба истифода додан, ки бо иншооти сохташаванда алоқаманданд, баста мешавад [13].

Барои анҷоми босифат ва самараноки сохтмон, хароҷот барои тарҳрезӣ, дастрасӣ ба таҷҳизот, мошинҳо ва воситаҳои дигар бояд комилан ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тавр, дар доираи як шартномаи паймонкорӣ бояд маҷмуи тамоми хароҷотҳо ҳисоб карда шавад. Метавон хулоса кард, ки мафҳуми «хароҷоти сармоявӣ» аз мафҳуми «хароҷоти сохтмон» фарохтар буда, онро дар бар мегирад.

Робитаҳои байни субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ асосан бар пояи шартнома ё созишномаи давлатӣ ба вуҷуд меоянд [9]. Аз ин рӯ, бунёд ё навсозии корхонаҳо, биноҳо, иншоот ва корҳои марбут ба онҳо тавассути шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон роҳандозӣ мегарданд.

Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ», ба иштирокчиёни муносибатҳои сармоягузорӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, созмонҳои бидуни шахсияти ҳуқуқӣ, давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, созмонҳои хориҷии бидуни шахсияти ҳуқуқӣ, шаҳрвандони хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва мақомоти давлатӣ, ки сиёсати сармоягузориро дар Тоҷикистон татбиқ мекунанд, дохил мешаванд [9].

Дар муқоиса бо ин қонун, КМ ҶТ моддаи алоҳидае барои муайян кардани доираи субъектҳои паймонкорӣ дар сохтмон пешбинӣ накардааст. Аммо метавон чунин натиҷа гирифт, ки ҳар субъекте – хоҳ шахси ҳуқуқӣ, хоҳ воқеӣ, инчунин давлат ва воҳидҳои маъмурию марзии он, метавонад ҳамчун фармоишгар баромад кунад.

Дар мавриди паймонкор бошад, иҷрокунандаи кор одатан шахси ҳуқуқист, вале қонунгузорӣ маҳдудияти мушаххасе барои иштироки шахсони воқеӣ ҳамчун паймонкор муқаррар накардааст. Аз ин рӯ, бо такя ба принсипи асосии муносибатҳои хусусӣ, ки «ҳар чи манъ нашудааст, ҷоиз аст», метавон гуфт, ки шахси воқеӣ низ метавонад дар нақши паймонкор фаъолият кунад.

Ӯҳдадории фармоишгар дар молиякунонии объекти сохтмон тавассути роҳҳои зерин амалӣ мешавад: а) сармоягузорӣ; б) истифода аз маблағҳои шахсӣ; в) ҷалби қарз (аксаран сохтмони роҳҳои автомобилгард бо маблағҳои қарзӣ ё захираҳои худӣ анҷом мешавад). Қарзҳо одатан аз ҷониби субъектҳои хориҷӣ пешниҳод мешаванд, аммо қисмати зиёди роҳҳои автомобилгард бо маблағҳои дохилӣ, яъне буҷети Тоҷикистон, бунёд мегарданд.

Сабаби кам будани сармояи дохилӣ ва хориҷӣ дар он аст, ки роҳҳои автомобилгард хароҷоти зиёд талаб мекунанд, вале фоидаи мустақим кам меоранд. Фаъолияти соҳибкорӣ дар ин роҳҳо танҳо дар сурати пулакӣ кардани онҳо имконпазир аст. Тоҷикистон яке аз нахустин кишварҳо дар Осиёи Миёна буд, ки ин усулро ҷорӣ кард ва таҷриба собит намуд, ки он самаранок аст.

Моддаи 831-и КМ ҶТ вазъиятеро пешбинӣ мекунад, ки: «агар яке аз тарафҳо аз қабули кор саркашӣ кунад, тарафи дигар метавонад бо тартиби таҳияи санади яктарафа ва қайди ҳолати кор онро имзо кунад» [13]. Ин модда манфиатҳои паймонкорро ҳангоми радди беасоси фармоишгар аз қабули кор ҳимоя мекунад. Дар амал, тарафҳо дар бораи вақти қабул маслиҳат мекунанд. Ба санади қабули объект на танҳо тарафҳо, балки мақомоти дахлдор, хадамоти зиддисӯхтор, мақомоти маҳаллии ҳокимият ва дигарон низ имзо мегузоранд.

Паймонкор дар ин муносибатҳо нақши асосиро иҷро мекунад. Масъулиятҳои ӯ нисбат ба фармоишгар доираи фарохтар доранд. Мувофиқи моддаи 817-и Кодекси мадании ҶТ: «паймонкор муваззаф аст дар муҳлати муайяншудаи созишнома, мувофиқи дастурҳои фармоишгар, иншоот ё дигар корҳои сохтмониро бо захира ва неруи худ анҷом диҳад, магар ин ки дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад» [13].

Ин муқаррарот мустақилияти паймонкорро аз фармоишгар таъкид мекунад. Дар шартномаи паймонкорӣ барои бунёди роҳҳои автомобилгард, фармоишгар метавонад қисман неруи корӣ таъмин кунад, аммо ин ба маънои он нест, ки шартнома дигар хусусияти паймонкорӣ надорад.

Моддаи 823 КМ ҶТ таъмин намудани сохтмонро бо маводи сохтмонӣ, аз ҷумла қисмҳо, сохторҳо ва таҷҳизот бар уҳдаи паймонкор мегузорад. Аммо азбаски ин модда хусусияти ихтиёрӣ дорад, тавассути шартнома ин масъулиятро метавон ба фармоишгар ҳавола кард.

Паймонкор вазифадор аст роҳи автомобилгардро бо риояи ҳамаи талаботи техникӣ созад ва аз мақомоти дахлдор тасдиқ гирад. Дар акси ҳол, уҳдадориҳои дар шартнома пешбинишуда нисбат ба ӯ эътибори ҳуқуқӣ нахоҳанд дошт.

Мушкилоти сохтмони худсарона дар бунёди роҳҳои автомобилгард вуҷуд надорад, зеро ҳеҷ кас бидуни иҷозат ба чунин фаъолият даст намезанад. Хавфи нобудшавӣ ё осеб дидани иншоот то қабули он ба дӯши паймонкор аст. Агар фармоишгар қисмати роҳи навсохташударо қабул кунад, масъулияти осеб дидани он қисм ба уҳдаи ӯ мегузарад.

Дар сурати саркашӣ аз қабули иншоот, паймонкор метавонад бо таҳияи санади яктарафа онро супорад. Дар ин ҳолат, муқарраротӣ ихтиёрии дар шартнома зикршуда хусусияти ҳатмӣ пайдо мекунад.

Моддаи 831 КМ ҶТ паёмадҳои дер кардани қабули иншоот аз ҷониби фармоишгарро мушаххас накардааст. Дар чунин маврид, қоидаҳои умумӣ татбиқ мешаванд, яъне моддаи 793 КМ ҶТ, ки мувофиқи он: «агар саркашии фармоишгар аз қабули кор ба таъхир дар супориш оварда расонад, ҳуқуқи моликият ба объекти омодашуда аз лаҳзаи супориш ба фармоишгар интиқол меёбад. Агар ин масъала ҳал нашавад, хавфи осеб дидани иншоот бар уҳдаи тарафе меафтад, ки маводро таъмин кардааст» [13].

Бояд гуфт, ки асосҳои ҳалли баҳсҳо хусусияти ихтиёрӣ доранд, аммо дар сурати нобудшавӣ ё осеби иншоот, ки паймонкор онро бар уҳда дорад, хусусияти ҳатмӣ касб мекунад. Моддаи 820 КМ ҶТ уҳдадории паймонкорро барои суғуртаи иншоот пешбинӣ мекунад. Ин суғурта муваққатӣ буда, пас аз анҷоми муҳлати дар шартнома муайяншуда ба поён мерасад.

Ҳангоми анҷоми корҳое, ки дар смета ва нақша пешбинӣ нашудаанд, паймонкор на танҳо ҳақ, балки масъулияти таҷдиди сметаро низ ба даст меорад.

Фармоишгар бошад, бояд дар муддати муносиб масъалаи тамдиди сметаро баррасӣ кунад. Дар сурати рад кардан, зарари аз таваққуф бавуҷудомада ба уҳдаи фармоишгар меафтад, магар ин ки ӯ баръакси онро собит кунад.

Дар раванди бунёди роҳи автомобилгард, талаботи қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист бояд риоя гарданд ва ин масъулият бар зиммаи паймонкор аст. Ҳамчунин, дар сурати расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатӣ, ҷавобгарӣ ба иҷрокунандаи кор вогузор мешавад, на ба шахсе, ки кор ба нафъи ӯ анҷом шудааст.

Паймонкор ҳақ надорад аз маводи таъминкардаи фармоишгар истифода кунад, агар ин истифода ба ҳифзи муҳити зист ва амнияти сохтмон хатар эҷод кунад.

Тамоми нуқсонҳое, ки ҳангоми иҷрои корҳо ошкор мешаванд, бояд аз ҷониби паймонкор ислоҳ гарданд. Муҳлати кафолати иншоот мувофиқи қонунгузорӣ муайян мешавад, ва тарафҳо танҳо метавонанд онро дароз кунанд.

Ба ҳуқуқҳои паймонкор талаби қабули иншоот дар муҳлати пешбинишуда, пардохти бунак ва пешпардохт (агар дар шартнома зикр шуда бошад), инчунин пардохти иловагӣ барои корҳо дохил мешаванд.

Дар муносибатҳои паймонкорӣ дар сохтмон, иштирокчиён фармоишгар, паймонкор ва зерпаймонкоронанд. Паймонкори генералӣ масъулияти умумии сохтмони роҳро бар уҳда дошта, зерпаймонкоронро барои анҷоми қисматҳои алоҳида ҷалб мекунад.

Манфиатҳои зерпаймонкор то андозае маҳдуд аст, зеро ӯ на ба тамоми кор, балки ба бахши муайяне аз он машғул мешавад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо аз худи онҳо, қонунҳо бо усули ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, инчунин дар натиҷаи амали дуҷониба ва манфиатҳои муштарак шакл мегиранд.

Ваъзъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон (сохтмони роҳҳои автомобилгард) аз тавсифи умумии ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо вобаста аст. Бинобар ин, дар Кодекси мадании ҶТ, масъулияти асосии паймонкор дар доираи мафҳуми шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон инъикос ёфтааст. Мувофиқи ин шартнома, паймонкор мувазҷаф аст дар муддати дар созишнома муайяншударо, бо риояи дастурҳои фармоишгар, иншооти мушаххас ё дигар фаъолиятҳои сохтмонӣ ба анҷом расонад (моддаи 817 КМ ҶТ). Ин уҳдадорӣ дар моддаҳои дигари КМ ҶТ низ дақиқтар шудааст [13].

Дар маънои фарохтар, онро метавон ҳамчун вазифаи паймонкор барои бунёди иншооти дар шартнома зикршуда бо истифода аз неру, абзорҳо ва маводи худ, бо назардошти санадҳои фаннӣ ва муҳлати мувофиқашуда, тавсиф кард. Сохтмони объект бо таъминоти паймонкор моҳияти ин муносибатҳоро инъикос намуда, идоракунии мустақил ва вобаста набудани паймонкорро аз фармоишгар инъикос менамояд.

Аммо КМ ҶТ ҳолатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки аз муқаррароти мазкур, яъне таъмини пурраи сохтмон аз лиҳози коргарон ва маҳсулот низ канорагирӣ мавҷуд аст, аз ҷумла таҷрибаи ҷалби ғайримутахассисон барои корҳои сохтмонӣ-васлнамоӣ, ки мутобиқи созиши тарафайн фармоишгар ба ихтиёрдории паймонкор кормандонро аз ҳайати зертобеони худ таъмин менамояд.

Тибқи ҳолати ёдрасшуда, яъне коргарони аз ҷониби фармоишгар таъминшуда, шарти шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро, ки иҷрои уҳдадории шартномаро пурра бар дӯши паймонкор вомегузорад, зери суол қарор медиҳад. Иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон аз ҷудо намудани ҳайати корӣ аз ҷониби фармоишгар вобастагӣ дорад, яъне фаъолияти соҳибкории ӯ ба уҳдадории шартӣ табдил меёбад.

Масоили назариявии ёдрасшуда ба баъзе муаллифон замина ба вуҷуд овард, ки хусусияти паймонкорӣ доштани сохтмони капиталиро бо ҷудо намудани қувваи корӣ рад кунанд [24, с. 33].

Дар муқобили андешаи зикршуда, Р.С. Джимов мавқеи дигареро пешниҳод карда, чунин изҳор дошт: «дохил кардани шарти мазкур ба муҳтавои шартнома ба тартиб ва усулҳои анҷоми фаъолиятҳои сохтмонӣ ва васлкунӣ тағйире ворид намекунад, зеро паймонкор мувазզаф аст ҳамаи корҳои дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон муайяншударо иҷро кунад, сарфи назар аз он ки фармоишгар коргаронро ҷалб кардааст ё не» [36, с. 198].

Ин нуқтаи назар қобили қабул аст. Инчунин моҳияти масъала он аст, ки корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ аз ҷониби коргарони ҷалбшуда сараввал аз ҳисоби моликияти паймонкор анҷом дода мешаванд, бинобар ин ба ақидаи Р.С.Джимов бояд розӣ шуд, ки ҷалби кормандони дигар барои иштирок дар корҳои сохтмонӣ тарзу воситаи анҷом додани сохтмонро тағйир намедиҳад ва муносибати паймонкорӣ номбар намудани онро низ аз байн намебарад [36, с. 198].

Аз ин бармеояд, ки андешаҳои ташкилоти сохтмонии ба маҳсулотсупории мавод сохтмонӣ мубаддалгашта низ баҳснок мегардад. Ҳолати бавуҷудомада, яъне аз ҷониби фармоишгар таъмин намудан бо ҳайати кормандон, ки ба муносибатҳои паймонкорӣ ягон халал ворид наменамояд, низ ҳалли худро меёбад, чунки дар моддаи 823 КМ ҶТ танҳо таъмини моддии сохтмон аз ҷониби паймонкор муқаррар гардидааст. Моддаи мазкур таъмини моддиро аз ҷониби фармоишгар низ маҳдуд намекунад, яъне метавон нисбат ба истифодаи кормандони фармоишгар низ ин меъёрро татбиқ намуд.

Тавре қаблан зикр гардид, дар баробари таъмини неруи корӣ барои анҷоми фаъолиятҳои сохтмонӣ, таъминоти мавод низ аҳаммияти бузург дорад. Масъулияти таъмини сохтмон бо мавод, аз ҷумла қисмҳо, сохторҳо ва таҷҳизот, дар сурате ки дар шартнома уҳдадории таъминоти моддиро фармоишгар пурра ё қисман бар уҳда нагирад, ба зиммаи паймонкор вогузор

мешавад [32, с. 106]. Азбаски ин модда хусусияти ихтиёрӣ дорад, тарафҳо метавонанд онро комилан ё ҷузъан тағйир диҳанд, яъне таъминоти маводро ё паймонкор ё фармоишгар бар уҳда гиранд.

Ҳамин тавр дар адабиёти соҳавӣ одатан пешниҳодҳое вомехӯранд, ки тибқи онҳо уҳдадории таъмини моддӣ-техникӣ бар дӯши паймонкор вогузошта мешавад [77, с. 205], [79, с. 16].

Тибқи қонунгузорӣ бар дӯши паймонкор вогузор намудани чунин уҳдадорӣ, аз он бармеояд, ки паймонкор як соҳаи мустақили иқтисодиёти давлат ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, ба дӯши паймонкор вогузор намудани таъмини моддӣ-техникӣ на ҳама вақт манфиатҳои иқтисодиро ифода мекунад. Бояд ёдрас шуд, ки фармоишгар дар интихоб намудани таҷҳизот босалоҳияттар аст, чунки истифодаи минбаъдаи объекти бунёдшаванда аз ҷониби маҳз фармоишгар ба роҳ монда мешавад.

Барои сохтмончӣ бошад бо кадом таҷҳизот ва восита сохтмони объектро ба анҷом расонидан аҳаммият надорад. Бинобар ин, КМ ҶТ вогузор намудани таъмини моддӣ ва техникии объекти сохташавандаро тибқи шартнома бар дӯши фармоишгар имконпазир гардонидааст.

Паймонкор масъул аст, ки бунёди иншоотро мувофиқи санадҳои фаннӣ ба поён расонад. Ин санадҳо бояд аз ҷониби ниҳодҳои салоҳиятдор тасдиқ шаванд. Дар сурате ки шартнома анҷоми корҳоеро дар назар дорад, ки гирифтани иҷозатномаро тақозо мекунад, иҷрокунанда муваззаф аст ин иҷозатномаро аз мақомоти дахлдор ба даст орад [92, с. 76],.

Дар ғайри ин сурат, чунин созишнома эътибори ҳуқуқӣ нахоҳад дошт. Ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ-васлгарӣ бе ҳуҷҷатҳои техникӣ, барои давом додани сохтмон асос ҷой надорад. Барои бартараф намудани чунин падидаҳои манфӣ дар адабиёти соҳавӣ воситаҳои гуногун пешниҳод шудаанд.

Бо пайдо гардидани муқаррароти саривақтӣ дар қонунгузорӣ, ки мувофиқи он мафҳуми сохтмони худсарона муқаррар мегардад, аз ҷониби субъектони ҳуқуқи маданӣ анҷом дода мешавад. Масъалаи оқибати эътирофи

сохтмон ҳамчун сохтмони худсарона одӣ нест. Чунин хулоса сар мезанад, ки объектҳои сохтмони худсарона ба сифати иҷрои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба ҳисоб намераванд; аммо ташкили ҳисоббаробаркунӣ нисбат ба онҳо номумкин аст.

Тибқи моддаи 818 КМ ҶТ, таваккали тасодуфан несту нобуд гардидани объект то лаҳзаи аз ҷониби фармоишгар қабул гардидани он ба зиммаи паймонкор мебошад. Ин маънои онро дорад, ки паймонкор танҳо дар ҳолати мавҷуд будани гуноҳи фармоишгар уҳдадориро бар дӯши ӯ вогузор карда метавонад.

Чунин ҳолат барои уҳдадориро аз дӯши худ дур намудан низ кифоя аст. Ба ақидаи М.И.Брагинский, бояд дар назар дошт, ки ҳамон як принсип (тақсими таваккали тарафайн), ки хусусияти диспозитивиро дорост, дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон хусусияти императивиро низ касб мекунад [27, с. 126].

Аз ин рӯ, агар фармоишгар бо пешниҳоди маводи пастсифат ё додани дастурҳое, ки ба нобудшавӣ ё осеби ҷиддии мавзуи шартнома сабаб шаванд, муҷиби чунин ҳолат гардад, гуноҳ ба гардани ӯ меафтад. Дар чунин мавридҳо, паймонкор бояд собит созад, ки фармоишгарро аз вазъиятҳое, ки аз ӯ вобаста нестанд ва ба бесифатӣ, корношоямӣ ё ғайриимкон будани анҷоми кор дар муҳлати муқарраршуда оварда мерасонанд, огоҳ кардааст.

Дар ин ҳолатҳо, муқаррароти моддаи 814-и КМ ҶТ татбиқ мешавад: агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, дар сурати саркашӣ аз қабули кор, паймонкор пас аз як моҳ аз рӯзи пешбинишудаи супориш ва ду бор огоҳ кардани фармоишгар, ҳақ дорад натиҷаи корро фурӯшад ва маблағи бадастомадаро бо тарҳи пардохтҳои ба ӯ тааллуқдошта ба суратҳисоби нотариалӣ ба номи фармоишгар гузорад. Агар радди фармоишгар аз қабул ба таъхир дар супориш оварда расонад, ҳуқуқи моликият ба объекти омодашуда аз лаҳзаи супориш ба фармоишгар мегузарад.

Дар сурати ҳал нашудани масъала мувофиқи моддаи 814 КМ ҶТ, хавфи нобудшавии тасодуфии объекти шартнома бар уҳдаи таъминкунандаи мавод

меафтад. Қабули қисмӣ аҳаммияти хос дорад: фармоишгаре, ки марҳилаҳои алоҳидаи корро пешакӣ қабул кардааст, хавфи нобудшавӣ ё осеби ин қисматҳоро, ки бо гуноҳи паймонкор рух надодааст (ҳатто агар шартнома хавфи паймонкорро пешбинӣ кунад), бар уҳда мегирад.

Супориш ва қабули кор бо санади дутарафа ба расмият даровaрда мешавад. Агар яке аз тарафҳо аз имзои санад саркашӣ кунад, тарафи дигар онро яктарафа имзо мекунад. Паймонкор дар ин ҳолат танҳо дар сурати собит шудани гуноҳаш ҷавобгар аст.

Агар масъалаи тақсими хавф ҳал нашавад, мувофиқи моддаи 818 ва 779 КМ ҶТ амал мекунад, аммо моддаи охирин хусусияти ихтиёрӣ дорад. Ин нишон медиҳад, ки барои пур кардани холигии қонунӣ, мақомоти салоҳиятдор бояд санади мушаххас қабул кунанд. Танҳо дар мавриди моддаи 818 КМ ҶТ маълум аст, ки хавфи нобудшавӣ ё осеби тасодуфии иншоот то қабули он аз ҷониби фармоишгар бар уҳдаи паймонкор аст.

Мувофиқи моддаи 820 КМ ҶТ: «суғуртаи иншоот аз хавфҳо масъулияти паймонкор аст. Ба ин хавфҳо нобудшавии тасодуфӣ ё осеби иншоот, мавод, таҷҳизот ва моликияти дар ҷараёни сохтмон истифодашаванда, ё зарари аз ҷониби шахсони сеюм расонидашуда дохил мешаванд» [13].

Суғуртаи сохтмон муҳлатҳои худро дорост: он бо қатъ гардидани алоқа байни паймонкор ва фармоишгар аз байн меравад, чунки дар ин ҳолат паймонкоре, ки иншоотро суғурта карда буд, аз ин суғурта дигар манфиате надорад. Ҳамаи ин асос мегардад, ки уҳдадории зеринро ҳамчун уҳдадории раванди сохтмон баҳо диҳем.

Суғуртанамоии уҳдадории мадании паймонкор пеш аз ҳама ба манфиати ҷабрдидагони эҳтимолӣ роҳандозӣ мегардад. Инчунин, суғуртаи мазкур барои паймонкор низ манфиати махсус дорад, ҳамчун шахсе, ки барои зарар дидани объекти сохташаванда дар ҳолатҳои мазкур уҳдадориро бар дӯш дорад.

Ба ғайр аз ин маблағҳое, ки аз ҷониби паймонкор ҳамчун маблағҳои ҳавасмандгардонӣ пардохта мешаванд ва бо маблағҳои суғуртавӣ

алоқамананд, метавонанд тибқи шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба арзиши умумии сохтмон ҳамроҳ гарданд. Суғуртанамоӣ тарафи масъулро аз андешидани чораҳои зарурӣ баҳри пешгирӣ намудани оқибатҳои суғуртавӣ озод наменамояд. Меъёри мазкур аҳаммияти худро ҳамон вақт касб менамояд, ки агар тарафе ки ба манфиати ӯ суғурта анҷом дода шуда буд, аз контрагент дар ҳолати паймонкор маблағи боқимондаро, ки суғурта ҷуброн карда наметавонад, рӯёнад.

Дар як қатор ҳолатҳо аҳаммияти суғуртанамоии бо сохтмон алоқаманд, дар асоси пешбининамудаи қонун ба вуҷуд меояд. Аз ҷумла, соҳиби таҷҳизоти гидротехникӣ бояд суғуртаи онро ба тариқи ҳатмӣ, дар ҳолатҳои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии шахсони воқеӣ ва молумулкӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бар дӯш гирад.

Дар шартномаи паймонкорӣ, ки суғуртаи ҳатмиро тақозо мекунад, намудҳои он, таваккали суғуртавӣ, маблағи суғуртавӣ ва муҳлати суғуртавӣ нишон дода мешавад. Оқибатҳои даст кашидан аз ворид намудани ин шартҳо ба шартномаи суғурта, аз хусусиятҳои иншоот ва шартҳо вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, агар дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон маблағи суғуртавӣ пешбинӣ нашуда бошад, инчунин таваккали суғурташуда, уҳдадорӣ дар назди контрагент ҷиҳати суғурта кардан ба вуҷуд намеояд. Оқибатҳои дигар ҳангоми нишон надодани суғуртакунанда ба вуҷуд меоянд, яъне дар ҳолати нишон надодани ташкилоти суғуртакунанда, тарафе, ки уҳдадории суғуртакунӣ бар дӯшаш вогузор гардидааст, бо дилхоҳ ташкилоти суғуртавӣ шартнома баста метавонад [27, с. 122].

Зимни анҷом додани корҳои сотмонӣ-васлкунӣ паймонкор бояд сифати даркориро таъмин намояд. Тибқи муқаррароти КМ ҶТ нисбат ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон тамоми талаботҳое, ки доир ба сохтмон ба таври императивӣ муқаррар гардидаанд, ҳатман бояд риоя гарданд. Дар шароити имрӯза тамоми талаботҳои нисбат ба сохтмон татбиқшаванда дар меъёру қоидаҳои сохтмон (СНиП) пешбинӣ гардидаанд.

Бинобар ин, ҳангоми баҳо додан ба корҳои анҷомдодаи сохтмонӣ-

васлгардонӣ аз талаботҳои, СНиП ба таври васеъ истифода карда мешавад. Тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, паймонкор метавонад уҳдадории бо сифати баландтар анҷом додани корҳои сохтмонӣ-васлгардониро бар дӯш гирад, ки аз талаботҳои СНиП пешбининамуда сифатан хубтару беҳтар бошанд.

Ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ паймонкор уҳдадор аст сифати корро бо тамоми воситаҳои имконпазир таъмин намояд. Ба андешаи мо, метавон се омили асосии ба сифати корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ таъсиррасонро ҷудо намуд:

1) дараҷаи касбияти сохтмончиён, ки ин ё он корро ба анҷом мерасонанд;

2) сифати маҳсулот, таҷҳизот ва воситаҳои барои анҷом додани корҳои сохтмонӣ муқарраршуда;

3) сифати ҳуҷҷатҳои сохтмонӣ, ки мувофиқи онҳо корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ ба роҳ монда мешаванд.

Паймонкор уҳдадор аст фармонҳои фармоишгарро дар рафти сохтмон иҷро намояд, агар онҳо ба шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон хилоф набошанд ва ба фаъолияти оперативӣ-хоҷагидории паймонкор халал ворид накунанд.

Агар паймонкор дар рафти сохтмон муайян созад, ки корҳои алоҳида дар лоиҳаи смета мушаххас набуданд ва бинобар ин корҳои иловагӣ бояд гузаронида шаванд, (аз ҷумла, рӯбарӯ шудан бо ҷисмҳои кӯҳӣ дар оғози қаъркании, ки тибқи доиҳаи смета ин ҳолат пешбинӣ нашуда буд ва мушаххас низ карданаш имконнопазир буд), пас дар ин ҳолат паймонкор на танҳо ҳуқуқ, инчунин уҳдадорӣ пайдо мекунад, ки фармоишгаррро аз ин ҳолат бо асосҳои кофӣ хабардор намуда, корҳои иловагии дар оянда анҷомдодашавандаро муаррифӣ намояд.

Тибқи моддаи 821 КМ ҶТ, фармоишгар вазифадор мешавад, ки дар муҳлати на дертар аз даҳ рӯз аз рӯзи гирифтани чунин хабар ё дар дигар муҳлати пешбининамудаи қонун ё шартнома, паймонкорро ҷиҳати қабули

қарор огоҳ намояд. Манзур он аст, ки фармоишгар оид ба розӣ будан ё набудан ҷиҳати гузаронидани ин корҳо ба паймонкор хабар медиҳад. Агар дар мӯҳлати мазкур ягон ҷавоб пешниҳод нагардад, паймонкор корҳоро муваққатан боз медорад, то хароҷоту зарарро аз ҳисоби фармоишгар рӯёнад, агар охирин исбот карда натавонад, ки барои гузаронидани корҳои иловагӣ зарурат вуҷуд надошт.

Дар ҳолате ки паймонкор масъулиятҳои худро дар мавриди қатъ кардани корҳо иҷро накунад, ӯ аз ҳаққи хостани ҷуброни хароҷоти анҷомдодааш ё талафи дидааш маҳрум мегардад. Аммо агар паймонкор фаъолиятҳои изофаро ба анҷом расонад, ӯ метавонад пардохти онҳоро талаб намояд, ба шарте ки собит созад, ки ин корҳо ба фоидаи фармоишгар сурат гирифтаанд (масалан, анҷоми корҳое, ки барои ҳифзи иншоот муҳим буданд).

Дигар уҳдадориҳое, ки ҳангоми анҷом додани корҳои сохтмонӣ ба дӯши паймонкор вогузошта мешавад, ин риоя намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати иҷро накардани уҳдадории мазкур ҷавобгарӣ ба вуҷуд меояд.

Мувофиқи моддаи 1221 КМ ҶТ, зарари дар натиҷаи норасогиҳои кор ва хизматрасонӣ расонидашуда, аз ҷониби иҷрокунанда ҷуброн карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки зарарро бояд иҷрокунанда-паймонкор ҷуброн намояд, на шахсе, ки ба фоидаи ӯ кор иҷро гардидааст. Уҳдадорие, ки гап сари он меравад, новобаста аз гуноҳи паймонкор фаро мерасанд.

Ин гуна қоида дар моддаи 823-и Кодекси мадании ҶТ) зикр гардидааст. Тибқи моддаи мазкур: «агар маълум шавад, ки мавод (қисмҳо ва сохторҳо) ё таҷҳизоти аз ҷониби фармоишгар пешниҳодшударо бидуни коҳиши сифати кор истифода бурдан ғайриимкон аст, паймонкор муваззаф аст дар муддатҳои муносиб аз фармоишгар ислоҳи ин мушкилотро талаб кунад.

Дар сурати иҷро нашудани ин хоҳиш, паймонкор метавонад аз созишнома даст кашад ва аз фармоишгар пардохти арзиши корҳои анҷомшударо ба таври мутаносиб, ҳамроҳ бо ҷуброни зарари боқимондаи ҷуброннашуда, талаб намояд» [13].

Меъёрҳои дар моддаи 829 КМ ҶТ оид ба ҳифзи муҳити зист ва бехатарии пешбурди корҳои сохтмонӣ аз он дарак медиҳад, ки дар ҳар ду ҳолати ёдрасшуда гап сари уҳдадорӣ ҷиҳати ҷуброни оқибати амалҳои хилофи ҳуқуқӣ, яъне деликтҳо меравад.

Оид ба ҳифзи муҳити зист ҳангоми анҷом додани корҳои сохтмонӣ моддаҳои алоҳидаи КҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва меъёрҳои махсуси танзимкунанда мавҷуданд [6]. Дар онҳо одатан асос, ҳаҷм ва ҳолатҳои ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ барои расонидани зарар ба муҳити зист муайян шудаанд. Оид ба бехатарии корҳо, меъёрҳои роҳбарикунандаи боби 55 КМ ҶТ (Уҳдадориҳои бинобар расонидани зарар) баромад менамоянд.

Тибқи моддаи 1204-и Кодекси мадании ҶТ, зараре, ки дар натиҷаи таъсири мутақобили манбаъҳои хавфи баланд ба соҳибонашон расонида мешавад, бар асоси қоидаҳои умумӣ ҷуброн мегардад. Дар ин ҳолат, зарари аз ҷониби як тараф бо гуноҳаш расонидашуда пурра аз ҳамин тараф пардохт мешавад, дар ҳоле ки зарари бо гуноҳи ҳарду ё чанд тараф бамиёномада мутаносиб ба дараҷаи гуноҳи ҳар кадом ҷуброн мегардад.

Агар муайян кардани андозаи гуноҳи ҳар як тараф ғайриимкон бошад, масъулият байни онҳо ба таври баробар тақсим мешавад. Дар сурати набудани гуноҳи тарафҳо дар расонидани зарар, ҳеҷ кадоме аз онҳо ҳаққи талаби ҷуброн надоранд ва ҳар яке хавфи зарари расонидашударо бар дӯш мегирад.

Соҳиби манбаи хавфи баланд дар мавриди зараре, ки аз он манбаъ ба вуҷуд омадааст, масъул нест, ба шарте ки собит кунад, ки ин манбаъ дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии шахсони сеюм аз назорати ӯ берун рафтааст. Дар чунин вазъият, ҷавобгарӣ барои зарари аз манбаи хавфи баланд расонидашуда ба уҳдаи шахсе гузошта мешавад, ки онро ба таври ғайриқонунӣ тасарруф кардааст. Агар дар тасарруфи ғайриқонунии манбаъ гуноҳи соҳиби он низ мавҷуд бошад, масъулият ҳам ба соҳиб ва ҳам ба шахси тасарруфкунандаи ғайриқонунӣ тақсим мегардад.

Дар мавриди сохтмони роҳҳои автомобилгард иҷрокунанда бояд худаш

уҳдадориро бар дӯш гирад. Ҳолатҳои истисноӣ он вақт сар мезананд, ки агар амали бевоситаи фармоишгар боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои пешбининамудаи моддаи 1204 КМ ҶТ гардида бошад, ки дар ин ҳолат фармоишгар ба сифати ҷавобгар баромад менамояд.

Инчунин дар ҳолатҳои алоҳида ҳуқуқи регрессӣ низ пайдо гаштанаш имконпазир аст, масалан дар ҳолате, ки паймонкор барои зарари расонида ба саломатии роҳгузар ҷуброни зарарро талофӣ намуда, нисбат ба фармоишгар ҳуқуқи регрессӣ пайдо мекунад, агар исбот карда тавонад, ки зарари расонидашуда бинобар сабаби аз ҷониби фармоишгар ба таври пурра иҷро намудани уҳдадориҳояш ба роҳ монда нашуда буд, аз ҷумла таъмин накардан. Нақши ҳалкунандаро дар ин маврид меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ мебозанд.

Пас аз анҷом додани корҳои сохтмонӣ, паймонкор бояд объекти сохташударо аз санҷиш гузаронад. Агар объекти сохташаванда одӣ бошад, пас паймонкор онро мустақилона анҷом медиҳад. Дар сохтмони объекти роҳи автомобилгард бошад, санҷишгузарон метавонад бо автомобили шахсияш ин санҷишро гузаронад.

Агар объекти истифодашаванда мураккаб бошад, паймонкор дар асоси созиш бо фармоишгар метавонанд мутахассисони соҳаро дар асоси шартномаи музднок бо таҷҳизотҳои лозимаашон ҷалб намояд. Дар ҳолатҳое ки корҳои васлнамоӣ бар дӯши маҳсулотсупоранда гузошта шудаанд, пас маҳсулотсупоранда чунин санҷишро бояд худаш гузаронад ва дар ин ҳолат ҳамчун субпаймонкор баромад менамояд.

Қонунгузорӣ паймонкорро барои сари вақт бартараф намудани камбудиҳо ва норасоиҳои дар рафти қабули корҳои сохтмону васлкунӣ ошкоршуда вазифадор менамояд. Уҳдадории мазкури паймонкор – ин вазифаи ӯ ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкунии маданӣ доир ба иҷрои номатлуби шартҳои шартнома мебошад. Яке аз принсипҳои асосӣ, маҳз принсипи иҷрои пурра ва қобили қабул ба ҳисоб меравад, чунки то он вақте ки камбудиҳо ва норасоиҳо бартараф нагардидаанд, корро ба

таври матлуб иҷрошуда ҳисобидан нашояд.

Пас аз анҷом додани корҳои сохтмонӣ дар объекти сохташуда, паймонкор бояд оғози таъмини истифодабарии онро тибқи тартиби муақарраршуда анҷом диҳад. Талаботҳои мазкур якранг намемонад, чунки бо дарназардошти талаботи бозор меъёрҳои иҷрои корҳои сохтмонӣ низ дучори таҳаввул мегарданд. Дар шароити талаботҳои бозори муосир, паймонкор на худи объект, балки объекти пурра барои истифодабарӣ омодашуда ва пешбинишударо ба истифода медиҳад.

Дар қонунгузории амалкунанда бояд муқаррар гардад, ки паймонкор уҳдадор мешавад танҳо он объектҳоеро супорад, ки дар онҳо корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ пурра анҷом дода шудаанд ва барои истифодабарӣ тайёранд.

Мувофиқи моддаи 833 КМ ҶТ, кафолати натиҷаи корҳо ба тарзи зерин муайян шудааст: «Агар дар қонун ё созишнома муҳлати дигари кафолат пешбинӣ нашуда бошад, давраи кафолат аз лаҳзаи қабули иншоот аз ҷониби фармоишгар даҳ солро фаро мегирад» [13].

Паймонкор, дар сурате ки натавонад собит кунад, ки камбудиҳо аз фарсудашавии муқаррарии иншоот ё қисми он, истифодаи нодуруст, дастурҳои номуносиб оид ба истифода (ки аз ҷониби фармоишгар ё шахсони сеюми ҷалбкардаи ӯ таҳия шудаанд), ё таъмири ғайриқобили қабули иншоот (ки фармоишгар худ ё бо ҷалби шахсони сеюм анҷом додааст) ба вуҷуд омадаанд, барои нуқсонҳои дар давоми муҳлати кафолат ошкоршуда масъул аст.

Давраи кафолат барои ҳамаи муддатҳое, ки дар он иншоот ба далели камбудиҳо (норасоиҳо ё номукаммалӣ) истифода нашуда ва паймонкор барои онҳо ҷавобгар аст, ба таъхир меафтад. Агар дар ҷараёни ин муҳлат камбудиҳои дар қисми 1-и моддаи 832-и КМ ҶТ зикршуда ошкор гарданд, фармоишгар мувазҳаф аст дар муддатҳои муносиб, пас аз мушоҳидаи онҳо ба паймонкор хабар диҳад.

Моҳияти муҳлати кафолат дар он аст, ки дар ин давра паймонкор

вазифадор аст ҳамаи нуқсонҳои пайдошударо ислоҳ кунад, магар ин ки собит созад, ки ин камбудиҳо аз истифодаи иншоот ба вуҷуд омадаанд ва чунин фарсудашавӣ табиист, ё таъмири ҷории он аз ҷониби ӯ ё шахсони сеюм ба таври мувофиқ анҷом нашудааст.

Ҳамчунин, мувофиқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, паймонкор масъул аст, ки бо дастури фармоишгар нуқсонҳоеро, ки аз ӯ вобаста нестанд, бартараф созад.

Яке аз масъулиятҳое, ки дар ин шартнома шакл мегирад, дар он зоҳир мешавад, ки паймонкор бояд аз захираҳои моддии пешниҳодкардаи фармоишгар ҳифз кунад ва истифодаи самараноки онҳоро таъмин намояд. Таркиби ин захираҳо дар созишнома муайян мешавад (масалан, супоридани бино ва таҷҳизот ба паймонкор бо шартҳои иҷора, фароҳам овардани имконият барои истифодаи малакаи паймонкор дар анҷоми корҳои сохтмонӣ ва пешниҳоди хизматҳои маишӣ ба кормандони иттиҳодияи сохтмонӣ) [55, с. 149-151].

Бинобар сабабе ки фармоишгар паймонкорро бо як қатор неъматҳои моддӣ таъмин менамояд, бархе аз онҳо вобаста ба моҳияти ҳуқуқиву иқтисодии худ аз муҳтавои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон дур ҳастанд. Аз ин рӯ, нуқтаи шаклгирифта дар адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба бартарияти субъекте, ки ба фоидаи ӯ корҳои сохтмонӣ анҷом мешаванд, низ бояд таҷдиди назар гардад, [40, с. 150-151].

Аввалан ҷонибдорони ин принсип ба таври дахлдор нишон дода натавонистанд, ки ҳамин бартарият чӣ гуна дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мегардад. Дувум, амалияи корӣ ва қонунгузорӣ чунин ҳолатҳоеро муаррифӣ мекунанд, ки корҳои сохтмонӣ дар натиҷаи уҳдадории фармоишгар ҷиҳати пешниҳод намудани як хизматрасониҳои истеҳсолӣ-хоҷагӣ ба роҳ монда мешаванд. Инчунин иҷрои кор ва сифати он аз худи тарафе вобастагӣ дорад, ки корҳои сохтмонӣ ба манфиати ӯ анҷом дода мешавад.

Воқеан бояд ба инобат гирифт, ки дар ҳолати аз ҷониби фармоишгар

вайрон намудани шартҳои шартномаи сохтмон, аз ҷумла, пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ, таъмин накардани паймонкор бо маҳсулоти сохтмониву, пас паймонкор аз имконияти ба роҳ мондани корҳои сохтмонӣ васлкунӣ маҳрум мегардад.

Шартномаи паймонкорӣ дар сохтмонро ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн ташкил медиҳанд, бинобар ин онро шартномаи дутарафа номидан ҷоиз аст. Аз ин рӯ, мушаххас намудани тарафи бартариятдошта ва ба манфиати кадоме аз тарафҳо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ душвор аст.

Маҳз барои ҳамин дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон бартариятро ба яке аз тарафҳо додан низ он қадар дуруст нест, чунки уҳдадориҳои ҳар ду ҷониб аз иҷрои уҳдадориҳои тарафи дигар вобастабуда, яъне ҳар ду тарафҳо аз якдигар вобастагии калон доранд.

Вобаста ба ҳуқуқҳои паймонкор инро метавон гуфт:

- аз фармоишгар талаб намояд, ки корҳои анҷомдодашударо сари вақт ва тибқи тартиби муқарраршуда қабул намояд;
- аз фармоишгар супоридани бунак, хизматрасонӣ ва пардохти арзиши корҳои сохтмонӣ-васлгарой дар мухлатҳои пешбинишуда ва воситаҳои қайду шартшуда.

Бинобар сабаби дутарафа будани шартномаи сохтмони роҳҳои автомобилгард, ҳуқуқҳои паймонкор ба уҳдадориҳои фармоишгар мувофиқ ҳастанд.

Аз тарафи дигар ҳуқуқҳои фармоишгар ба уҳдадориҳои паймонкор мувофиқ меоянд, чунки фармоишгар ҳуқуқ дорад аз паймонкор иҷрои уҳдадориҳояшро талаб намояд.

Мувофиқи моддаи 817 КМ ҶТ фармоишгар уҳдадор мешавад шароити заруриро барои иҷрои кор муҳайё созад, натиҷаи корро қабул намояд ва арзиши онро пардохт кунад. Фармоишгар уҳдадор мешавад, санҷиши пурраи таҷҳизотҳоро бо иштироки ташкилоти сохтмонӣ-васлкунӣ ба роҳ монад ва дар ҳолатҳои зарурӣ бошад бо истеҳсолкунандаи таҷҳизот ба роҳ монад [6].

Яке аз уҳдадориҳои асосии фармоишгар, ин сари вақт таъмин намудани

замини сохтмон барои паймонкор ба ҳисоб меравад. Ҳудуд ва ҳолати замини пешниҳодгардида бояд ба шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон мувофиқ бошанд, дар ҳолати мавҷуд набудани чунин шартҳо дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, фармоишгар бояд таъмини саривақтии оғози кор, пешбурд ва анҷоми корҳоро дар муҳлати муайян таъмин намояд.

Ин уҳдадории фармоишгар хусусияти ташкилӣ-таъминиро дорост, чунки дар ҳолати иҷро накардани ин уҳдадорӣ, паймонкор имконияти оғози корҳои сохтмонӣ-васлкуниро надорад. Таъмин намудан бо майдони сохтмонӣ амалан ба ду амали фармоишгар вобастагӣ дорад: таҳвили ҳуҷҷатҳо доир ба ҷудо намудани қитъаи замин барои иҷрои корҳои сохтмонӣ ва андешидани ҳамаи чораҳо ҷиҳати озод кардани замин ҷиҳати оғози корҳои сохтмонӣ.

Тибқи моддаи 825 Кодекси мадании ҶТ, фармоишгар муваззаф аст барои сохтмон дар вақти муносиб минтақаи заминеро пешниҳод кунад, ки андоза ва вазъи он дар созишнома муайян шудааст. Агар дар шартнома чунин нишонаҳо зикр нашуда бошанд, замин бояд пеш аз шуруи корҳо, барои пешрафти мунтазам ва итмоми он дар муддати муқарраршуда мувофиқ бошад.

Бояд ёдрас шуд, ки моддаи 825 КМ ҶТ уҳдадориҳои паймонкорро пурра инъикос наменамояд. Аслан чунин уҳдадориҳо аз доираи таъмини қитъаи замин ниҳоят васеътар мебошанд, яъне тамоми монеаҳо ва мушкилиҳое, ки аз паймонкор вобастагӣ надоранд, бояд рафъ карда шаванд.

Дар шартномаҳои паймонкорӣ дар сохтмон тарафҳо як қатор шартҳоро метавонанд муқаррар намоянд, аз ҷумла, шартҳои озод намудани қитъаи замин аз сохтмони пештара ё рафъ намудани монеаҳо ба монанди корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ доир ба озод намудани майдони сохтмон аз ҷониби паймонкор.

Тамоми корҳо вобаста ба бартараф намудани таҷҳизотҳо ва объектҳои монеакунанда, кӯчонидан, қатъ намудани қувваи барқ ва дигар қубурҳову ноқилҳо уҳдадории фармоишгар ба ҳисоб меравад. Ин уҳдадориҳо дар

мухлати қайдшуда бо паймонкор бояд иҷро гарданд. Агар фармоишгар бо паймонкор созиш намояд ва ӯҳдадориҳои дар боло қайдшударо бар дӯши ӯ вогузор намояд, пас масъулияти ин корҳо бар дӯши паймонкор мегузарад.

Фармоишгар, назорати техникии объекти сохташавандаро ба роҳ мемонад, инчунин кор ва арзиши кор низ аз ҷониби ӯ назорат мегардад. Фармоишгар дар ҳар вақт ҳақ дорад аз ҷараёни фаъолият ва сифати корҳои сохтмонӣ-монтажӣ огоҳ шавад, инчунин сифати маводи истифодашавандаро тафтиш кунад, вале набояд ба фаъолиятҳои амалиётӣ ва хоҷагии паймонкор мудохила намояд.

Дар сурати мувофиқи тарҳи аслии меъморӣ бунёд гардидани иншоот, фармоишгар масъул аст бо меъмор созишномае барои назорати муаллифӣ ба иншооти дар ҳоли сохтмон қарордоштаро баста, онро тасдиқ кунад.

Дар мавриди сохтмони объект аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, назорати рафти кор, сифати кор ва маҳсулоти истифодашаванда пайваста ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳолат фармоишгар бояд таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир намояд, чунки дар ҳолати бесифат омадани кор, паймонкор метавонад иддао намояд, ки паймонкор метавонист камбудиҳои ҷойдоштаро саривақт бартараф намояд, аммо фармоишгар ҳеҷ вокунише нишон надод.

Тибқи моддаи 827 Кодекси мадании ҶТ, фармоишгар, агар ҳангоми назорат ва баррасии раванди иҷрои корҳо мушоҳида кунад, ки шартҳои созишнома риоя нашудаанд ва ин метавонад ба коҳиши сифати кор ё пайдоиши нуқсонҳои дигар оварда расонад, муваззаф аст бидуни таъхир паймонкорро хабардор намояд. Фармоишгаре, ки аз ин огоҳӣ худдорӣ мекунад, дар оянда имкони истинод ба камбудиҳои ошкоршударо аз даст медиҳад.

Дар ҷараёни ташкили назорат бар иҷрои фаъолиятҳо, фармоишгар набояд ба фаъолиятҳои амалиётӣ ва хоҷагии паймонкор мудохила кунад, аз ҷумла дастурҳое дар бораи тарзи ташкили корҳо дар иншоот, усулҳо ва воситаҳои истифодашаванда ба паймонкор диҳад.

Аммо дар сурате ки паймонкор фаъолиятҳои сохтмонӣ ва васлкуниро бо

нақзи талаботи СНиП (Қоидаҳо ва меъёрҳои сохтмонӣ) ё стандартҳои давлатӣ анҷом диҳад, ё корҳое ба роҳ монад, ки бо муқаррароти шартнома мутобиқ нестанд, фармоишгар масъул аст, ки дар ин бора ба паймонкор хабар диҳад.

Паймонкор бошад, вазифадор мешавад камбудиҳои ҷойдоштаро сари вақт бартараф намояд. Чунин ҳуқуқ, инчунин вақте сар мезанад, ки агар паймонкор аз маҳсулоти пастсифат истифода кунад.

Агар фармоишгар дар рафти корҳои назоратӣ ошкор намояд, ки баъзе ҷанбаҳои кор ба шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон мувофиқ нестанд ё ба сифати кор таъсири манфӣ мерасонад ё боиси дигар оқибатҳои номусоид мегарданд, бояд фавран ба паймонкор ҷиҳати бартараф намудани чунин оқибатҳо хабар расонад. Одатан камбудиҳои дар рафти иҷрои корҳои аз ҷониби фармоишгар ошкоргардида дар китоби махсуси қайди корҳо нишон дода мешаванд.

Бо мақсади бартараф намудани баҳсҳо аз рӯйи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, муҳлатҳое, ки дар доираи онҳо камбудиҳои ошкорогардида бояд бартараф шаванд, муқаррар мешаванд. Агар чунин муҳлат муқаррар нагардида бошад, пас паймонкор чунин камбудиҳоро бояд дар мӯҳлати одилона ва қобили қабул бартараф намояд. Муҳлати барои бартараф намудани камбудиҳои аз ҷониби паймонкор ошкоргардида, набояд ба зиёд шудани муҳлати умумии дар шартномаи паймонкории дар сохтмон нишондодашуда оварда расонад.

Фармоишгаре, ки камбудиҳоро ошкор намудааст, аммо паймонкорро ҷиҳати бартараф намудани онҳо хабардор накардааст, минбаъд ҳуқуқи худро ба истисно ба камбудиҳои ошкоргардида аз даст медиҳад (моддаи 827), яъне қонун онро дар назар дорад, ки фармоишгар бояд на танҳо ба ҷамъ намудани маълумот машғул шавад ва онҳоро дар анҷоми кор баррасӣ намояд, балки дар вақти зарурӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо сайъ намояд.

Фармоишгар дар рафти корҳои сохтмонӣ бояд назорати самаранокро ба роҳ монда, барои пешрафти корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ ва сохтмони роҳи

автомобилгарди босифат мусоидат намояд. Қоидаи мазкур набояд монеаи он гардад, ки фармоишгар дар қабули кор камбудиҳоро ошкор менамояд. Қоидаи мазкур нисбат ба он камбудиҳое дахл дорад, ки дар рафти анҷом додани назорат дар объекти сохташаванда ошкор гардида, барои бартараф намуданашон чораандешӣ нашудааст.

Агар фармоишгар дар ихтиёраш мутахассисе дошта бошад, ки қобилияти анҷоми назорати техникии сохтмонро дорад, ӯ метавонад ин вазифаро худ ба таври мустақил иҷро кунад.

Ҳамчунин, фармоишгар имкон дорад бо муҳандиси ин соҳа созишнома бандад ва масъулияти роҳандозии назорати техникии фаъолиятҳои сохтмониро ба зиммаи ӯ гузорад. Дар чунин маврид, шартномаи паймонкорӣ дар бунёди роҳҳои автомобилгард бояд ин шартро ҳамчун ҷузъи дохилии худ дар бар гирад.

Бояд ёдрас шуд, ки анҷоми назорат як имтиёзи фармоишгар аст, на як масъулияти ӯ. Аз ин рӯ, паймонкор наметавонад иддао кунад, ки нуқсонҳои мавҷудро фармоишгар бояд дар рафти санҷишаш ошкор ва барои ислоҳаш чораҳо меандешид.

Аммо КМ ҶТ назорати корҳои сохтмониро ҳамчун як вазифаи фармоишгар тавсиф мекунад ва дар ин ҳолат, паймонкор метавонад расман ба он такя кунад, ки фармоишгар масъулиятҳои худро иҷро накардааст. Тарафҳо низ метавонанд чунин масъулиятро дар созишнома муқаррар намоянд.

Яке аз вазифаҳои дигари фармоишгар пас аз пешниҳоди қитъаи замин, таъмини санадҳои фаннӣ мебошад. Фармоишгар ҳақ дорад ба ин санадҳо тағйирот ворид созад. Чунин тасмими фармоишгар метавонад ба манфиатҳои паймонкор халал расонад, аз ин рӯ, моддаи 822 КМ ҶТ маҳдудиятҳои мушаххасеро пешбинӣ кардааст.

Масалан, агар тағйири ҳуҷҷатҳои тарҳрезӣ ва сметавӣ ба хароҷоти изофаи паймонкор оварда расонад, ин хароҷот аз ҳисоби фармоишгар ва дар асоси сметаи иловагии аз ҷониби тарафҳо тасдиқшуда пардохт мешавад.

Агар бо сабабҳое ки ба паймонкор вобаста нестанд, арзиши корҳо аз сметаи пешбинишуда на камтар аз даҳ фоиз зиёд шавад, паймонкор мувофиқи моддаи 476 КМ ҶТ ҳақ дорад дубора баррасии сметаро талаб намояд [13]. Инчунин, паймонкор метавонад ҷуброни хароҷоти муносиберо, ки дар натиҷаи муайян ва бартараф кардани норасоиҳои санадҳои тарҳрезӣ ва сметавӣ ба ӯ расонида шудааст, хоҳиш кунад.

Агар уҳдадории таъмини лоиҳавии сохтмон барои фармоишгар уҳдадории шартномавӣ бошад, пас уҳдадории пардохти корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ уҳдадории қонунӣ мебошад. Ҳамчунин дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба тарафҳо ҳуқуқ дода шудааст шудааст, ки андоза ва тартиби пардохтро худашон муқаррар намоянд.

Дар шартнома, инчунин метавон уҳдадории фармоишгар ҷиҳати пардохти дигар иловапулиҳо ба монанди ҳавасмандгардонӣ барои бо сифати баландтар ва пеш аз муҳлат анҷоми корҳоро пешбинӣ намуд. Дар шартнома инчунин тартиби дигари пардохтро метавон пешбинӣ намуд, аз ҷумла, барои иҷрои корҳои алоҳида, хизматҳои алоҳида ё ин ки бунак. Паймонкор метавонад бунакро талаб намояд, агар дар шартнома на танҳо бунак, инчунин андоза ва шартҳои гирифтани он пешбинӣ гардида бошанд.

Уҳдадории фармоишгар оид ба молиякунонии саривақтии сохтмон дар шаклҳои зерини маданӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад:

1) ба воситаи ҷудо намудани маблағҳои худӣ ба сармояи умумӣ, ки барои сарфи корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ равона гардидаанд;

2) ба воситаи ба имзо расонидани шартномаи қарз (шартномаи кредит).

Сари вақт гузаронидани маблағҳо ба суратҳисоби субъектони хоҷагидор аҳаммияти калон дорад. Роҳи дигари молиякунонии сохтмон, ин маблағҳои қарзӣ мебошанд.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, қарздиҳии фармоишгар барои сохтмон аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ ба роҳ монда мешавад. Ба сифати тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар шартномаи қарз барои корҳои сохтмони роҳҳои автомобилгард, аслан кафолати давлат ба

ҳисоб меравад [13].

Тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард, инчунин масъулияти таъмини таҷҳизот ва маводҳои корӣ бар дӯши фармоишгар низ гузошта мешавад, агар фармоишгар таҷҳизотеро пешниҳод намояд, ки барои сифатнок анҷом додани корҳои сохтмонӣ мусоидат намекунанд ва баръакс корро пастсифат менамояд.

Агар фармоишгар иҷро намудани талаботҳои зикршудаи паймонкорро рад кунад, пас паймонкор ҳуқуқ пайдо мекунад маблағро мутаносибан ба арзиши кор талаб намояд. Дар ҳолати рад кардани паймонкор аз иҷрои пурраи кор, ё ин ки қисмати кор, фармоишгар ҳуқуқ пайдо мекунад, корро пурра ё қисман бо маблағи одилона бар дӯши тарафи сеюм вогузорад.

Уҳдадориҳои шартномавии паймонкор, ин пешниҳод намудани хизмат ба ҳисоб меравад. Хизматрасонӣ метавонад гуногун бошад, аз ҷумла истеҳсолӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва маишӣ. Ин хизматҳо баҳри таъмини шароити арзандаи хизматрасонӣ мебошанд.

Одатан тибқи шартнома бар дӯши фармоишгар уҳдадориҳои зерин вогузор мегарданд: таъмин намудани паймонкор бо алоқаи телефонӣ ва дигар воситаҳои алоқа, барои анҷом додани корҳои сохтмонӣ, таъмир ва азнавсозии объект бо майдончаи сохтмон тибқи шартҳои пешбининамудаи шартнома дар муҳлати муқарраршуда, таъмини ҷойи зист (агар имконпазир бошад), таъмини ҳаммом, ошхона, нуқтаи табобатӣ ва инчунин ташкили истироҳат.

Дар ҳолатҳое ки пешниҳоди ҷойи зист муваққатан имконнопазир бошад ва шаҳрвандон дар гӯшаву канори дуртар аз ҷойи сохтмон қарор дошта бошанд, инчунин бинобар сабаби мавҷуд набудани нақлиёти шаҳрӣ барои ба кор рафтан ва аз кор баргаштан, пас фармоишгар уҳдадор мешавад, ки хароҷоти вобаста ба харҷи ҳамлу нақли коргаронро пардохт намояд. Ҳангоми дар шартнома муқаррар намудани чунин шартҳо аз ҷониби тарафҳо, тартиби пардохти он низ бояд пешбинӣ гардад.

Бояд ёдрас шуд, ки қонунгузор тартиб ва талаботи пешниҳод намудани

хизматрасониро дар ҷойи сохтмон ба танзим надаровардааст, гап сари нокифоягии меъёрҳо меравад, ки бояд унсурҳои алоҳидаи муносибатҳои сохтмониро танзим намояд. Пеш аз ҳама барои ҳалли масоили мазкур, бояд шартҳои кори ҳуқуқиро дар корҳои сохтмонӣ дар сатҳи аъло ва ба талаботи бозор ҷавобгӯ ба роҳ монд.

Тамоми хизматҳои ёдрасшуда, аслан аз қобилияти фармоишгар вобастагӣ доранд, инчунин қонунгузорӣ низ наметавонад, муносибатҳоро пурра танзим намояд. Нақши аввалиндараҷаро дар ин муносибатҳо аслан шартнома мебозад, чунки талаботҳоро дар ин самт тарафҳо танзим менамоянд.

Дар баробари муқаррароти қонун, ки уҳдадориҳоро бар дӯши тарафҳо вогузор намудааст, инчунин тарафҳо бояд бо дарназардошти ҳолатҳои оқилона ва одилона, ки боиси пешгирии поймол кардани манфиатҳои тарафҳо мегардад, тамоми масоиле, ки ба хизматрасонӣ алоқамандӣ доранд ва дигар уҳдадориҳо мебошанд, ҳалли худро ёбанд ва инчунин тамоми монеаҳоро аз байн баранд.

Иҷро накардани уҳдадориҳо оқибатҳои номусоидро ба бор меорад, яъне тарафе, ки ҳуқуқ ба ҷуброни зарар дорад, аз чунин ҳуқуқ маҳрум мегардад, чунки уҳдадории хешро ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо иҷро накардааст. Агар тарафе, ки бинобар сабаби вайрон намудани уҳдадориҳо зарар дидааст, танҳо дар ҳолате ҳуқуқ ба ҷуброни зарарро пайдо мекунад, агар дар шартнома чунин муқаррарот пешбинӣ гашта бошад.

# БОБИ 3. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ ПАЙМОНКОРӢ ДАР СОХТМОНИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

## 3.1. Ҷавобгарии молумулкии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард

Дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи он ки фармоишгар дар кадом вақт соҳиби предмети шартномаи паймонкорӣ мегардад то ҳол ба таври дахлдор кушода нашудааст. Инчунин як қатор масоил аз қабили ҳуқуқҳое, ки нисбат ба натиҷаи кори иҷрошуда тибқи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меоянд, ҳалли худро наёфтаанд.

Тибқи моддаи 290-и Кодекси мадании ҶТ, ҳуқуқи моликият ба биноҳо, сохторҳо ва дигар амволи ғайриманқули навбунёд, ки бояд дар феҳристи давлатӣ сабт гардад, аз замони анҷоми ин сабт пайдо мешавад.

Ҳолати мазкур тасдиқи худро инчунин дар ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он» [7], яъне ҳуқуқ ба объекти азнавсохташаванда дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи он ба роҳ монда мешаванд.

Яъне аз лаҳзаи анҷоми корҳои сохтмонӣ дар роҳҳои автомобилгард то қабули он аз ҷониби фармоишгар ҳуқуқи молу мулкӣ ба паймонкор тааллуқ дорад ва ҳимоя намудани он низ.

Ба монанди объекти сохташаванда инчунин дигар молу мулки фармоишгар, аз ҷумла маҳсулоти сохтмонӣ низ дар ихтиёри паймонкор қарор дорад, бояд ёдрас шуд, ки нисбат ба объекти сохташаванда, яъне роҳи автомобилгард паймонкор танҳо ҳуқуқи уҳдадорӣ дорад.

Гап сари он меравад, ки паймонкор пас аз супоридани объекти сохташуда тибқи санади тартибдодашуда ба фармоишгар метавонад назар ба ҳуқуқҳои доштаи худ ҳуқуқҳои зиёдтарро интиқол диҳад. Моҳияти муносибатҳои ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки субъекти муносибатҳо наметавонад аз аз ҳуқуқҳои доштаи худ ҳуқуқҳои зиёдтар интиқол диҳад, ба истиснои ҳолатҳои мушахассан пешбининамудаи қонун.

Фармоишгар ҳатто дар марҳилаи имзои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ва ҳангоми бунёди роҳҳои автомобилгард аз имтиёзҳое бархӯрдор аст, ки ба паймонкор супурда нашудаанд. Аз ҷумла, инҳо ҳаққи истифодаи қитъаи замин барои сохтмони роҳҳои автомобилгард, ҳаққи санҷиш ва идора, инчунин имкони бекор кардани созишномаи паймонкорӣ дар сохтмон ва ғайраро дар бар мегиранд.

Ҳамчунин, набояд аз ёд бурд, ки санадҳои зарурӣ барои сабти давлатии амволи ғайриманқул низ аҳамият доранд. Феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои марбут ба он аз варақаҳои сабт, парвандаҳои бақайдгирӣ, харитаҳои кадастрӣ ва дафтарҳои қайди дархостҳо иборат аст. Ҳукумати ҶТ метавонад ба ин феҳрист санадҳои иловагӣ, аз қабили рӯйхати номҳои кӯчаҳо ва роҳҳо, феҳристи суроғаҳо, рӯйхати арзиши иншоотҳои ғайриманқул, нақшаҳои рушди қаламравҳо, рӯйхати захираҳои замин, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро дохил намояд.

Нигоҳдории санадҳои феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо бо истифода аз васоити коғазӣ сурат мегирад. Варақаҳои сабт, харитаҳои кадастрӣ ва дафтарҳои қайди дархостҳо ҳамчунин дар шакли электронӣ (магнитӣ) идора мешаванд. Дар сурати ихтилофи иттилооти коғазӣ ва электронӣ (магнитӣ), маълумоти коғазӣ афзалият дорад.

Агар маълумоти варақаи сабт бо дигар иттилооти санадҳои феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо мутобиқат накунад, маълумоти варақаи сабт, ба истисноӣ мавридҳои хатои техникӣ, бартарият мегирад.

Ҷавобгарии молумулкӣ ҳама вақт уҳдадорие ба ҳисоб меравад, ки дар ҳолати иҷро накардан ё ба таври муносиб иҷро накардани уҳдадорӣ ба вуҷуд меояд.

Ҷавобгарии молумулкии маданӣ дар уҳдадориҳои иловагӣ ё уҳдадориҳои нави барои ҳуқуқвайронкунанда барои вайрон кардани шартҳои шартнома ифода меёбад, яъне хусусияти махсуси ҷабобгарии молумулкӣ ба он равона гардидааст, ки манфиати ҷабрдида ҷуброн карда шавад, оқибатҳои

номусоид ба моликияти ҳуқуқвайронкунанда таъсир гузоранд.

Масъулияти молумулкиро аз дигар чораҳои таъсиррасонӣ бояд фарқ кард, аз ҷумла, аз рӯёнидани қарз, қатъ намудани шартнома бо тарафи ислоҳнашаванда. Дар ҳолати талаб кардани қарз аз қарздор, институти ҷавобгарӣ татбиқ намегардад, бо ҳалномаи суд аз соҳибмулки ғайриқонунӣ гирифтани моликият низ ҷавобгарӣ ба ҳисоб намеравад.

Таҳримҳои ёдрасшуда ба меъёрҳои ҷавобгарӣ шомил нестанд, чунки тарафи уҳдадор танҳо мувваззаф мегардад чизи ба ӯ тааллуқ надоштаро баргардонад, молу мулки худи ӯ бошад ба оқибатҳои номусоиди молумулкӣ рӯ бу рӯ намегардад [73, с. 104].

Хусусияти ҷавобгарии молумулкӣ дар он зоҳир мегардад, ки шахс на бо озодии худ, балки бо молу мулки худ масъулият бар дӯш мегирад. Аз ҷавобгарии мадании молумулкӣ метавон ҷавобгарии соҳибкориро дар соҳаи нархгузорӣ ҷудо намуд, чунки ташкилотҳои тиҷоратии ба ин ё он фаъолияти сохтмонӣ-васлкунӣ машғулбуда метавонанд арзиши мол, кор ё хизматрасониро дигар нишон диҳанд.

Дигар хусусияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, ин бо мувофиқаи якдигар ҳал кардани баҳси молумулкии мавҷуда мебошад. Тарафҳо метавонанд бе муроҷиат ба мақомотҳои ҳуқуқтатбиқкунанда масъалаҳои молумулкиро ҳал намоянд ва қонунгузорӣ тамоми шароитҳо ва ангезаи аз ин восита истифода намуданро барои онҳо фароҳам овардааст. Аммо тибқи талаботҳои умумӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳуқуқ надоранд, нисбат ба якдигар чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро мустақилона татбиқ намоянд.

Як хусусияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар ҷуброн намудан таҷассум меёбад [73, с. 104]. Ҳангоми истифода намудани ин намуди ҷавобгарӣ дар паймонкорӣ дар сохтмон, мушкилоҳои зиёде пеш меоянд, чунки аниқ ва мушаххас муқаррар намудани арзиши маҳсулот ва корҳои иҷрошуда низ корест начандон осон.

Мавҷуд набудани формулаи мушаххаси ҳисоб намудани зарар дар қонунгузорӣ, масъаларо мубрам намуда, аслан ин масъаларо бар дӯши худи

тарафҳо вомегузорад. Ду роҳи ҳалли масъалаи мазкур мавҷуд аст, аввал тавассути муқаррароти қонун, ки ин ҳолатро мушаххас менамояд, ё ин ки тавассути шартномаи соҳибкорӣ, ки дар он шарти мазкур ба таври равшан муқаррар гардида, яке аз шартҳои асосӣ маҳсуб дониста мешавад.

О.С.Иоффе чунин мафҳумро дода буд: ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ санксия барои ҳуқуқвайронкунӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунанда ҳамчун оқибатҳои номусоиди маҳрум сохтан аз ҳуқуқҳои субъективӣ ба ҳисоб меравад, ё ин ки вогузор намудани уҳдадориҳои нави маданӣ-ҳуқуқӣ [41, с. 97].

О.А.Символоков мафҳуми зеринро медиҳад: ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо маҷмуи меъёрҳои тавассути таъсири давлат, ё ин ки бе таъсири давлат барои барқарор намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ ё ин ки ҷуброни зарари маънавӣ дар ҳолати халалдор кардани ҳуқуқҳои ғайримолумулкии кредитор аз ҳисоби молу мулки қарздор [121, с. 25].

Ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад:

1) барои ҳуқуқвайронкуниҳо ноустуворона муқаррар мегардад;

2) ҷуброн пурра талофӣ мегардад;

3) ба ҳайси ҳуқуқвайронкунии махсус камбудии объекти сохташаванда, ноил нагаштан ба мақсади лоиҳавӣ ва ғайра.

Ҷавобгарии молумулкиро шартнома, қонунгузорӣ ё ин ки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи рафти сохтмони роҳҳои автомобилгард, муқаррар намудаанд.

Намудҳои масъулияти маданӣ-ҳуқуқӣ барои нақзи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба ин тартибанд:

1) пардохти ҷуброн барои талафот;

2) гирифтани ҷарима ё пеня (ноустуворона);

3) ҳисоб кардани фоизҳо барои истифодаи беиҷозати маблағи дигарон;

4) ҷуброни осеби маънавӣ.

Намудҳои мазкури ҷавобгарӣ хусусияти молумулкӣ доранд. Бинобар ин,

худи ҷавобгарии маданӣ-хуқуқӣ саропо хусусияти молумулкӣ дорад.

Шарти асосии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ халалдор намудани уҳдадории ҷабрдида ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани нофаҳмӣ ҷиҳати ҳуқуқвайронкунӣ оид ба сохтмон, натиҷаҳои ҳуқуқӣ баҳси пурдавомро дар худ доранд, чунки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайн-фармоишгар ва паймонкор аз якдигар алоқамандии калон доранд.

Намудҳои вайрон кардани уҳдадориҳо одатан кашол ёфтани вақт, ё ин ки сифати номуносиби корҳо ба ҳисоб мераванд. Гузаронидани муҳлат ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки тараф уҳдадориҳоро аз вақти қайдшудаи шартнома дертар иҷро менамояд. Тараф аз ҳамон вақт чунин уҳдадориро бар дӯш мегирад, ки уҳдадорӣ бояд то лаҳзаи иҷрои он, ё ин ки тибқи дигар асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ иҷро мегардид.

Фаъолияти анҷомёфта он гоҳ аз лиҳози сифат ғайриқаноатбахш диниста мешавад, ки яке аз ҷонибҳои созишнома ба талаботи он оид ба хусусиятҳои фаннӣ, сифати мавод ва маҳсулоти пешниҳодшаванда, ҳамчунин вижагиҳои техникии иншоот пойбандӣ накунад.

Вайронкунии уҳдадориҳои паймонкорӣ дар сохтмон, намудҳои мухталиф дорад, аз ҷумла гузаронидани муҳлат, оғоз ва анҷоми корҳои сохтмонӣ:

1) гузаронидани муҳлат аз ҷониби паймонкор;
2) камбудиҳои дар иҷрои кор аз ҷониби паймонкор роҳдодашуда;
3) камбудиҳое, ки пударатчӣ барои онҳо масъул нест;

Воситаҳои ҳимоя низ вобаста ба вақти ошкор намудани камбудиҳо тасниф мегарданд: 1) дар рафти сохтмон; 2) дар рафти таҷрибаи объекти сохташуда; 3) пас аз қабули объект дар муҳлати кафолатдодашуда огоҳ намудани паймонкор.

Шарти дигари ҷавобгарии молумулкӣ дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда ба ҳисоб меравад. Андозаи гуноҳ низ ба ҷаврбгарии ҳуқуқвайронкунанда таъсир мерасонад.

Мувофиқи моддаи 462 КМ ҶТ, агар дар қонун ё созишнома тартиби

дигаре муқаррар нашуда бошад, шахсе, ки дар рафти фаъолияти тиҷоратӣ уҳдадориашро иҷро накардааст ё ба таври ғайриқаноатбахш иҷро кардааст, масъул аст, магар ин ки собит кунад, ки иҷрои дурусти уҳдадорӣ ба сабаби қувваи ғайриқобили муқобила, яъне дар шароити фавқулода ва ғайриимкон номумкин гардидааст.

Ба ин гуна ҳолатҳо вайронкунии уҳдадорӣ аз ҷониби шарикони қарздор, набудани маводи зарурӣ дар бозор, ё надоштани маблағи кофӣ аз ҷониби қарздор дохил намешаванд. Дар созишнома ё қонун метавонанд шартҳои дигари озодкунӣ аз масъулият барои субъектҳои фаъолияти тиҷоратӣ низ пешбинӣ шаванд.

Дар ҳолате ки дар шартномаи тиҷоратӣ тартиби дигаре зикр нагардида бошад, иҷро накардани уҳдадорӣ аз ҷониби қарздор (масалан, фармоишгар) сабаби озод шудани шарик (дар ин маврид паймонкор) аз иҷрои масъулияташ намегардад.

Агар иҷро нашудан ё иҷрои номувофиқи уҳдадорӣ бо гуноҳи ҳар ду ҷониб рух диҳад, суд андозаи ҷавобгарии қарздорро мутаносибан коҳиш медиҳад. Ҳамчунин, агар кредитор қасдан ё аз рӯйи бепарвоӣ ба афзоиши ҳаҷми зарар мусоидат карда бошад ё барои кам кардани он чораҳои муносиб наандешида бошад, суд ҳақ дорад ҳаҷми масъулияти қарздорро низ кам намояд.

Ба назар гирифтани гуноҳи кредитор низ хусусиятҳои худро дорад. Дар сурате ки иҷро нашудан ё иҷрои ғайриқобили қабули уҳдадорӣ бо гуноҳи ҳар ду тараф ба амал ояд, суд сатҳи масъулияти қарздорро мувофиқи он коҳиш медиҳад.

Агар кредитор қасдона ё аз беэҳтиётӣ ба зиёд шудани зарар дар натиҷаи иҷро нашудан ё иҷрои номувофиқ кумак карда бошад ё барои коҳиши он тадбирҳои оқилона наандешида бошад, суд метавонад масъулияти қарздорро низ кам кунад (моддаи 465 КМ ҶТ) [13]. Вобаста ба гуноҳи кредитор, сатҳи ҷавобгарии қарздор низ поин бурда мешавад.

Дар ҳолатҳои:

1) иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо аз ҷониби ҳар ду тараф;

2) аз тарафи кредитор қасдан ё аз беэҳтиётӣ ба зиёд шудани ҳаҷми зарар мусоидат намудан;

3) аз тарафи кредитор чораҳои заруриро ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо наандешидан.

Вайрон намудани уҳдадориҳои шартномавӣ бо гуноҳи ҳар ду тараф дар ҳолатҳои зерин ҷой дошта метавонад:

1) зарар дар натиҷаи на танҳо гуноҳи қарздор, инчунин дар натиҷаи гуноҳи кредитор низ ба вуҷуд омада бошад;

2) зарар танҳо нисбат ба моликияти як тарафи уҳдадорӣ, яъне кредитор расонида шуда бошад;

3) зарари расонидашударо ба ҷузъиётҳо тасниф намудан имконнопазир бошад, дар кадом ҳолат гуноҳи қарздор аст ва дар кадом ҳолат гуноҳи кредитор [42, с. 157-158].

Дар парвандаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мавқеи назаррасро суд доро мебошад. Маҳз судя метавонад ба амалҳои иҷронамудаи карздор ва кредитор ҷиҳати сари вақт ва муносиб иҷро намудани уҳдадориҳои онҳо баҳои ҳуқуқӣ диҳад. Баҳои судя ба амал ва гуноҳи кредитор ҷиҳати маълум намудани зарар, аҳаммияти асосиро дорад, яъне вобаста ба он андозаи зарари расонидашуда муайян мегардад.

Муқаррароти қонунгузорӣ бобати масъулияти тарафайн маҳз баробарии тарафҳоро муаррифӣ менамояд. Дар ҳолати тафовути зарар ва кам кардани андозаи он, инчунин бояд ба он аҳамият диҳем, ки фаъолият соҳибкорӣ аст ё истеъмолӣ. Агар фаъолият хусусияти соҳибкориро доро бошад, пас асоси рӯёнидани ноустуворона бояд дигар бошад.

Чи тавре ки зикр гардид, ҳангоми амалӣ сохтани фаъолияти соҳибкорӣ, ҳам фармоишгар ва ҳам паймонкор масъулияти молумулкиро новобаста аз гуноҳашон бар дӯш доранд, агар дар созишномаи онҳо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бобати моҳияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ баҳсу андешаҳои гуногун ҷой доранд. Ҷанбаи манфии ҷавобгарӣ новобаста аз гуноҳи соҳибкор, ин монеагии ҳуқуқӣ дар шароити иҷтисоди бозоргонӣ ба назар мерасад. В.С.Мертемянов чунин ақида дошт, ки «ҷавобгарӣ новобаста аз гуноҳ ҳамчун ҷазои бегуноҳ воситаи оқилонаи танзими ҳуқуқи уҳдадорӣ ба ҳисоб нарафта, «қонунгузорӣ аз принсипи ҷавобгарӣ барои гуноҳ нисбат ба доираи назарраси уҳдадориҳо даст кашидааст ва чунин ба назар мерасад, ки принсипи умумиҳуқуқии инсондӯстии ҷавобгарӣ барои гуноҳ сарфи назар гардидааст» [54, с. 263].

Аслан КМ ҶТ ҷавобгариро новобаста аз гуноҳ барои соҳибкорон бинобар он пешбинӣ менамояд, ки соҳибкор дар фарқ аз ҷониби дигар, ки соҳибкор ба ҳисоб намеравад мутахассиси ин соҳа мебошад. Бинобар ин, эҳтимоли рух додани камбудиҳо ва норасоиҳоро бояд пешбинӣ ва бартараф намояд.

Азбаски мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ, ин ба даст овардани фоида ба ҳисоб меравад, табиист, ки таваккали оқибатҳои номусоиди фаъолиятро худи соҳибкор бояд бар дӯш мегирад.

Субъектони муносибатҳои соҳибкорӣ дар алоқамандии зич қарор доранд. Иҷро накардани уҳдадорӣ на танҳо ба кредитор, инчунин ба доираи васеи шахсоне дахл мекунад, ки дар муносибатҳои шартномавӣ қарор доранд.

Озод намудани қарздор аз ҷавобгарӣ боиси пайдо гардидани пайдарҳамият мегардад, чунки тарафҳои дигари шартнома бо дигар субъектон дар муносибатҳои молумулкӣ қарор доранд ва иҷро нагардидани як уҳдадорӣ боиси иҷро нагардидани дигар уҳдадориҳо, боиси заррар дидани муносибатҳои муқаррарии иҷтисодӣ мегардад. Ҳамин тавр, аз лиҳози иқтисодӣ вогузор намудани масъулият бар дӯши қарздоре, ки бе гуноҳ зарар расонидааст, мувофиқи мақсад аст.

Вобаста ба ақидаҳои дар боло зикршуда, мо чунин мешуморем, ки ҷавобгарии новобаста аз гуноҳи субъектони соҳибкорӣ бо далелҳои зерин

роиҷ аст: аввалан, бо дарназардошти принсипҳои умумиэътирофшудаи иҷтимоӣ, яъне ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; дувум байни соҳибкорони дар муносибати байниҳамдигарӣ қарордошта.

Инчунин ривоҷ ёфтани институти ҷавобгарии бегуноҳона дар давлатҳои ғарб институти баҳсбарангези рад кардан аз истифодаи принсипи гуноҳро ба вуҷуд овардааст [49, с. 94-95].

Чунин воситаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ, аз қабили паст кардани нарх, бартараф намудани камбудиҳо, ҳамчун чораҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб намераванд, чунин воситаҳои ҳимояи маданӣ-ҳуқуқӣ, ба мисли талофии зарари расонидашуда, ҷуброни фоидаи аздастрафта, ноустуворона бошанд, ҳамчун чораи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб меёбанд.

Ҷуброни зарар тибқи қонунгузорӣ бо дарназардошти нарх дар ҷойи уҳдадорӣ бояд иҷро шавад, агар қарздор худаш уҳдадориро иҷро намояд. Дар ҳолати баръакс бошад, дар рӯзи пешниҳод намудани даъво вобаста ба нархи дар бозор мавҷудбуда. Бо дарназардошти ҳолатҳои ёдрасшуда, суд нархи даъворо вобаста ба арзиши он дар рӯзи баровардани ҳалнома муайян менамояд.

Инчунин, ҳангоми муайян намудани фоидаи аздастрафта, чораҳои андешидаи кредитор ҷиҳати ба даст овардани фоида ва тайёрии ӯ барои он ба инобат гирифта мешавад.

Суд ҳамчунин метавонад дараҷаи ҷавобгарии қарздорро кам кунад, агар кредитор бо нияти пешакӣ ё аз рӯйи бепарвоӣ ҳаҷми талафоти ба вуҷудомада аз иҷро нашудан ё иҷрои ғайриқаноатбахши уҳдадориро афзоиш дода бошад.

Зимни муайян намудани фоидаи аздастрафта, бояд ҳаҷми хароҷотҳои оқилона ба инобат гирифта шавад. Вобаста ба даромади аздастрафта, дар натиҷаи нарасонидани ашёи хом ё ин ки дигар таҷҳизот, арзиши он бояд аз рӯйи нархҳои маҳсулоти тайёршуда муайян гардад, ки дар шартнома байни тарафайни ин маҳсулот пешбинӣ шуда буд.

Дар асоси шартномаи пайтмонкорӣ дар сохтмон, зарари бавуҷудомада аз унсурҳои зерин иборат аст:

– харҷҳое, ки бо пардохти ҷазоҳои молиявӣ пайванданд;

– маблағҳои марбут ба музди кор ва ҳаққи суғуртаи иҷтимоӣ;

– сарфи маводи хом, маҳсулот, таҷҳизоти мураккаб ва захираҳои сӯзишворӣ-энержӣ;

– хароҷоти вобаста ба ислоҳи нуқсонҳо;

– маблағҳои сарфшуда барои навсозӣ ва интиқоли маводи камбудидошта;

– хароҷоти марбут ба интиқоли фаврии маҳсулот;

– арзиши молу мулки гумшуда ё осебдида;

– даромади аздастрафта.

Тибқи моддаи 381 КМ ҶТ, ноустуворона (ҷарима ё пеня) маблағест, ки қонун ё шартнома онро муайян кардааст ва қарздор муваззаф аст дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, аз ҷумла дар ҳолати таъхир, онро ба кредитор пардозад.

Ҳангоми талаби ноустуворона, кредитор набояд зарари ба ӯ расидаро исбот кунад. Андозаи ноустуворона метавонад ҳамчун маблағи муайяни пулӣ ё фоизи маблағи иҷронашуда ё ба таври ғайриқаноатбахш иҷрошуда ҳисоб гардад. Созишнома дар бораи ноустуворона, новобаста аз шакли уҳдадории асосӣ, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад.

Риоя накардани ин талаб боиси беэътибор донистани он мегардад. Кредитор ҳақ дорад ноустуворонаи қонунӣ, яъне ноустуворонаеро, ки дар қонун муқаррар шудааст, талаб намояд, сарфи назар аз он ки дар созишнома ин уҳдадорӣ зикр шудааст ё не. Агар қонун манъ накунад, андозаи ноустуворонаи қонунӣ метавонад бо мувофиқаи тарафҳо афзоиш ёбад.

Дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, тарафҳо метавонанд маблағи аниқро (дар шакли ҷарима) пешбинӣ намоянд, ки ҷониби зарардида дар ҳолати иҷро накардани уҳдадорӣ аз ҷониби тарафи дигар ба даст оварад. Таҳдиди супоридани маблағи ноустуворона метавонад тарзи иҷрои уҳдадорӣ гардад, дар ҳолати иҷро накардани уҳдадорӣ бошад, ҳамчун ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ баромад намояд.

Чунин уҳдадориҳо одатан барои иҷро накардани уҳдадории сохтмонӣ ҷорӣ мегарданд, на барои пардохт накардани арзиши кори иҷрошуда. Бинобар ин, дар шартномаҳои паймонкорӣ дар сохтмон ноустуворона одатан ҳамчун уҳдадории паймонкор баромад мекунад, аммо ин маънои онро надорад, ки муқаррар намудани ноустуворона нисбат ба фармоишгар татбиқ намегардад.

Созишнома доир ба пардохти ҷарима як қатор тарафҳои мусбатро доро мебошад, аз ҷумла хароҷотҳо ва баҳсҳо доир ба муқаррар намудани андозаи зарарро аз байн мебарад. Чунин хароҷотҳо метавонанд ба андозаи маблағи калон бошанд, агар фармоишгар онҳоро дар рафти мурофиаи судӣ исбот намояд. Бо вуҷуди мушкилиҳои мавҷудбуда исботи андозаи зарари расонидашуда боиси он мегарданд, ки зарари воқеӣ муайян мегардад. Созишнома бошад чунин нофаҳмоиҳоро аз байн мебарад, инчунин ҳам барои фармоишгар ва ҳам барои паймонкор мувофиқ аст, чунки онҳо худашон арзиши иҷро накардани уҳдадориро пешбинӣ намудаанд.

Дувум, андозаи пешакӣ муқарраргардидаи ноустуворона масъулияти паймонкорро барои иҷрои уҳдадории мушаххас кам менамояд.

Муқаррар намудани маблағи мувофиқашуда бо як қатор мушкилиҳо вобаста аст. Дар ҳолати бастани шартномаи дарозмуддат, ҳисоб кардани зарар мушкил аст, зеро муайян кардани маблағи созишшуда, ки барои ҷуброн намудани зарари расонидашуда ба таври пурра бояд иҷро гардад, мушкил аст.

Аз нигоҳи фармоишгар маблағи пешбинишуда дар андозаи кам бояд муқаррар нагардад, чунки ба оқибатҳои зарари калони расонидашуда ва иҷро накардани уҳдадорӣ боис мегардад. Инчунин маблағи дар ҳаҷми камтар муқарраршуда боиси он мегардад, ки паймонкор ангезаи иҷро намудани уҳдадориро дар вақти қайду шартшуда аз даст медиҳад, чунки маблағи сарфанамуда аз маблағи ҷуброншаванда зиёдтар аст.

Маблағи муқарраршуда одатан бо роҳи зиёд намудани маблағи талабшаванда, яъне маблағи муқарраршуда дар ҳолатҳои мушаххас дар

алоҳидагӣ дар ҳар як ҳолати иҷро накардани кор риоя нашуда буд.

Фармоишгар дар он ҳолат ба маблағи максималӣ метавонад розӣ гардад, танҳо пас омӯхтани пурраи ин масъала, инчунин тарафҳо метавонанд ҳадди аксари маблағи зарарро муқаррар накунанд, ки бояд пардохт гардад.

Пешгирӣ намудани баҳсҳои судӣ аз ҷониби фармоишгар дар он ҳолат имкон дорад, ки агар дар созиши байни фармоишгар ва паймонкор муқаррарот оид ба нигоҳ доштани маблағ аз ҳисоби пардохтҳо ба паймонкор пешбинӣ шуда бошад.

Такмили қонунгузории маданӣ ҷиҳати минбаъд танзим намудани ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдапдорӣ, ё ин ки иҷрои номатлуби шартҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, тақозои замони муосир мебошад.

Баъзе муҳаққиқон бар онанд, ки ҷаримаҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳо бояд таҷдид гарданд ва ҳолатҳои сабуктар пешбинӣ шаванд, дигарон бошанд бар онанд, ки онҳо пурзӯртар карда шаванд [49, с.132].

Ба андешаи мо, барои ноустуворона функсияи ҷубронномой бештар хос аст, ки ба принсипҳо, хусусиятҳо ва предмети танзими маданӣ-ҳуқуқӣ мувофиқтар ҳастанд. Бинобар ин нигоҳ доштани ноустуворонаи пешбинишуда, мувофиқи мақсад мебошад.

Доир ба зарари расида бошад, ҳаминро бояд зикр намуд, ки ба муқаррар намудани маҳдудиятҳо дар масъалаи ҷавобгарӣ дар сохтмони паймонкорӣ, роҳ дода нашавад.

Дар қонунгузорӣ муқарраророти мушаххас оид ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии паймонкор барои сохтмони бесифат муқаррар нагардидааст. Воқеан агар паймонкор то муҳлати ба истифода додани кор тамоми камбудиҳоро аз ҳисоби худ бартараф намуда бошад, пас ягон ҷавобгарӣ ба вуқуъ намеояд.

Бартарафнамоии камбудиҳоро метавон ҳамчун чораи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ҳисобид, метавон онро ҳамчун чораи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ напазируфт, чунки супоридани кор тибқи шартҳои шартнома на ҷавобгарӣ, балки уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад.

Бартараф намудани камбудиҳо вақти зиёдатӣ, маҳсулоти зиёдатӣ ва қувваи кории изофиро талаб менамояд, аммо ба андешаи мо, ин ҷавобгарии молумулкӣ намебошад.

Мувофиқи моддаи 797 Кодекси мадании ҶТ, корҳое, ки паймонкор анҷом медиҳад, бояд бо муқарраротиi созишнома ҳамоҳанг бошад ва дар сурати набудани шартҳои мушаххас ё нопурра будани онҳо, ба меъёрҳое, ки одатан ба ин навъи фаъолият пешниҳод мешаванд, мувофиқат кунад. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, иҷрои кор бояд:

– ҳангоми супориш ба фармоишгар дорои хусусиятҳое бошад, ки дар шартнома муайян шудаанд ё ба талаботи маъмулан қабулшуда ҷавоб диҳанд;

– дар муддати муносиб барои истифода мувофиқи ҳадафҳои дар шартнома зикршуда коршоям бошад, ё агар чунин ҳадафҳо зикр нашуда бошанд, барои истифодаи маъмулии ин намуди кор мувофиқ бошад.

Агар қонун ё тартиби муқарраршуда барои корҳои дар шартномаи паймонкорӣ пешбинишуда талаботи ҳатмиро муайян карда бошад, паймонкоре, ки ҳамчун соҳибкор фаъолият мекунад, муваззаф аст ин корҳоро бо риояи он талабот анҷом диҳад. Паймонкор метавонад дар доираи шартнома масъулият қабул кунад, ки корҳоро бо сифат аз меъёрҳои муқарраршуда болотар анҷом медиҳад.

Тибқи моддаи 797 КМ ҶТ, агар паймонкор корро бо нақзи шартнома анҷом диҳад, ки ба паст шудани сифат ё пайдоиши дигар нуқсонҳо оварда расонад ва онро барои ҳадафи дар шартнома пешбинишуда ё истифодаи маъмулӣ (дар сурати набудани чунин ҳадаф) ғайри қобили истифода созад, фармоишгар метавонад аз рӯйи интихоби худ аз паймонкор талаб намояд:

– дар муддати мувофиқ нуқсонҳои корро ройгон бартараф кунад;

– арзиши корро ба таври мутаносиб коҳиш диҳад;

– хароҷоти бартарафсозии камбудиҳоро ҷуброн намояд, агар шартнома ин ҳаққи фармоишгарро пешбинӣ карда бошад.

Паймонкор ҳақ дорад ба ҷойи ислоҳи нуқсонҳо, кори навро ройгон

анҷом диҳад ва зарари аз таъхир ба вуҷудомадаро ҷуброн кунад. Дар ин ҳолат, фармоишгар мувaззаф аст кори қаблиро, агар аз рӯйи хусусияти он баргардонидан имконпазир бошад, ба паймонкор пас диҳад [13].

Агар нақзи шартҳои созишнома ё дигар камбудиҳо ҷиддӣ ва ислоҳнашаванда бошанд ё дар муддати муайяншудаи фармоишгар бартараф нагарданд, фармоишгар метавонад аз шартнома даст кашад ва ҷуброни талафотро талаб намояд.

Шартҳои шартнома дар бораи озод кардани паймонкор аз масъулият барои камбудиҳои мушаххас, агар собит шавад, ки ин нуқсонҳо аз амал ё бефаъолиятии гунаҳкоронаи ӯ ба вуҷуд омадаанд, ӯро аз ҷавобгарӣ раҳо намекунад. Паймонкоре, ки маводи корро таъмин кардааст, барои сифати он мувофиқи қоидаҳои масъулияти фурӯшанда, ҳамзамон барои маҳсулоти пастсифат ҷавоб медиҳад.

Тавре зикр шуд, сифати фаъолиятҳои сохтмонӣ бо унсурҳое чун сифати маводи сохтмонӣ, санадҳои техникии сохтмонӣ ва неруи корӣ муайян мегардад. Меъёрҳои ҳуқуқие, ки масъулияти молии тарафҳоро дар шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон танзим мекунанд, бояд ҳамаи ҳолатҳои зикршударо ба таври комил ба назар гиранд ва робитаи сабабӣ байни онҳоро амиқ муайян намоянд. Қонунгузории мавҷуда ҷавобгариро барои ивази маводи мувофиқ бо маводи сифатан номуносиб пешбинӣ накардааст.

Пешниҳоди масъулияти молиявӣ дар сатҳи қонун барои таъмини маводи пастсифат мувофиқи мақсад аст. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, фармоишгар ҳақ дорад дар бораи сифати номувофиқи кор дар муддати муайяншуда талабот пешниҳод кунад.

Дар сурате ки мӯҳлати кафолат барои натиҷаи кор муайян нашуда бошад, талаботи марбут ба нуқсонҳо аз ҷониби фармоишгар дар муддати муносиб, вале на дертар аз ду сол аз лаҳзаи супоридани кор (агар дар қонун, шартнома ё урфу одатҳои тиҷоратӣ мӯҳлати дигаре пешбинӣ нашуда бошад) пешниҳод мегардад.

Фармоишгар метавонад дар бораи камбудиҳои дар давоми мӯҳлати

кафолат ошкоршуда талабот ироа кунад. Агар муҳлати кафолат камтар аз ду сол бошад ва нуқсонҳо пас аз он, вале дар доираи ду сол аз лаҳзаи ошкор шуданаш пайдо шаванд, паймонкор масъул аст, ба шарте ки фармоишгар собит кунад, ки ин камбудиҳо пеш аз супориш ё бо сабабҳое ки то он лаҳза рух додаанд, ба вуҷуд омадаанд.

Агар дар шартнома тартиби дигаре зикр нашуда бошад, муҳлати кафолат аз лаҳзаи қабули кор ё замони пешбинишудаи қабул аз ҷониби фармоишгар оғоз мешавад. Хусусияти масъулияти молиявӣ дар шартномаи паймонкорӣ бо иштироки истеъмолкунанда дар он аст, ки дар сурати ба таъхир андохтани оғоз ва анҷом, истеъмолкунанда ҳаққи талаби ҷуброни зарари маънавӣ ва пардохти ноустуворонаро ба даст меорад.

Масоили хотимавии ҷавобгарии молумулкӣ аз рӯйи шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон, ин ҳудуди ҷавобгарии молумулкӣ ба ҳисоб меравад. Ҳолате ки субъектро аз ҷавобгарӣ озод менамояд, қувваи рафънопазир ба ҳисоб меравад. Қувваи рафънопазир ҳамеша ҳолати фавқулода мебошад. Ба қувваи рафънопазир, ҳолате ки аз ҷониби шахси масъул бояд бартараф мегардид, аммо нагардид, дохил намешавад.

Дар муносибатҳои ҷавобгарии молумулкӣ, тарафҳо одатан ҳолатҳои ба қувваи рафънопазир дохилбударо васеъ тавсиф мекунанд, ки мақсадашон саркашӣ намудан аз ҷавобгарии молумулкӣ мебошад.

## 3.2. Ҷуброни зарари маънавӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард

Масъалаи ҷуброни зарари маънавӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард мубрам буда, чун қоида ба доираи масоили баҳсталаби соҳаҳои гуногуни илмҳои ҳуқуқӣ шомил аст. Муқаррароти Конститутсияи ҶТ тақозои онро дорад, ки асосҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба талаботи меъёрҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯ бошанд. Вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ дар кадом соҳае набошанд, на танҳо асосҳои шаклгирии

шахсият, инчунин ба қобилияти истодагарии шахс таъсири манфӣ мерасонад. [70, с. 4]

Бинобар ин лозим аст, ки механизми мушаххаси ҳуқуқӣ баҳри амалӣ ва ҳимояи онҳо дар доираи соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ коркард карда шавад. Ҷои махсус баҳри ҳалли масъалаи мазкур ба институти маданӣ-ҳуқуқии ҷуброни зарари маънавӣ дода шудааст. Шаклгирии институти ҷуброни зарари маънавӣ дар ҳуқуқи Тоҷикистон тавлидгари қазияҳои назариявию амалӣ мебошад.

Назариячиён бо мурури вақт ба падидаи мазкури ҳуқуқи маданӣ диққати зиёд ҷалб карда истодаанд. Айни ҳол ба ақидаи мутухассисон, ҳалли бархе аз суолҳои бавуҷудомада дар атрофи ҷуброни зарари маънавӣ аҳаммияти беандоза касб намудааст, аз қабили таносуби падидаи мазкур бо дигар институтҳои ҳуқуқӣ [85, с. 9].

Худи мафҳуми «зарари маънавӣ» низ назарияи ягонаи истифодашаванда набуд. Ба сифати синоними мафҳуми маънавӣ истилоҳҳои «ғайримоддӣ, ғайримолумулкӣ, руҳӣ, инчунин психикӣ истифода мегардид» [29, с. 75]. Худи калимаи «маънавиёт» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳамчун «олами фикрӣ ва руҳӣ» [75, с. 665] тафсир ёфтааст, инчунин калимаи «маънавӣ» бошад, яъне мансуб ба маънӣ, фикрӣ, руҳӣ, муқобили моддӣ омадааст.

Зери мафҳуми зарари маънавӣ азобу уқубати ҷисмонӣ фаҳмида мешавад (моддаи 16 КМ ҶТ). Муайян намудани зарари маънавӣ ҳамчун азобу уқубат маънои онро дорад, ки амали зараррасон бояд дар таффакури ҷабрдида таассурот расонида, аксуламали руҳии муайянро ба бор орад.

Дигаргуниҳои манфие, ки дар натиҷаи расонидани зарари маънавӣ фаро мерасанд, дар шакли хиссиёти манфӣ (азоби ҷисмонӣ) ё ғамхӯрӣ (азоби руҳӣ) таҷассум меёбанд. Мазмуни ғам хӯрдан дар шакли тарс, шарм, пастзанӣ ё дигар оқибати ногувори руҳиву равонӣ ифода меёбад.

Билохира зери мафҳуми зарари маънавӣ азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва руҳӣ, ки дар шакли амал ё беамалӣ нисбати неъматҳои ғайримоддӣ, инчунин неъматҳое, ки аз лаҳзаи таввалуд ба шахс тааллуқ доранд (ҳаёт, саломатӣ,

эътиборӣ шахсӣ, эътибори корӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ё оилавӣ) ё вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ (ҳуқуқи истифодаи номи худ, ҳуқуқи муаллифӣ ва дигар ҳуқуқҳои гайримодии тибқи қонун ҳифзшаванда) ё ин ки ҳуқуқҳои шахсии шаҳрванд ифода меёбад, фаҳмида мешавад.

Мушкилии асосие, ки ҳангоми ҷуброни зарари маънавӣ барои иҷро накардан ё номуносиб иҷро кардани шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон ба вуҷуд меояд, ин арзиши сохтмон ба ҳисоб меравад. Агар роҳи автомобилгард бо маблағи калон сохта шавад, пас андозаи ҷуброни зарари маънавӣ, низ калон мешавад, дар ҳолати баръакс бошад, андозаи он коҳиш меёбад.

Ба ибораи дигар падидаи ҷуброни зарари маънавӣ муддати тулонии даврони Шуравӣ таҳти интиқод қарор дошт: «ҳамчун зуҳуроти пастзанандаи шарафи инсони шуравӣ». Таҳқиқи институти мазкур бегона буд. Чунки дар доктринаи ҳуқуқи шуравӣ падидаи ғарб пиндошта мешуд [89, с. 57].

Ба андешаи П.З. Мирзозода ҷуброни зарари маънавӣ бояд ҳолати мушаххас ва шахсияти зарардидаро новобаста аз қолабҳо ба монанди ҳадди ақали музди меҳнат ва дигар чаҳорчӯбаҳо ба инобат гирифта шавад [117, с. 23].

Ба андешаи муаллиф хусусиятҳои равонӣ ва моддии ҳар як шахс ҳангоми муайян намудани андозаи зарари маънавӣ аз якдигар фарқ дошта, гуногун баҳо дода мешаванд.

Инчунин муаллиф ба хулосае меояд, ки зарари барои шахсони воқеӣ дар ҳолати вайрон намудани ҳуқуқҳои алоқаманд ба неъматҳои ғайримоддӣ, ки ҷуброн мегардад, ба шахсони ҳуқуқӣ низ бояд татбиқ гардад, чунки онҳо низ эътибори корӣ доранд ва дар ҳолати паст гардидани эътибори корӣ зарари моддӣ ба онҳо мерасад [117, с. 23].

Бояд ёдрас шуд, ки олими ватанӣ Ш. Менглиев инкишофи назарияи зарари маънавиро ба чор зина, ки дар асоси такмили қонунгузории маданӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ва пас аз пошхуриаш дар Ҷумҳуриҳои мустақил таснифбандӣ мнамояд. Зинаи аввал солҳои 1922 -1961 ки бо қабули Кодекси

мадании ҶШСФР соли 1922 ва қабули Кодекси мадании ИҶШС соли 1961 рост меояд [57, с. 75].

Марҳилаи навбатӣ аз солҳои 1961-1990 иборат буда, то қабули қонунҳое, ки бевосита ҷуброни зарари маънавиро пешбинӣ менамуданд. Марҳилаи сеюм дарбаргирандаи солҳои 1990 то пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ниҳоят марҳилаи инкишофи қонунгузории миллӣ дар партави гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ [57, с. 7].

Мафҳуми зарари маънавӣ дар қонунгузории Тоҷикистон бо қабули Қарори Пленуни суди олӣ «дар бораи таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ оид ба ҳимояи шаъну шараф ва эътибори кории корхона» аз 4 июни 1992 таҳти № 8 мустаҳкам гардид.

Дар Қарори Пленуми Суди Олӣ аз 23 декабри соли 2011 «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» қайд шудааст, ки ҳолати қарори номбаршуда бо аслият, тафсири васеъ ва мушаххасият дар он, инчунин таносуб байни зарари расонидашуда ва ҷавобгарӣ дида намешавад.

Билохира мувофиқи мафҳуми зарари маънавӣ азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва руҳӣ, ки дар шакли амал ё беамалӣ ба неъматҳои ғайримоддӣ инчунин неъматҳое, ки аз лаҳзаи таввалуд ба шахс тааллуқ доранд (ҳаёт, саломатӣ, эътиборӣ шахсӣ, эътибори корӣ, дахлнопазири ҳаёти шахсӣ ё оилавӣ) ё вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ (ҳуқуқи истифодаи номи худ, ҳуқуқи муаллифӣ ва дигар ҳуқуқҳои ғайримоддии тибқи қонун ҳифзшаванда) ё ин ки ҳуқуқҳои шахсии шаҳрванд, фаҳмида мешаванд.

Ҳангоми расонидани зарари молумулкӣ зарари маънавӣ ҷуброн намешавад (ба истиснои муносибатҳое, ки бо Қонуни ЧТ «дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда» [12]. Зарари маънавие, ки истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқҳои бо қонунгузорӣ пешбининамудаи истеъмолкунанда ба ӯ расондааст, аз ҷониби гунаҳкор ҷуброн карда мешавад.

Зарари маънавӣ сарфи назар аз пардохти товони зиёни амволӣ ҷуброн карда мешавад. Зарари маънавӣ бо пул ҷуброн карда мешавад. Ҳаҷми ҷубронпулии зарари маънавиро суд муайян мекунад», ки барои расонидани зарари молумулкӣ, ҷуброни зарари маънавӣ пешбинӣ шудааст).

Ҳаҷми зарари расонида бинобар сабаби имконнопазирии муайян намудан, ба таъини ҷуброни зарари маънавӣ таъсир намерасонад, аммо ба андозаи он таъсир мерасонад. Муайян намудани андозаи ҷуброни зарари маънавӣ мураккаб аст, аммо ба ҷомеа лозим аст. [57, с. 75]

Асосҳои умумӣ аз ҷониби олимони ватанӣ пешниҳод гардидаанд ба монанди Ш.М. Менглиев ба сифати маҳакҳои умумии муайян намудани зарари маънавӣ хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ, дараҷа ва оқибати ҳуқуқвайронкунӣ, вазъи моддии зараррасон ва хусусиятҳои инфиродии ҷабрдидаро пешниҳод мекунад [57, с. 75].

Масоили асосие, ки ҳангоми ҳалли қазияи маҳакҳои андозаи ҷуброни зарари маънавӣ ба миён меоянд чунинанд:

1) Магар гуноҳи ҷабрдида аҳаммит дорад;
2) Агар дошта бошад, пас дараҷаи ин гуноҳ чӣ;
3) Таҳти мафҳуми азобу шиканҷаи руҳию ҷисмонӣ ва дараҷаи он чиро бояд фаҳмид;
4) Бо кадом восита азобу шиканҷаи ҷуброни зарар бояд баҳо дода шаванд;
5) Чӣ тавр мавҷудият ва дараҷаи азобу шиканҷаи зарари маънавиро бояд исбот намуд (хусусан руҳӣ);
6) Кадом ҳолатҳои дигари қобили таваҷҷуҳ бояд ба инобат гирифта шаванд;
7) Таҳти талаботи одилӣ ва оқилӣ чиро бояд фаҳмид;

Ҷуброни зарари маънавӣ яке аз воситаҳои воқеии ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва манфиати шаҳрвандон буда, баҳри барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда истифода мегардад. Инчунин мувофиқатии таркиби меъёрҳои ҳимоя ва ҷавобгарӣ ҷой дорад. Истифодаи меъёрҳои

ҷавобгарӣ иловатан аз бесамарии меъёрҳои ҳимоя дарак медиҳанд. Дар ҳолати мазкур С.С.Алексеев дуруст қайд менамояд, ки меъёрҳои ҳимоя ва ҷавобгарӣ алоқамананд [21, с. 281].

Инчунин омадааст, ки азоби ҷисмонию рухӣ метавонад алоқа дошта бошад бо:

– аз даст додани ақрабо, имконнопазирии пешбурди ҳаёти фаъоли ҷамъиятӣ;

– аз даст додани кор;

– ошкоргардии сирри оилавӣ ва тиббӣ;

– паҳн намудани маълумоти дурӯғ, ки шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандро паст мезанад, маҳрум ё маҳдуд намудани ҳуқуқ». Минбаъд бо қабули кодекси нав асосҳои ҷавобгари нишондоди васеъ истифода гардид, ки мисолҳои мазкури таҷриба гувоҳи онанд.

Андозаи ҷуброни зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ инчунин дараҷаи гуноҳи зараррасон, дар ҳолатҳое ки агар гуноҳ асоси ҷуброн бошад, аз ҷониби суд муайян карда шавад. Ҳангоми муайян намудани андозаи ҷуброни зарар бояд талаботи оқилона ва одилона ба инобат гирифта шавад.

Дар қонунгузории ҶТ мустаҳкам шудани меъёр дар бораи ҷуброни зарари маънавӣ ифодагари бевоситаи волоияти шахс ва ҳуқуқҳои шахсии шаҳрванд мебошанд. Падидаи ҷуброни зарари маънавӣ воситаи асосии ҳимояи неъматҳои ғайримоддӣ мебошад. Барои ҳамин дар рафти қонунэҷодкунии ватанӣ лозим аст, ки ба дастовардҳои замонавии илмҳои психология ва тиб аҳаммияти ҷиддӣ дод.

Бинобар сабабе ки меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ маҳаки мушаххасро пешбинӣ намекунад ва дар асоси муқаррароти абстрактӣ ба монанди хусусиятҳои инфиродии ҷабрдида, талаботи оқилона ва одилона боиси татбиқи гуногунрангии қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти судӣ гардида, сабаби мухталифият ва риоя нагардидани пайдарҳамӣ мегардад.

Ҳангоми муайян намудани маҳакҳои муқарраркунандаи ҷуброни зарари маънавӣ ҳолатеро бояд ба инобат гирифт, ки азобу шиканҷа категорияи физиологӣ ва психологӣ мебошанд на ҳуқуқӣ ва барои муайян намудани азобу шиканҷа бояд дастовардҳои тиббӣ истифода гарданд.

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримоддӣ аз рӯйи маҳаки мақсади ба амал баровардани онҳо тасниф шудаанд:

1) ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки бехатарии ҷамъиятии шахсро таъмин менамоянд: ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба саломати, ҳуқуқ ба беҳбудии муҳити атроф ва ғайра;

**2)** ҳуқуқҳое, ки ба ташаккули фардии шахсият дахл дорад: ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба симои шахсӣ ва нуктаи назар, ақида, ҳуқуқ ба шаъну шараф, эътибори корӣ;

**3)** ҳуқуқҳое, ки мухторияти шахсро дар ҷомеа таъмин менамояд: ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии мукотибот, гуфтугӯи телефонӣ ва ахбори телеграфӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ва ғайрахо.

Шаъну шараф ва эътибори корӣ аз зумраи чунин неъматҳо мебошанд, ки бегонашаванда ва муқаддасанд [106, с. 29].

Дар қатори зарари моддӣ (аз даст додани қитъаи замин, бино ё ин ки ҳосил) ба шаҳрвандон инчунин зарари маънавӣ низ расонида шуданаш имконият дорад, аз ҷумла, азобу уқубати ҷисмонӣ ва руҳӣ, ки аз тарафи давлат ва ташкилотҳои паймонкорӣ расонида шудааст. Масъалаи ҷуброни зарари маънавӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ якранг нест.

Рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар меҳвари сиёсати ҶТ қарор дошта, сохтмони роҳҳои автомобилгард бошад, ба рушди иқтисодиёт ва пойдории муносибатҳои байналмиллалӣ замина мегузоранд. Инчунин бояд қайд намуд, ки сохтмони роҳҳои автомобилгард ба маҳдуднамоии ҳуқуқҳои маданӣ, гирифтани қитъаҳои замин аз шаҳрвандон, таъсири ба муҳити зист ва шароити зиндагӣ алоқаманд мебошад.

Мувофиқи моддаи 16 КМ ҶТ зарари маънавӣ дар азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ ифода ёфта, дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ё амалҳои суиқасдона ба неъматҳои дигари ғайримолумулкӣ ба шахс расонида мешавад. Дар таносуб аз зарари моддӣ, зарари маънавӣ арзиши муайяни пулӣ надошта аз ҷониби суд вобаста ба ҳолати мушаххас татбиқ мегардад.

Бо назардошти сохтмони роҳҳои автомобилгард зарари маънавӣ дар гирифтани қитъаи замин барои ниёзи давлат, бад шудани шароити зиндагӣ бинобар овози нақлиёт ва таъсир ба муҳити зист ифода меёбад.

Инчунин бояд ёдрас шуд, ки дар моддаи 836 КМ ҶТ, ки товони зарари маънавӣ тибқи шартномаи пудратӣ дар сохтмон ном гирифтааст, зарар ба шахси воқеӣ-фармоишгар дар натиҷаи аз ҷониби пудратчӣ расониданӣ он дар назар дошта шудааст, дар сурати мавҷуд будани гуноҳ аз ҷониби пудратчӣ мувофиқи қонунгузорӣ ҷуброни зарар пардохт мегардад. Дар ин ҳолат бояд ёдрас шуд, ки фармоишгари сохтмони роҳҳои автомобилгард одатан давлат ба ҳисоб рафта, одатан дар доираи ҷуброни зарари моддӣ маҳдуд мегардад.

Ҳамин тавр зарари маънавӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард аз доираи муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ баромада соҳаҳои оммавиро низ фаро мегирад. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии зарари маънавӣ аз ҷониби маҷмуи меъёрҳо танзим гардидааст, аз ҷумла дар Кодекси маданӣ м. 16 – Товони зарари маънавӣ, м. 455 – товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи вайрон кардани ӯҳдадорӣ расонда шудааст, моддаи 836 – Товони зарари маънавӣ дар шартномаи пудратӣ дар сохтмон, моддаи 1226 – Андозаи товони зарари маънавӣ [13].

Таҷрибаи судии ҶТ оид ба даъвоҳо ҷиҳати рӯёнидани товони зарари маънавӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард кам ба назар мерасад. Чун ба мо маълум аст, фармоишгари асосии сохтмони роҳҳои автомобилгард асосан давлат баромад менамояд, аз ин рӯ ҳангоми ба фоидаи давлат гирифтани манзили истиқоматӣ ва ё ин ки қитъаҳои замин тамоми баҳсҳои мавҷуда

доир ба зарари руҳӣ ва равонӣ ба шаҳрвандон дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад, ки шаҳрвандон минбаъд ба даъво кардан ниёз надоранд.

Дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳое низ вомехӯранд, ки шаҳрвандон дар натиҷаи ба роҳ мондани сохтмони иншоотҳои таъиноти гуногун ба баҳсҳое рӯ ба рӯ мегарданд, ки ба манфиатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд аст. Бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва рушди сохтмон, риоя намудани талаботҳои шаҳрсозӣ аҳаммияти хосса пайдо кардааст.

Санади судии Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои мадании Суди Олии ҶТ аз 14 апрели соли 2025 вобаста ба баҳси байни шаҳрвандон Н.М. ва Қ.У. аз он гувоҳӣ медиҳад, ки меъёру қоидаҳои шаҳрсози, аз ҷумла, роҳи автомобилгард ки бо хатти сурх ишора гардидааст, татбиқи худро ёфтаанд.

Мувофиқи моддаи 2 Кодекси шаҳрсозӣ «хатти сурх» сарҳадест, ки иншоот, маҳалҳо ва дигар унсурҳои банақшагирифтаро аз кӯчаҳо, хиёбонҳо ва роҳҳои автомобилгард ҷудо менамояд.

Дар парвандаи баррасигардида суд бо дарназардошти меъёри мазкур муайян намудааст, ки ба Қ.У. қитъаи замини иловагӣ дар ҳудуде фароҳам оварда шудааст, ки ба хатти сурхи муҳофизатии шоҳроҳи Ваҳдат – Файзобод дохил мешавад. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки хатти сурх на танҳо меъёри техникӣ, инчунин маҳдудияти ҳуқуқӣ низ мебошад.

Мувофиқи қисми 5 моддаи 42 Кодекси шаҳрсозӣ муқаррар шудааст, ки ҳангоми додани қитъаи замин ё тағйир додани сарҳад, риояи хатти сурх ва дигар талаботи шаҳрсозӣ ҳатмӣ мебошад. Дар амалия, аксар баҳсҳо маҳз бинобар сарфи назар кардани талаботи мазкур аз ҷониби мақомоти маллӣ ба миён меоянд.

Санади судӣ марҳилаи аввал муайян намуд, ки қарори раиси шаҳри Ваҳдат, ки тибқи он 44 метри мураббаъ замин дар ҳудуди хатти сурх вобаста карда шудааст, хилофи талаботи қонун мебошад, яъне қарори мазкур бинобар сабаби мухолифат ба меъёрҳои шаҳрсозӣ, хусусан меъёрҳои алоқаманд ба сохтмони роҳҳои автомобилгард эътибори ҳуқуқӣ надорад.

Сохтмони роҳҳои автомобилгард бешак ифодагари манфиатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, аз ин рӯ ҳангоми бархӯрди манфиатҳои ҷамъиятӣ бо манфиатҳои шахсӣ бешак афзалият ба манфиатҳои ҷамъиятӣ дода мешавад.

Нофобаста аз он ки шаҳрванд Қ.У. нисбат ба қитъаи замин ҳуҷҷатҳои дахлдор, аз ҷумла, шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ ва санадҳои қонунигардониро доро буд, ҳуҷҷатҳои мазкур аз ҷониби суд бо мақсади амнияти роҳ ва талаботи шаҳрсозӣ беэътибор дониста шуданд.

Ҳолати таҳлилшдуа гувоҳи он аст, ки аҳаммияти сохтмони роҳҳои автомобилгард нақши муҳимро дар ҷомеа касб намудааст. Боиси ёдоварист, ки дар баҳси мазкур нақши ҳалкунандаро экспертизаи муҳандисию сохтмонӣ дорост, чун дар натиҷаи экспертиза маълум гардид, ки ғасби замин вуҷуд надорад, аммо сохтмони иншоот дар масофаи ғайриқонунӣ аз «хатти сурхи муҳофизатии роҳи автомобилгард» ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба парвандаи мазкур метавон хулоса намуд, ки речаи ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ва талаботи бехатариву шаҳрсозӣ, ба манфиати шахсони сеюм низ равона гардидааст.

Дар Қарори Коллегияи судии Суди Олӣ аз 14 апрели соли 2025 мушоҳида мегардад, ки меъёрҳои Кодекси шаҳрсозӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгард на танҳо дар доираи муносибатҳои фармоишгар ва паймонкор маҳдуд мегарданд, инчунин фарогири ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони сеюм низ мебошанд, ки зарари моддӣ ва маънавиро ба инобат мегирад [141].

Бояд ёдрас шуд, ки одатан дар доираи ҷуброни зарари молу мулки ғайриманқул дар доираи ҳисоб намудани арзиши молу мулк инчунин ҳолати равонии шахс низ ба инобат гирифта мешавад.

Аз ҷумла, мутобиқи шартномаи № 109 Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмини роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» оид ба пардохти ҷуброни зарари молу мулки ғаёриманқули бартарафшавандаи садди роҳи иншооти «Сохтмони роҳи автомобилгарди дусатҳа дар чорроҳаи хиёбонҳои С. Шерозӣ ва Ҳ. Шерозӣ пайваст ба кӯчаи А. Қаҳҳоров», аз 30 июни соли 2025, ки ҷуброндиҳанда Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон,

азнавсозӣ ва таъмири роҳу купрукҳои шаҳри Душанбе»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва шаҳрванд Б.Д., ҳамчун соҳибмулк аз тарафи дигар мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 310 Кодекси мадании ҶТ, моддаҳои 14 ва 66 Кодекси шаҳрсозии ҶТ ва моддаҳои 7,37-40 Кодекси замини ҶТ ба чунин мувофиқа омаданд.

Пардохти ҷуброни зарари молу мулки ғайриманқули бартарафшавандаи садди роҳи иншооти «Сохтмони роҳи автомобилгарди дусатҳа дар чорроҳаи хиёбонҳои С.Шерозӣ ва Ҳ.Шурозӣ пайваст ба кӯчаи А.Қаххоров», буда, дар қитъаи замин баробар ба масоҳати 455 м² барои эҳтиёҷоти давлатӣ бо мақсади васеъ кардани роҳҳои автомобилгард гирифта мешавад.

Мувофиқи маълумотномаи Раёсати корхонаи фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар шаҳри Душанбе ҳисоботи нархгузории Корхонаи воҳиди давлатии «Баҳогузорӣ (нархгузорӣ)» – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва хулосаи гурӯҳи корӣ 199,6м² - ро ташкил медод.

Ҷуброни зарари молу мулкӣ тибқи ҳисоботи Корхонаи воҳиди давлатии «Баҳогузорӣ (нархгузорӣ)» – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва хулосаи гурӯҳи корӣ 995 698 (нӯҳсаду наваду панҷ ҳазору шашсаду наваду ҳашт) сомониро ташкил медиҳад. Маблағҳои мазкур аз ҳисоби буҷети шаҳри Душанбе пардохт карда мешаванд.

Дар натиҷа ба соҳибмулк дар давоми ҳафт рӯз баъд аз гирифтани маблағи ҷуброни зарар барои гирифтани масолеҳи бинокорӣ бо риояи қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ, зидди сӯхтор, тартиботи ҷамъиятӣ, маъёру қоидаҳои бартарафсозӣ ва таъмири бехатарии ҷалби меҳнат, афзалият дода мешавад [142].

Аслан дар муносибатҳои мазкур мушкилиҳое мавҷуданд, ки бояд онҳоро бартараф намуд, аз ҷумла:

1. Набудани меъёрҳои мушаххас доир ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард;

2. Мавҷуд набудани таҷрибаи якранги судӣ, ки ҳолатҳои мазкур ба таври гуногун ҳал мегарданд;

3. Бартарияти моликият. Одатан зарари маънавӣ сарфи назар мегардад. Чунки таваҷҷуҳ бештар ба баҳодиҳии манзил ва қитъаи замин равона мегардад;

4. Мушкилӣ дар исботнамоии мавҷудияти азобу уқубати руҳӣ ва ҷисмонӣ.

Дар ин асно, якчанд тадбирҳоеро бояд андешид, ки ба мукаммал намудани қонунгузорӣ бояд оваранд:

- бо ташаббуси қарорҳо ва тафсирҳои Суди Олии ҶТ маҳакҳои муайянкунандаи товони зарари маънавӣ дар лоиҳаҳои сохтмонӣ:
- баланд бардоштани нақши экспертизаи экологӣ ва нақши омма дар ин бахш;
- муайян намудани ҳадди минималии товони зарари маънавӣ ҳангоми гирифтани манзили истиқоматӣ;
- ташаккули таҷрибаи судӣ.

Товони зарари маънавӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард яке аз унсурҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, ки таносубро байни манфиатҳои давлатӣ ва шахсӣ таъмин менамояд. Бо назардошти ташаккули маҳзани қонунгузорӣ институти мазкур ба ташаккул ниёз дорад, ба монанди муқаррар намудани маҳакҳои муайян намудани товони зарари маънавӣ ва мустаҳкам намудани таҷрҷибаи судӣ. Дар оянда чунин тадбирҳо метавонанд ба сиёсати шаҳрсозӣ ҷиҳати ба инобат гирифтани манфиати шаҳрвандон нақши муҳим дошта бошад.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳои зерин пешкаш мегарданд:

1. Дар тӯли таърих ва раванди таҳаввул, шакл ва ҳуқуқи моликият ба роҳҳои автомобилгард дигаргун шуда, танзими ҳуқуқии онҳо, махсусан барои субъектҳое, ки дар ҷараёни бунёди ин роҳҳо ба фаъолияти тиҷоратӣ машғуланд, аз нав дида баромада шудааст. Бо дарназардошти санадҳои ҳуқуқии таърихӣ ва шаклгирии иқтисоди Тоҷикистон, рушди падидаи сохтмони роҳҳои автомобилгардро метавон ба панҷ марҳилаи асосӣ тақсим кард:

– марҳилаи таҳкими Ҳокимияти Шуравӣ то соли 1929;

– марҳилаи дуюм, ки аз барномаи густурдаи сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ сарчашма гирифта, бунёди нахустин роҳҳо бо рӯйпӯши сангинро дар бар мегирад ва нақшаҳои панҷсолаи аввал ва дуюмро фаро мегирад;

– марҳилаи баъдӣ, ки ба давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост меояд ва дар он аҳаммияти аввалиндараҷа ба фронт дода шуда, сохтмони роҳҳои автомобилгард мавқеи дуюмдараҷа дошт;

– марҳилаи чорум, ки солҳои 1946 то 1990-ро дар бар мегирад, аз таъсиси Вазорати нақлиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон то ҷалби колхозҳо ва совхозҳо ба бунёди роҳҳоро дар назар дорад;

– марҳилаи панҷум, дар замони истиқлоли давлатӣ, бунёди роҳҳои автомобилгард самти нав гирифт, зеро яке аз ҳадафҳои калидӣ раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ буд.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо хусусиятҳои хоси худро дошта, дар онҳо бо дарназардошти вазъияти он давра, сохтмон ва фаъолияти тиҷоратӣ дар самти роҳсозӣ тараққӣ кардааст [8-М].

2. Роҳи автомобилгард зерсохтори моддии иншоотҳои нақлиётӣ буда, муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад. Роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумӣ ва маҳдуд, ки ба моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқ доранд, таҳти танзими меъёрҳои маданӣ-ҳуқуқӣ қарор мегиранд. Барои сабти давлатии ҳуқуқи моликият ба роҳи автомобилгард, бояд хусусиятҳои техникии зерини онро ҷудо кард:

– роҳи автомобилгард махсус барои ҳаракати мошинҳо сохта шуда, хатҳои дуқабата дошта, дорои сатҳи техникии муайян аст;

– замине, ки барои бунёди роҳ ҷудо шудааст, рӯйпӯши он ва ҳимояи он як воҳиди техникиро ташкил медиҳад;

– унсурҳои сохтории роҳ ва таҷҳизоти марбут ба он, ки бо замин ва воситаҳои техникӣ пайвастаанд, як низоими ягонаи сохтмониро ба вуҷуд меоранд.

3. Роҳи автоомбилгард ҳамчун объекти ягонаи ғайриманқул аз маҷмуи объектҳои бо ҳам алоқаманд иборат аст, ки дар таркиби он роҳи автомобилгард, инчунин дигар объектҳои инфрасохтори роҳ шомиланд: пулҳо, нақбҳо, нуқтаҳои хизматрасонии воситаҳои нақлиётӣ, нуқтаҳои ситонидани маблағ аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, чароғакҳо, лавҳадеворҳои иттилоотӣ ва ғайра.

Равише, ки мутобиқи он роҳи автомобилгард танҳо ҳамчун объекти алоҳидаи молу мулки ғайриманқул тасниф мегардад, моҳияти воқеӣ ва функсионалии онро пурра инъикос намекунад. Роҳи автомобилгард низоми муттаҳидшудаи унсурҳои бо ҳам вобаста мебошад, ки бо таъиноти ягона ва мантиқи технологӣ-истифодабарии умумӣ муттаҳид гардидаанд. Маҳз ба ҳамин сабаб табиати ҳуқуқии он дар дараҷаи бештар ба сохтори маҷмуи ягонаи объектҳои молу мулки ғайриманқул мутобиқат мекунад [12-М].

4. Дар айни замон қитъаи замине, ки барои ҷойгир намудани роҳи автомобилгард истифода мешавад, ба таркиби он ҳамчун объекти молу мулки ғайриманқул дохил намегардад. Чунин сохтор ба қонунгузории амалкунанда мутобиқат дошта, инчунин бо амалияи бақайдгирии давлатӣ тасдиқ мегардад, ки тибқи он ҳуқуқ ба қитъаи замин ва ҳуқуқ ба роҳи автомобилгард ба таври мустақилона ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд, ки ба ҷудокунии ҳуқуқ ба биноҳо ва қитъаҳои замин шабоҳат дорад. Муҳиммияти зиддияти ошкоргардида дар он ифода меёбад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ қитъаҳои заминеро, ки дар ҳудуди роҳи автомобилгард ҷойгиранд, ҳамчун унсури таркибии он баррасӣ менамоянд, дар ҳоле ки амалияи воқеӣ имконияти истифодаи қитъаҳои замини ба иҷора гирифташударо ҳангоми сохтмони роҳҳои автомобилгард иҷозат медиҳад. Ин ҳолат аз мавҷуд

будани номувофиқатӣ миёни танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии он шаҳодат медиҳад [13-М].

5. Тарҳрезии нокифоя дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» тафсири гуногуни онро дар санадҳои зерқонунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ имконпазир гардонида, муомилоти роҳи автомобилгардро дар муомилоти маданӣ мураккаб месозад. Ба назар чунин мерасад, ки роҳи автомобилгард бояд ҳамчун объекти мустақили молу мулки ғайриманқул, ки аз маҷмуи молу мулк иборат аст, муаррифӣ гардад. Дар адабиётҳои хориҷӣ низ муқаррарот доир ба роҳҳои автомобилгард шаффоф пешниҳод нагардидааст, аз ҷумла ғайриманқул будан ё набудани он. Дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ низ масъалаи мазкур ҳалли худро наёфтааст [15-М].

6. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «объектҳои хаттӣ» мавҷуд буда, ба таври мушаххас муқаррар нашудаанд, инчунин аз ҷониби ягон олим таҳлил нагардидаанд. Дар давлатҳои ҳамсоя бошад, аз ҷумла Федератсияи Руссия чунин объектҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври мушаххас муқаррар гардидаанд. Дар ҳолати муқаррар намудани чунин объектҳо мушкилӣ доир ба таври аниқ муайян намудани ҳолати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард аз байн меравад.

7. Яке аз масъалае, ки ҳангоми ба роҳ мондани сохтмони роҳҳои автомобилгард ба миён меояд, ин масъулияти паймонкорон ба ҳисоб меравад, ки пас аз ба истифода додани роҳ дар давоми муҳлати кӯтоҳ он фарсуда мегардад. Аз ин рӯ хуб мешуд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ масъулияти паймонкорон барои объектҳои махсус ба монанди (роҳҳои автомобилгард) ҷорӣ мешуд.

